ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

# РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТИ МИЛЛӢ ДАР АСОСИ АМАЛИГАРДОНИИ “БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ”

**Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ**

**(24 - 25 апрели соли 2023)**

**ҚИСМИ 2**

# УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ НА ОСНОВЕ РЕАЛИЗАЦИИ “ДВАДЦАТИЛЕТИЯ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ”

**Материалы республиканской научно-практической конференции**

**(24 - 25 апреля 2023 года)**

**ЧАСТЬ 2**

**Душанбе – 2023**

**ҲАЙАТИ ТАДОРУКОТ**

**Амонзода И.Т.** – д.и.т., дотсент, ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, раиси кумитаи тадорукот;
**Ғафоров А.А.** – д.и.т., профессор, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот;
**Тошматов М.Н**. – н.и.и., и.в. профессор, муовини ректор оид ба таълим ва сифати таҳсилот;
**Гафоров Ф.М. –** н.и.и., и.в. дотсент, муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълим;
**Бобоев Х.Б.** – д.и.т., профессор, муовини ректор оид ба масоили иҷтимоӣ ва равобити хориҷӣ;
**Абдумуминзода С. –** н.и.ф., и.в. дотсент, муовини ректор оид ба тарбия;
**Негматова Г.Д.** – н.и.ф.-м., дотсент, сардори идораи таълим;
**Ҳакимов Ғ.Қ.** – н.и.т., и.в. профессор, декани факултети муҳандисӣ–технологӣ;
**Иброҳимов Х.И**. – д.и.т., и.в. профессор, декани факултети технология ва дизайн;
**Зарифбеков М.Ш.** – н.и.ф.-м., дотсент, декани факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;
**Сатторов А.А.** – н.и.и., дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва молия;
**Раҳимов М.И.** – н.и.и., дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ;
**Озодбекова Н.Б.** – н.и.ф.-м., дотсент, декани факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ;
**Насриддинов М.Ш. -** н.и.и., дотсент, декани факултети таҳсилоти фосилавӣ ва ғоибона;
**Яминзода З.А.** – н.и.т., декани факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Белорус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;
**Ҳасанов А.Р.** - н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ;
**Рабиева Т.М**. – н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи магистратура.

**ОРГКОМИТЕТ**

**Амонзода И.Т.** – д.т.н., доцент, ректор Технологического университета Таджикистана, председатель оргкомитета;
**Гафаров А.А.** – д.т.н., профессор, проректор по науке и внедрению;
**Тошматов М.Н**. – к.э.н., и.о. профессора, проректор по учебной работе и управлению качеством образования;
**Гафаров Ф.М. –** к.э.н, и.о. доцента, проректор по инновации и образовательным технологиям;
**Бобоев Х.Б.** – д.и.н., профессор, проректор по международным связям и социальным вопросам;
**Абдумуминзода С. –** к.ф.н., и.о. доцента, проректор по воспитательной работе;
**Негматова Г.Д**. – к.ф.-м.н., доцент, начальник учебного управления;
**Хакимов Г.К.** – к.т.н., доцент, декан инженерно-технологического факультета;
**Иброхимов Х.И.** – д.т.н., профессор, декан факультета технологии и дизайна;
**Зарифбеков М.Ш. -** к.ф.-м.н., доцент, декан факультета информационных и коммуникационных технологий;
**Сатторов А.А.** – к.э.н., доцент, декан факультета экономики и финансов;
**Рахимов М.И.** – к.э.н., доцент, декан факультета менеджмента и международного маркетинга;
**Озодбекова Н.Б.** – к.ф.-м.н., доцент, декан факультета телекоммуникации и профессионального образования;
**Насруддинов М.Ш**. - к.э.н., доцент, декан дистанционного и заочного факультета;
**Яминзода З.А.** - к.т.н., декан совместного факультета Государственного университета Полоцка Республики Белоруссии и Технологического университета Таджикистана;
**Хасанов А.Р.** - к.э.н., доцент, зав. отделом подготовки научных и научно - педагогических кадров;
**Рабиева Т.М.** - к.э.н., доцент, начальник отдела магистратуры.

Муҳаррири матни забони русӣ: **Самадова З.С. – н.и.ф., дотсент;**
Муҳаррири матни забони тоҷикӣ: **Бобоева Т.Р. – н.и.ф., дотсент;**
Ороиши компютерӣ ва тарроҳӣ: **Хусейнова Н.С. – мутахассис - таҳлилгари шуъбаи илм.**

***

**Ответственность за содержание и достоверность сведений, предоставляемых для опубликования, несут авторы. Редакция не несёт ответственности за содержание предоставленного материала. Мнение авторов публикаций может не совпадать с точкой зрения редакторов.**

**Масъулияти муҳтаво ва эътимоднокии иттилооте, ки ба нашр пешниҳод шудаанд, ба дӯши муаллифон вогузор карда мешавад. Ҳайати таҳририя ба мазмуни маводи пешниҳодшуда ҷавобгӯ нест. Андешаи муаллифони мақолаҳо метавонанд ба нуқтаи назари ҳайати таҳририя мувофиқ наоянд.**

***

**Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ “Ҳамбастагии илм бо истеҳсолот дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе: 2023. – 305 с.**

© Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2023.

# МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

## БАХШИ 4. ТАШАККУЛИ ИҚТИДОРИ САНОАТИИ МИЛЛӢ: ОМИЛҲОИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНӢ


1. **Абосзода З.И.** ТАҲЛИЛИ БУҲРОНИ МОЛИЯВИИ ҶАҲОНӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ БОЗОРҲОИ МОЛИЯВӢ................................ 8
2. **Азимов Н.Ҳ.** РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРГОНӢ ЗЕРИ ТАЪСИРИ ИҚТИДОРИ КРЕАТИВИИ ҚУВВАИ КОРӢ............................................ 11
3. **Акилҷонов Ф.Ш.** ДИГАРГУНШАВИИ СОХТОРӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ........................................ 16
4. **Анваров И.М.** УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ СЕЛЬСКИХ ТЕРРИТОРИЙ — ВЕЛЕНИЕ ВРЕМЕНИ ........................................................................ 21
5. **Ашурова Н.Э.** ВНЕДРЕНИЕ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ (ЦИФРОВЫЕ И ИННОВАЦИОННЫЕ) - КАК ИННОВАЦИОННЫЙ ПОТЕНЦИАЛ В РАЦИОНАЛИЗАЦИИ ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ............................................................................................ 23
6. **Байматова Н.И.** РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА И ЕГО РОЛЬ В ОБЩЕСТВЕ........................................................................................ 28
7. **Бегмуродов С.Ш.** НИШОНДИҲАНДАҲОИ ОМОРИИ РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН....................................... 38
8. **Гадоев А.Ҷ.** ВАЗЪИ МУОСИРИ ИНКИШОФЁБИИ САВДОИ БЕРУНАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲО ВА ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ БЕРУНА.......................................................................... 42
9. **Гафарова М.Р.** РАЗВИТИЕ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ СЕЛА: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ ................................................................. 49
10. **Гафарова М.Р.** СОЦИАЛЬНАЯ ИНФРАСТРУКТУРА СЕЛА - ВАЖНЕЙШАЯ ЭКОНОМИЧЕСКАЯ КАТЕГОРИЯ РЫНОЧНЫХ ОТНОШЕНИЙ В РТ ..................................................................................... 51
11. **Зиёӣ Р.Т.** ВАЗЪИ МУОСИРИ ШУҒЛИ ҶАВОНОН ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН................................................ 56
12. **Имомназаров М.А.** АНАЛИЗ ВНЕШНЕЙ ТОРГОВЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ............................ 59
13. **Каримов Р.** АҲАМИЯТ ВА НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИЁТИ ДАВЛАТӢ.................................... 66
14. **Касымов Л.Ф.** ТЕОРЕТИКО-МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ БИОЭКОНОМИКИ КАК ОСНОВА УСТОЙЧИВОГО ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ………. 77
15. **Қиёмидинов Ҳ., Усмонова М.А.** ГУСТАРИШИ РОБИТАҲОИ ХОРИҶИИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТИИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОН................................................................................................ 80
16. **Қурбонов Н.Б., Ҷурабеков Т.М.** ТАШАББУСИ САРИВАҚТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ОИД БА ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА АҲАМИЯТИ ОН БА ИҚЛИМИ ТОҶИКИСТОН......................................................................... 86
17. **Қосимов Л.Ф.** МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БИОИҚТИСОДИЁТ.................................................................................. 91
18. **Мадаминова Г.Н.** ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ЭКОНОМИКИ В РТ............................................. 96

| | | |
|---|---|---|
| 19. | **Маликов Ф.Ш.** ФАКТОРЫ ПОВЫШЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ........................................................................................ | 100 |
| 20. | **Марупов И.И.** ЦЕНОВАЯ СТРАТЕГИЯ И ИНВЕСТИЦИОННАЯ СТРАТЕГИЯ ПРЕДПРИЯТИЯ............................................................... | 105 |
| 21. | **Маҳмадҷонов И.Қ., Ризвонова У.М.** САМТҲОИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН....................... | 108 |
| 22. | **Муloджонов Б.А.** ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО МЕХАНИЗМА РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН............................................................. | 112 |
| 23. | **Муродова М.Дж.** ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ГЕНДЕРНЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ РЫНКА ТРУДА......................................................... | 116 |
| 24. | **Нажмидинов Б.З.** СОХРАНЕНИЕ ЛЕДНИКОВ ТАДЖИКИСТАНА В КОНТЕКСТЕ ОБЪЯВЛЕНИЯ 2025 ГОДА МЕЖДУНАРОДНЫМ ГОДОМ ЗАЩИТЫ ЛЕДНИКОВ............................................................. | 120 |
| 25. | **Назаров Т.Р.** САМТҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶТ..................................................................................... | 124 |
| 26. | **Парвонаева Х.З.** ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА ЭФФЕКТИВНОСТЬ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ ВУЗА В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ........................................................................................ | 127 |
| 27. | **Раҳмонов Р.З., Назирзода К.З., Ҷурабеков Т.М., Ҳоҷиев А.Э.** МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМ ВА ҒАФСИИ ПИРЯХИ ҒАРМО БО ИСТИФОДА АЗ ИФОДАҲОИ МАТЕМАТИКӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ........................................................................................ | 132 |
| 28. | **Сафоев Ҳ.С.** ТАКМИЛИ РУШДИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ АСОСӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ........... | 136 |
| 29. | **Тошматов С.М.** ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ СОДЕРЖАНИЯ И ОСОБЕННОСТИ ИНВЕСТИЦИОННЫХ РЕСУРСОВ........................... | 140 |
| 30. | **Усманова М.А.** УСТОЙЧИВОЕ ПРЕДПРИНИНИМАТЕЛЬСТВО КАК ФАКТОР И УСЛОВИЯ РАЗВИТИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА…………………………………………………………………… | 144 |
| 31. | **Холматов У.Т.** НАҚШИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР...................................................................... | 148 |
| 32. | **Ҳасанов А.Р., Собирҷонов А.С.** ТАҲЛИЛИ ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТРАНСФЕРТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ...................................................................................... | 153 |
| 33. | **Ҳасанов Б.Г., Ҳасанова Р.Г.** ТАДҚИҚОТИ ИЛМИИ ОЛИМОН ДАР БОРАИ ОБ ВА ХОТИРАИ ОН ………………………………………….. | 158 |
| 34. | **Шарифзода Ш.Р., Сафоев Ҳ.С.** БАХШИ ХУСУСӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ҶАЛБНАМОИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН................................................................ | 163 |
| 35. | **Шоев Д.М.** ЗИНАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАДҚИҚОТИ МАРКЕТИНГӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ.......................... | 168 |
| 36. | **Шохзода Н.И.** ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ РЫНКА ЭКОЛОГИЧЕСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН........... | 171 |

37. **Шукуров Н.Ш.** РАВАНДИ ТАКМИЛДИҲИИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН........ 176
38. **Эгамбердиева Д.** РУШД ВА ИСТИФОДАБАРИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР МУҲИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ................................ 181
39. **Азимова М.Р., Шарипова Н.Т.** ИСТОРИЯ И РАЗВИТИЕ ЮВЕЛИРНОГО ИСКУССТВА........................................................................................ 185
40. **Азимова М.Р.** ДИЗАЙН ОДЕЖДЫ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ................ 188
41. **Асомуддини А.** РАВАНДИ ГУФТУШУНИД ВА ИСТИҚРОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ ТОҶИКОН АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚОНИ ХОРИҶӢ.......... 191
42. **Асомуддини А.** ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ ТОҶИКОН ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ..................... 194
43. **Бобоева Т.Р.** ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ ТАФАККУР ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ ШАХСИЯТ..................................................................................... 198
44. **Валиев Э.Н., Валиева М.Ҷ., Халимова М.Ҷ.** МАРҲИЛАҲОИ ТАЪРИХИИ МӮД БО УСЛУБИ “ЭТНО” ДАР МӮДИ ҲОЗИРАЗАМОН.. 202
45. **Вахобова А.А., Ризвонова У.М.** РАЗВИТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО И ТЕХНИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ………………………………………… 208
46. **Гулаҳмадов Ш.Н., Акбарова М.Ғ.** АРХЕОЛОГИЯИ ДОНИШ ВА СУБЪЕКТ ДАР ЭҶОДИЁТИ М. ФУКО.................................................. 211
47. **Джураева С.Н.** АКТУАЛЬНЫЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ НА ФОРМИРОВАНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ СПЕЦИАЛИСТА В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ………………………………………………….. 218
48. **Заробекова А.А.** ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ........................................................................ 221
49. **Зухурова С.Н.** ИСТОРИЯ КОСТЮМА КУЛЯБА.................................... 225
50. **Искандарова Г.А.** ИМПЛЕМЕНТАЦИЯ ТЕХНОЛОГИЙ РАЗВИТИЯ КРИТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ НА ЗАНЯТИЯХ НЕМЕЦКОГО ЯЗЫКА.................................................................................................... 229
51. **Курбоншоева Л.М.** ИСТОРИЧЕСКАЯ ОДЕЖДА ТАДЖИКОВ…………. 233
52. **Маликов Н.Х.** НАҚШИ ДАСТУРҲОИ МЕТОДӢ ДАР РАВАНДИ ДАРСҲОИ АМАЛИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ……………………………… 239
53. **Маликов Н.Х.** МУОШИРАТИ ФАЪОЛИ ДОНИШҶӮЁН - ОМИЛИ АСОСИИ МУВАФФАҚИЯТ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ...................................................................................................... 244
54. **Мирзоева Ф.С.** МАЪРИФАТИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ДАР АВРУПО...................................................................................................... 249
55. **Норов Ф.Ф., Ҳайдаров О.Б.** ТЕХНОЛОГИЯИ ИСТИФОДАИ РАНГҲОИ РАВҒАНӢ ДАР ТАСВИРИ МАНЗАРА...................................................... 252
56. **Норов Ф.Ф.** ОСОБЕННОСТЬ ИНТЕРАКТИВНЫХ ФОРМ ОБУЧЕНИЯ В ОРГАНИЗАЦИИ УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА.......... 254
57. **Нурова К.А.** ЧАНД ПАҲЛУИ ЯК ВОЖА.................................................. 258
58. **Нурулоева З.К.** ИГРОВЫЕ ТЕХНОЛОГИИ КАК ОСНОВА ИЗУЧЕНИЯ РУССКОГО ЯЗЫКА СТУДЕНТАМИ НАЦИОНАЛЬНЫХ ГРУПП......... 260
59. **Ризвонова У.М., Маҳмадҷонов И.Қ.** ТАЪСИРИ УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ........ 263

60. **Сайфулоева Н.А.** ИСТОРИЯ КОРСЕТНЫХ ИЗДЕЛИЙ............................ 266
61. **Содиқова С.А.** РУШДИ АНЪАНАҲОИ ОРОИШ БО РАНГ ВА МУНАҚҚАШГАРДОНИИ МАҲСУЛОТИ КЕШБОФӢ............................ 269
62. **Таирова Д.Р.** ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ И РОЛЬ РУССКОГО ЯЗЫКА В ПОИСКОВОЙ СИСТЕМЕ........................................................................................................ 272
63. **Усманова ДЖ.К.** АНТРОПОМЕТРИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ОПРЕДЕЛЕНИЯ НОРМАЛЬНОСТИ ВЕСА И УРОВНЯ ФИЗИОЛОГИЧЕСКОГО СОСТОЯНИЯ ЧЕЛОВЕКА............................ 275
64. **Ҳамрокулова З.У.** АЗ ТАЪРИХИ НАЗАРИЁТИ АДАБӢ ДАР ҲАВЗАИ ҲИНД............................................................................................................ 279
65. **Холикова Г.Х.** ТАДЖИКСКИЕ НАЦИОНАЛЬНЫЕ ОРНАМЕНТЫ И ИХ РАЗЛИЧНЫЕ ЗНАЧЕНИЯ………………………………………………… 283
66. **Хусанова Т.К.** ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ БУДУЩИХ СПЕЦИАЛИСТОВ............ 286
67. **Ҳакимова З.Ғ.** САНЪАТИ ОРОИШИ САРУ РӮЙ ВА ИСТИФОДАИ АТРИЁТ ДАР ДАВРАИ ҚАДИМ.................................................................... 289
68. **Шамирова С.Ш.** ПАРОНИМИЯ КАК ЯЗЫКОВОЕ ЯВЛЕНИЕ................. 291
69. **Шамсова Б.К.** РАҚОБАТПАЗИРИИ МУТАХАССИСИ МУОСИР БА ИХТИСОСИ ОЯНДА........................................................................... 298
70. **Шарипов Ч.Х., Диловаршоев Р.С.** ВЛИЯНИЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ НА УЧЕБНУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ СТУДЕНТОВ……............ 300
71. **Шарипов Ч.Х., Диловаршоев Р.С.** ТИПЫ НЕРВНОЙ СИСТЕМЫ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА УСПЕВАЕМОСТЬ…………………………………….. 302

# БАХШИ 4.

# ТАШАККУЛИ ИҚТИДОРИ САНОАТИИ МИЛЛӢ: ОМИЛҲОИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНӢ

# СЕКЦИЯ 4.

# ФОРМИРОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ПРОМЫШЛЕННОГО ПОТЕНЦИАЛА: ВНУТРЕННИЕ И ВНЕШНИЕ ФАКТОРЫ

# ТАҲЛИЛИ БУҲРОНИ МОЛИЯВИИ ҶАҲОНӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ БОЗОРҲОИ МОЛИЯВӢ

**Абосзода З.И.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар тамоми таърихи инсоният дар сайёрае, ки мо умр ба сар мебарем, беш аз даҳҳо маротиба буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ ба амал омадаанд, ки падидаҳои манфии худро дар соҳаи сиёсӣ, молиявӣ, бонкӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ расонида, боиси пайдоиши буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ гаштаанд.

Буҳрони молиявии ҷаҳонии соли 1929.

Аз ҷумла буҳрони молиявии ҷаҳонии соли 1929 ба чунин ҳолат табдил ёфт, ки арзиши саҳмияҳо якбора паст шуд, фаъолияти соҳибкорӣ коҳиш ёфт, ки оқибатҳои бекорӣ, муфлисшавии ширкатҳои молиявӣ ва истеҳсолӣ, таваррум ва фурӯпошии иқтисодиётро ба бор овард. Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва як қатор мамлакатҳои Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ танҳо дар соли 1932 бо андешидани тадбирҳо оид ба тағйир додани вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва бонкӣ аз ин ҳолат баромада тавонистанд.

Буҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2008.

Аз ҷиҳати миқёс ба «депрессияи бузург» муқоисашавандаро буҳрони ҷаҳонии молиявии соли 2008 меноманд, ки бори аввал дар таърихи инсонияти муосир чунин нишондиҳанда ба мисли ММД тамоюли манфӣ нишон дод. Савдои ҷаҳонӣ хароб шуд, нархи нафт ва тилло хеле баланд шуд. Дар ин давра нобаробарии даромад, бекории сартосарии аҳолӣ ва қашшоқии васеъ ба амал омада буд. Декларатсияи байналхалқӣ барои рафъи буҳрон ҳамчун дастурамал хизмат мекард, ки дар он оид ба аз нав дида баромадани фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, аз нав ташкил кардани муносибатҳои бозорӣ ва ислоҳи сиёсати иҷтимоӣ маслиҳатҳо оварда шуда буд.[1]

Оқибатҳои буҳрони молиявии ҷаҳонӣ.

Албатта, тадбирҳои зиддибуҳронӣ, ки ба барқарорсозии иқтисодиёт нигаронида шудаанд, имкон доданд, ки мушкилоти ҷамъшуда тадриҷан ҳал ва вазъ дар бозор ба эътидол оварда шаванд. Оқибатҳои буҳрони молиявии ҷаҳонӣ чун қоида инҳоянд:

- паст гаштани нархҳо, таваррум, муътадилсозии талабот ва аз нав дида баромадани музди меҳнат нисбат ба хароҷоти мавҷуда ва сабади истеъмолӣ;
- аз нав дида баромадани меъёри фоизи қарзҳо ва ҷалби сармояи хориҷӣ;
- пур шудани бонкҳо бо асъори хориҷӣ;
- ҳалли масъалаҳои маориф ва тиб.

Сабабҳои буҳрони молиявии ҷаҳонӣ:

Тавре ки дар боло зикр гардид, сабабҳои зуҳуроти буҳронӣ метавонанд бошанд:

- вазъияти душвори иҷтимоию сиёсӣ;
- идоракунии ноустувори молиявию иқтисодӣ;

• аз ҳад зиёд пур шудани бозорҳо (рақобат);

• ҳодисаҳои табиат (фалокат, ҷангҳо);

• қарорҳои хавфнок оид ба рушди бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ.

Сабабҳои дохилӣ ва берунии бухрони ҷаҳонии молиявӣ дарҳол инкишоф наёфта, балки оҳиста-оҳиста ҷамъ шуда, давлатро ба ҳолати депрессия, таназзул ва ноороми оварда мерасонад. Аз ин рӯ, вақте ки нишонаҳои аввалини ин падидаҳо пайдо мешаванд, зарур аст, ки қарорҳои сиёсиро аз нав дида бароем ва ба иқтисодиёти ноустувор зуд ҷавоб диҳем.

Шароити бухрони молиявии ҷаҳонӣ:

Агар аз бухрон пешгирӣ карда нашавад, созмонҳо ва давлатҳо бояд чӣ кор кунанд? Шартҳои онро фаҳмидан ва аз нав дида баромадан муҳим аст. Чун қоида, одамон вазъиятро манфӣ қабул мекунанд ва ё намехоҳанд онро қабул кунанд ва аз он бахра баранд. Шароити бухрони ҷаҳонии молиявӣ метавонад ба харобшавии истеҳсолот, системаи бонкӣ, номутавозунии иҷтимоӣ оварда расонад. Барои ин бояд:

• аз нав дида баромадани нархи нафт, доруиҳо, тилло ва асъор дар натиҷаи паст шудани сатҳи таваррум;

• коҳиши таъминоти молҳои воридотӣ, имкони баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти онҳо;

• баланд бардоштани хосилнокии мехнат ва майлу хоҳиши коргарон ба меҳнат, то ки ҷойи корашонро аз даст надиҳанд.

Таърихи бухронҳои молиявии ҷаҳонӣ:

Шароит, параметрҳо ва сабабҳои номутавозунии номбаршударо дар тамоми марҳилаҳои рушди инсон мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, таърихи бухронҳои молиявии ҷаҳонӣ аз соли 1857 оғоз ёфт, вақте ки бозори саҳомии ИМА суқут кард ва бисёре аз ширкатҳои роҳи оҳан муфлис шуданд. Дар Аврупо пошхӯрии бозорҳои фондӣ аз сабаби «қарздиҳии барзиёд» - и Амрикои Лотинӣ ва беқурбшавии амволи ғайриманқул дар Австрия ва Олмон соли 1873 ба амал омад. Ҷанги ҷаҳонии соли 1914 низ ҳамчун баҳона барои рушди зуҳуроти бухронӣ хидмат кард.

Намудҳои бухронҳои молиявӣ:

Пас, якчанд сабабҳои номутавозунӣ вуҷуд доранд. Гуногунӣ ва тамаркузи онҳо ба мо имкон медиҳад, ки намудҳои зерини бухронҳои молиявиро ҷудо кунем:

• давравӣ, ки дар заминаи истеҳсоли зиёдатӣ, афзоиши хароҷот, сохтори кухнашудаи давраи истеҳсолот ба амал меояд;

• миёнаравӣ, ки маҳаллӣ ҳисобида мешавад ва танҳо ба баъзе минтақаҳо таъсир мерасонад. Он бо сабаби ихтилофот дар соҳаи бонкӣ ва иқтисодӣ зоҳир мегардад;

• соҳавӣ, ки ба соҳаҳои алоҳидаи саноат, аз қабили нафт ё тилло ва асъор таъсир мерасонад;

• структурӣ, танҳо ба номутаносибии технологӣ, тараққӣ наёфтани саноат ё истеҳсолот асос ёфтааст.

Марҳилаҳои давраи молиявӣ:

Ҳар яке аз ин гуна бухронҳои иқтисодӣ пас аз номутавозунӣ, яъне мувозинати байни талаботи истеъмолӣ ва истеҳсолот ба амал меояд. Дар ин ҳолат, як давраи пешбинишаванда вуҷуд дорад, ки давраи афзоиш бо таназзул ё набудани рушд иваз карда мешавад. Инҳо марҳилаҳои ба истилоҳ давраи молиявӣ мебошанд, ки аз инҳо иборатанд:

• таназзул, ки бо истеҳсоли зиёдатӣ, ҷамъшавии бақияи захираҳо, кам шудани талабот ба сармоя ва сармоягузорӣ, афзоиши бекорӣ тавсиф мешавад;

• депрессия, ки дар он афзоиши бекорӣ мушоҳида мешавад, имкони ҷамъ кардани сармоя барои рушди минбаъда ва раванди ислоҳот ё таҷдиди сохтори иқтисод вуҷуд дорад;

• боло рафтан, ки боиси кам шудани шумораи бекорон, афзоиши талабот ба молҳои истеъмолӣ ва сармоягузорӣ мегардад;

• авҷ, вақте ки аз нав зиёд будани иқтидори истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд, фарқияти ба истилоҳ инфлятсия.

Роҳҳои рафъи бухронҳои молиявии ҷаҳонӣ:

Барои ба эътидол овардани вазъ дар кишвар роҳҳои кӯтоҳмуддат ё дарозмуддати рафъи буҳронҳои ҷаҳонии молиявиро интихоб кардан лозим аст, ки тадбирҳои зеринро дар бар мегиранд:

- рушди кишоварзӣ;
- афзоиши кумаки башардӯстона ва ислоҳи сиёсати иҷтимоӣ;
- ҳалли проблемаи захираи озуқа;
- ташкил ва зиёд намудани захираи тиллоюю асъор;
- васеъ кардани майдонҳои кишт ва ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб намудани одамон;
- аз нав дида баромадани сиёсати нархгузорӣ.

Ҳамаи ин дар ниҳояти кор дараҷаи некуаҳволии аҳолиро баланд бардошта, мамлакатро ба марҳалаи бозсозӣ барои тараққиёти минбаъда мерасонад.

**Адабиёт:**

1. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Душанбе, - 2016. - 139 с.
2. Warwick J McKibbin and Andrew Stoeckel. The Global Financial Crisis: Causes and Consequences. Australia, - 2009, 44 pages.
3. Мақсадҳои рушди ҳазорсола. // Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии назди Ҳукумати ҶТ ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ// Душанбе, - 2011. - 220 с.
4. 25 қадам дар паҳнои олам //Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Душанбе: Ирфон, - 2016. - 229 с.
5. Ҳасанов А.Р. Молия ва қарз (Китоби дарсӣ). - Душанбе, - 2010. - 352 с.
6. The Financial Crisis Inquiry Report, Authorized Edition: Final Report of the National Commission on the Causes of the Financial and Economic Crisis in the United States Paperback – Bargain Price, January 27, - 2011.
7. Сарчашмаҳои интернетӣ.

# РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРГОНӢ ЗЕРИ ТАЪСИРИ ИҚТИДОРИ КРЕАТИВИИ ҚУВВАИ КОРӢ

**Азимов Н.Ҳ.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар Паёми навбатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки "...бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад". Бинобар ин, тафсири ҷомеаи муосир ҳамчун ҷомеае муайян карда мешавад, ки дар иқтисоди он натиҷаҳои рушди корҳои илмию техникӣ афзалият аз истеҳсоли бартаридоштаи мол буда, ба истеҳсоли хизматрасонӣ мубаддал мегардад.

Дар ҷомеаи муосир сарчашмаи асосии истеҳсолот иттилоот ва дониш ба ҳисоб рафта, тараққиёти илмӣ қувваи асосии пешбарандаи иқтисодиёт шуда метавонад. Дараҷаи маълумотнокӣ, маҳорати касбӣ, қобилияти омӯзиш ва креативии қувваи корӣ аз ҳама хислату рафтори гаронбаҳо мебошад.

Дар натиҷа иқтисодиёти миллии кишвар хусусияти креативии инноватсиониро пайдо мекунад, ки барои шомил гаштан ба мақсадҳои рушди устувори рақобатпазири иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли як қатор вазифҳои стратегӣ, ки тибқи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" барои иқтисодиёти креативии индустриалӣ-инноватисионии рушди иқтисодӣ ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти креативӣ мусоидат мекунад, ки дар натиҷа иқтисодиёти кишвар аз бозори ҷаҳонии молу хизмат каме вобастагии худро пайдо мекунад. Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандони кишвар мушоҳида карда мешавад.

Бинобар ҳамин мукаммалгардонии сатҳу сифати кадрҳои рақобатпазир дар бозори меҳнат ин таҳсилнокӣ ба ҳисоб меравад, ки соли 2018 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ чунин ироа карда буданд: «Дар буҷети соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба соҳаҳои илму маориф 14 фоиз, фарҳангу варзиш 17,3 фоиз, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 9,5 ва тандурустӣ 7,2 фоиз зиёд маблағ равона карда мешавад» [1].

Ҳамчунин соли 2022 дар Паёми навбатӣ Раиси ҷумҳур иброз доштанд, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6% зиёд буда, қариб 19%-и ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад.

Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд.

Соҳаҳое, ки Раиси ҷумҳур таъкид карданд, ин, албатта, боиси ташаккулёбии самти креативии қувваи корӣ буда, минбаъд саҳми назарраси худро барои рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мерасонад. Ҳоло дар ҷадвали 1 ва 2 пуёи (динамика)-и хароҷоти буҷети кишварро дар даҳсолаи охир барои маориф ва соҳаи илмӣ-техникӣ дида мебароем.

Дар асоси таҳлилҳо метавонем бо сухани иқтисодчии машҳури амрикоӣ ва инчунин гирандаи ҷоизаи Нобелӣ дар соли 1992 Г.С. Беккер идома диҳем. Олим чунин ироа кардааст: "Маблағгузорӣ дар сармояи инсонӣ ва сармоягузории мақсаднок дар

минтақаҳо ва соҳаҳоест, ки беҳбудии параметрҳои сифатии инсон, пеш аз ҳама, қувваи кориро (сатҳи маълумотнокӣ, рушди зеҳнӣ, креативӣ, солимии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, низомҳои ҳавасмандгардонӣ ва дигар низомҳои арзишманди инсонро дарбаргиранда аст) таъмин менамояд" [3].

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи хароҷоти буҷети давлатӣ барои рушди соҳаи иқтидори креативии қувваи корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли маориф) [2]**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ММД бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо, млн. сомонӣ | Хароҷоти буҷети давлатӣ млн. сомонӣ | Хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф, млн.сомонӣ | Ба ҳисоби фоиз | |
| | | | | ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) | нисбат ба хароҷоти буҷети давлатӣ |
| 2011 | 30071,1 | 8562,0 | 1443,1 | 4,8 | 16,9 |
| 2012 | 36163,1 | 9107,9 | 1540,7 | 4,3 | 16,9 |
| 2013 | 40525,5 | 11591,6 | 2111,7 | 5,2 | 18,2 |
| 2014 | 45606,6 | 13190,4 | 2354,0 | 5,2 | 17,8 |
| 2015 | 50977,8 | 16277,4 | 2539,3 | 4,9 | 15,6 |
| 2016 | 54790,3 | 18294,3 | 3093,8 | 5,6 | 16,9 |
| 2017 | 64434,3 | 22264,2 | 3572,7 | 5,5 | 16,0 |
| 2018 | 71059,2 | 24187,4 | 3702,6 | 5,2 | 15,3 |
| 2019 | 79109,8 | 23806,6 | 4338,6 | 5,5 | 18,2 |
| 2020 | 83958,3 | 24812,5 | 4311,4 | 5,2 | 17,4 |
| 2021 | 98910.7 | 29342,7 | 5375,7 | 5,4 | 18,3 |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф дар тағйирёбист ҳама имконияту шароитҳо бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва омода кардани кадрҳои дорои иқтидор, ки барои мукаммал гардонидани иқтидори креативии кадрҳои баландихтисос дар бозори озоди меҳнат мебошад.

Ҳамин тавр, ҳангоми таҳия намудани нишондиҳандаҳои оморӣ маълум гашт, ки хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф (ХБДБМ) соли 2011 1443,1 миллион сомонӣ, ки ба ҳисоби фоиз ба ММД 4,8 ва нисбат ба ХБД 16,9%, соли 2019 4338,6 миллион сомонӣ зиёд гардида ба ҳисоби фоиз ба ММД 5,5 ва нисбат ба ХБД 18,2%-ро ташкил дод, ки барои кишвари ҷавон натиҷаҳои назаррас буда, боиси эътироф аст.

Инчунин таъкид кардан лозим аст, ки соли 2021 нисбат ба соли 2011 суръати афзоиши ХБДБМ 372% ба ММД 5.4% ва нисбат ба ХБД 18.3% афзудааст.




**Диаграммаи 1. Харочоти буҷети давлатӣ барои маориф бо фоиз нисбат ба ММД**

**Ҷадвали 2.**

**Динамикаи харочоти буҷети давлатӣ барои рушди соҳаи иқтидори креативии қувваи корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корҳои илмӣ-техникӣ) [4]**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ММД бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо, млн. сомонӣ | Харочоти буҷети давлатӣ млн. сомонӣ | Харочоти буҷети давлатӣ барои илм, ҳазор сомонӣ | Ба ҳисоби фоиз | |
| | | | | ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) | нисбат ба харочоти буҷети давлатӣ |
| 2011 | 30071,1 | 8562,0 | 35851,8 | 0,1 | 0,4 |
| 2012 | 36163,1 | 9107,9 | 39813,9 | 0,1 | 0,4 |
| 2013 | 40525,5 | 11591,6 | 45037,9 | 0,1 | 0,4 |
| 2014 | 45606,6 | 13190,4 | 50931,3 | 0,1 | 0,4 |
| 2015 | 50977,8 | 16277,4 | 52890,7 | 0,1 | 0,3 |
| 2016 | 54790,3 | 18294,3 | 55454,4 | 0,1 | 0,3 |
| 2017 | 64434,3 | 22264,2 | 60636,7 | 0,1 | 0,3 |
| 2018 | 71059,2 | 24187,4 | 66849,3 | 0,1 | 0,3 |
| 2019 | 79109,8 | 23806,6 | 76401,0 | 0,1 | 0,3 |
| 2020 | 83958,3 | 24812,5 | 82820,4 | 0,1 | 0,3 |
| 2021 | 98910.7 | 29342,7 | 99690,7 | 0,1 | 0,3 |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Таъкид кардан лозим аст, ки буҷети давлатӣ ҳамчун сарчашмаи асосии маблағгузорӣ барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Дар асоси маълумоти оморӣ гуфта метавонем, ки ҳоло вазни қиёсии харочоти буҷети давлатии кишвар барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2011-ум 2,8 маротиба аз рӯйи ҳиссаи ММД дар соҳаи илм 0,1% нисбат ба ХБД соли 2011 0,4%, соли 2021 0,3%-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба солҳои қаблӣ чандин маротиба

афзудааст, ки ин сабаби зиёд гардидани даромад аз меҳнат дар муассисаҳои илмиро таъмин намуда, ба хориҷа рафтани олимону муҳаққиқонро каме коҳиш дод.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки монеаҳои назаррас дар роҳи рушди иқтидори креативӣ-инноватсионии қувваи кории иқтисоди миллӣ, ки хусусияти системавӣ дошта, истифодаи самаранокии неруи илмию техникӣ миқёси стратегиро пайдо карда шумораи муассисаву ташкилотҳои илмӣ, ки бо КИТ машғул ҳастанд, назаррас аст (нигаред ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3.**

**Шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд, барои солҳои 2015-2021 [5]**

| Солҳо | Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | ВМКБ | НТҶ | ш.Душанбе | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2015 | 6 | 4 | 3 | 2 | 51 | 66 |
| 2016 | 6 | 4 | 3 | 2 | 59 | 74 |
| 2017 | 7 | 4 | 3 | 2 | 64 | 80 |
| 2018 | 7 | 4 | 3 | 2 | 66 | 82 |
| 2019 | 7 | 4 | 3 | 2 | 66 | 82 |
| 2020 | 7 | 4 | 3 | 2 | 66 | 82 |
| 2021 | 5 | 6 | 3 | 1 | 66 | 81 |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф




**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти АОНПҶТ. Душанбе - 2022.

**Диаграммаи 2.**
**Шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ)**

Дар асоси тағйирёбии пӯё ва маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки соли 2010 шумораи умумии ташкилотҳои илмӣ дар ҷумҳурӣ 19 адад буда, аз он 3 адад пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ, 16 адад донишкадаҳои олиро дар бар гирифта, шумораи аспирантҳо 1553 нафар, занҳо аз шумораи умумӣ 509 нафар, қабул 514 нафар, хатми аспирантҳо 284 нафар, ки аз онҳо 28 нафарашон бо гирифтани унвони дараҷаи номзади илмӣ муваффақ гаштаанд. Ин нишондод соли 2021 аз 25 адади шумораи умумӣ ташкилотҳои илмӣ 5 адад пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ, 20 адад ба донишкадаҳои олӣ дохил карда шудааст. Ҳамчунин шумораи аспирантҳо нисбат ба соли 2010 (-85,4%) коҳиш ёфта, 219 нафарро ташкил дода аз онҳо 64 нафарашон занҳо 29,3%, қабул 31 нафар, хатми аспирантҳо 170 нафар ва бо ҳимояи рисола 28 нафар комёб гаштааст.

**Ҷадвали 4.**

**Динамикаи тағйирёбии омодагии кадрҳои креативу нововар барои солҳои 2010-2021 (нафар) [6]**

| Солҳо | Шумораи аспирант, докторант (анъанавӣ) ва доктор PhD | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | | | Қабули кадрҳои илмӣ | | | Хатми кадрҳои илмӣ | | | аз он ҷумла бо ҳимоя | | | аз шумораи умумӣ - занон | | |
| | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III |
| 2010 | 1553 | 53 | - | 514 | 22 | - | 287 | 15 | - | 28 | 3 | - | 509 | 17 | - |
| 2017 | 1506 | 101 | 253 | 472 | 40 | 115 | 445 | 14 | 4 | 25 | 4 | - | 561 | 32 | 37 |
| 2018 | 1289 | 79 | 568 | 198 | 26 | 305 | 378 | 13 | 64 | 62 | 3 | 6 | 416 | 19 | 116 |
| 2019 | 758 | 43 | 1091 | 9 | 15 | 617 | 393 | 13 | 106 | 53 | 4 | 15 | 287 | 14 | 243 |
| 2020 | 339 | 35 | 1341 | 8 | 7 | 563 | 360 | 13 | 168 | 33 | 3 | 12 | 107 | 11 | 314 |
| 2021 | 219 | 50 | 1296 | 31 | 26 | 445 | 170 | 13 | 240 | 28 | 6 | 12 | 64 | 17 | 347 |
| **Эзоҳ:** I-аспирант; II- докторант (анъанавӣ); III- доктор PhD | | | | | | | | | | | | | | | |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Нишондиҳандаи фаъолияти дигари илмӣ ин докторантура (анъанавӣ) БУДА ШУМОРАИ ОНҲО ДАР СОЛИ 2010 53 НАФАР ЗАНҲО 17 НАФАР БОШАД СОЛИ 2021 РАҚАМҲОИ ДАР МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ АСОСНОК КАРДАШУДА БА САМТИ МАНФӢ ҲАРАКАТ КАРДАН ЯЪНЕ ШУМОРАИ ДОКТОРАНТҲО БА 50 НАФАР, КИ 17 НАФАРАШОН ЗАНҲО МЕБОШАНД, ТАШКИЛ ДОДАНД. АЗ ҶУМЛА БО ҲИМОЯИ ХУД 6 НАФАР ДАР СОЛИ ЗИКРШУДА НАТИҶАИ НАЗАРРАСРО НИШОН ДОДААСТ.

ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ОМОДА КАРДАНИ КАДРҲОИ ИЛМИИ ДОКТОРАНТУРАИ PHD ТАШКИЛ КАРДА ШУД, КИ ДАР СОЛИ АВВАЛИ ТАҲСИЛ ШУМОРАИ ОНҲО 253 НАФАР, ЗАНҲО 37 НАФАР СОЛИ 2021 1296 НАФАР, ЗАНҲО 347 НАФАР, ҚАБУЛ 445, ХАТМ 240 ВА БО ҲИМОЯ 12 НАФАР ТАВОНИСТАНД НАТИҶАИ МУСБАТ ДИҲАНД.

БИНОБАР ИН, РУШДИ АСОСИИ ҶОМЕАИ МУОСИР ФАЪОЛИЯТИ КРЕАТИВӢ-ИННОВАТСИОНӢ ДОРОИ ТАМОМИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ, ИСТЕҲСОЛӢ, ТАШКИЛӢ, МОЛИЯВӢ ВА ТИҶОРАТӢ, КИ ВОҚЕАН БА ТАТБИҚИ ИННОВАТСИЯ ОВАРДА МЕРАСОНАД Ё БО ИН МАҚСАД ПЕШБИНӢ ШУДААСТ АЗ ҶУМЛА КИТТК, КИ БЕВОСИТА БО ТАЙЁР КАРДАНИ ЯГОН НАВОВАРИИ МУШАХХАС АЛОҚАМАНД НЕСТАНД, ФАРО МЕГИРАД.

**Адабиёт:**

1. [1]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018, 23.12.2022, шаҳри Душанбе. http://www.prezident.tj/node/16771).

2. [2,4,6]. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 соли Истиқлолияти давлатӣ маҷмуаи оморӣ. Душанбе 2021. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи оморӣ. Душанбе. - 2022.

3. [3]. Беккер Гэри С. Человеческое поведение: экономический подход/ Беккер Гэри - М: ГУ–ВШЭ, - 2013. - 305 с.

4. [5]. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ, маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2021. АОНПҶТ - Душанбе, - 2022.

## ДИГАРГУНШАВИИ СОХТОРӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ

**Акилҷонов Ф. Ш.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ибтидои ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакатҳои пасошӯравӣ бо буҳрони трансформатсионӣ алоқаманд буд. Буҳрони давраи иқтисодиёти гузариш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нисбатан вазнинро гирифта буд. Оид ба ин пастравии даромадҳои аслии аҳолӣ, беқурбшавии марҳилавии музди меҳнат, афзоиши бекорӣ, боздошташавии фаъолияти бахши аслии иқтисодиёт, суръати баланди таваррум ва дигар нишонаҳои буҳрони иқтисодӣ шаҳодат медиҳанд. Боиси тазаккур аст, ки дар давраи ислоҳоти бозорӣ иқтидори истеҳсолии корхонаҳои кишвар коҳиш ёфт, ки ногузир ба оқибатҳои манфӣ дар иқтисодиёти мамлакат оварда расонид, аз он ҷумла дар таъминоти озуқаворӣи аҳолӣ ва ташаккули даромадҳои хонаводаҳо[2].

Ислоҳоти иқтисодии амалӣ карда мешуда, ки гузариш аз низоми маъмурӣ-фармондеҳӣ ба хоҷагидории мустақилонаро дар назар дошт, таъсири худро ба ҷанбаҳои ҳаёти хоҷагидории ҷамъият расонид. Бо баробари ин таъсири хусусиятҳои минтақавӣ ва хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин ҷараён ба назар мерасид. Ба шумораи чунин хусусиятҳо далеле дохил мешавад, ки мувофиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се ҳисса ду ҳиссаи аҳолӣ дар қишлоқҷойҳо умр ба сар мебаранд ва бо меҳнати кишоварзӣ машғуланд. Ба вазни қиёсии баланди шуғли аҳолӣ дар хоҷагии қишлоқ нигоҳ накарда, дар шароити бартарафсозии оқибатҳои буҳрони трансформатсионӣ, хоҷагии қишлоқ барои пурра қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолии мамлакат аз ҳисоби захираҳои худӣ қобилият надорад. Қисми муайяни

маҳсулоти истеъмолӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад. Бинобар ҳамин масъалаи асосии таъмини ҳаёти аҳолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммои худтаъминкунӣ бо маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад.

Дар ин шароити фаъолияти хоҷагидории хоҷагиҳои хонавода, махсусан дар ташаккулёбии даромадҳо тағйироти сохториро аз сар гузаронид. Ба чунин дигаргуниҳои сохторӣ ислоҳоти иқтисодии дар мамлакат гузаронидашуда мусоидат намуданд. Махсусан чунин тағйирот дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бештар ба назар мерасад, ки дар он ҷо ба ҷойи колхозу совхозҳои пештар фаъолиятбаранда хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис дода шуданд. Ба ғайра аз ин мувофиқи қарори роҳбарияти мамлакат барои хонаводаҳои қишлоқ қитъаҳои замин (50 сотиқ) барои истифодабарии хоҷагидорӣ ҷудо шуда буданд. Бояд дар назар дошт, ки қисми асосии хоҷагиҳои деҳқонии таъсисдодашуда фаъолияти худро дар сатҳи оила амалӣ мегардонанд, ки нишондиҳандаи бевоситаи тағйироти сохторӣ дар ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ баромад мекунад.

Мувофиқи маълумоти омории расмӣ ба 1 январи соли 2019 дар кишвар 172668 хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият мебаранд[3]. Дар натиҷаи дигаргуниҳои сохторӣ дар хоҷагии қишлоқ навъи муосири зиндагонии аҳолии хоҷагии қишлоқ дастрас гардида, иқтисодиёти бисёрҷабҳа дар бахши аграрии иқтисодиёти миллӣ ташаккул ёфт. Умуман дигаргуниҳои сохторӣ дар хоҷагии қишлоқ дар ҷадвали 1 оварда мешавад.

**Ҷадвали 1.**

**Дигаргуншавии сохторӣ дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Шаклҳои хоҷагидорӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Хоҷагиҳо и деҳқонӣ | Колхозҳо | Совхозҳо | Корхонаҳои байнихоҷагидории хоҷагии қишлоқ |
| 1991 | - | 206 | 362 | 19 |
| 1992 | - | 262 | 393 | 17 |
| 1993 | - | 260 | 438 | 16 |
| 1994 | - | 259 | 448 | 15 |
| 1995 | 1750 | 261 | 446 | 15 |
| 1996 | 2386 | 387 | 346 | 13 |
| 1997 | 8023 | 354 | 348 | 13 |
| 1998 | 10223 | 358 | 345 | 9 |
| 1999 | 9293 | 316 | 298 | 8 |
| 2000 | 12639 | 270 | 95 | 8 |
| 2001 | 11934 | 257 | 163 | 6 |
| 2002 | 14775 | 185 | 152 | 6 |
| 2003 | 16433 | 169 | 148 | 5 |
| 2004 | 19416 | 80 | 120 | 6 |
| 2005 | 23101 | 12 | 46 | 3 |
| 2006 | 24901 | 16 | 41 | 2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2007 | 26518 | 14 | 18 | - |
| 2008 | 30842 | 1 | 7 | - |
| 2009 | 37966 | 1 | 5 | - |
| 2010 | 51372 | 1 | 5 | - |
| 2011 | 67858 | 1 | | - |
| 2012 | 73806 | 1 | - | - |
| 2013 | 87594 | 1 | - | - |
| 2014 | 108035 | 1 | - | - |
| 2015 | 123379 | 1 | - | - |
| 2016 | 145107 | 1 | - | - |
| 2017 | 164631 | 1 | - | - |
| 2018 | 172668 | 1 | - | - |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2011. - С. 472-473. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. - С. 284.

Аз рӯйи маълумоти ҷадвали 1 мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар давраи аз соли 1991 то соли 2018 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоюли устувори зиёдшавиро дорад. Ҳамзамон дигар шаклҳои хоҷагидорӣ коҳиш ёфта, корхонаҳои байнихоҷагидории хоҷагии қишлоқ бошад, умуман аз байн рафтааст.

Бояд қайд намуд, ки дар хоҷагиҳои деҳқонӣ якҷоя бо хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ зиёда аз 1,7 млн. нафар (зиёда аз 67% аҳолии бо шуғл машғулбуда) таъмини коранд. Ҳиссаи асосии маҳсулоти истеҳсолмешуда хоҷагии қишлоқ бештар ба хонаводаҳои хоҷагии қишлоқ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Бешубҳа, ҳамаи ин тағйироти низомӣ дар хоҷагии қишлоқ ба фаъолияти аҳолии қишлоқҷойҳо ва ташаккули даромадҳои онҳо таъсир расонид.

Бо баробари афзоиши хоҷагиҳои деҳқонӣ, афзоиши вазни қиёсии онҳо ва ҳиссаи хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ дар марҳилаи тадқиқшаванда дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба назар мерасад. Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ аз рӯйи категорияҳои хоҷагидорӣ, ки бо ифодаёбии фоиз дар тӯли солҳои 1991 то соли 2018 ҳисоб карда шуда, нишон медиҳад, ки вазни қиёсии баланди хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ дар истеҳсоли гӯшт, шир ва пашм ба назар мерасад, ки ҳамаи онҳо дар соли 2018 93%, 93,7% ва 81,5% ташкил кардааст (ҷадвали 2).

Танҳо дар истеҳсоли тухм ҳиссаи хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ нисбатан пасттар ба назар мерасад. Чунин шароит бештар бо хусусиятҳои парандапарварӣ алоқаманд аст. Маълум аст, ки парандапарварӣ дар аксари ҳолат хароҷоти калонро талаб менамояд, ки пеш аз ҳама, бо омилҳои санитарию эпидемиологӣ алоқаманд мебошад.

Аз ҷадвали 2 баръало тамоюли зиёдшавии вазни қиёсии хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигиро дар истеҳсоли шир дидан мумкин аст. Бинобар ҳамин қайд намудан зарур аст, ки корхонаҳои бо коркарди маҳсулоти ширӣ машғулбуда ашёи истеҳсолиро бештар аз хоҷагиҳои хонавода харидорӣ менамоянд. Дар натиҷа дар

сохтори даромадҳои аҳолии ин қишри ҷомеа даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ бештар гардидааст.

Инчунин бо суръати баланд вазни қиёсии хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ дар истеҳсоли пашм низ ба назар мерасад. Маълумоти ҷадвали 2 тағйирёбии мусбати истеҳсоли пашмро дар хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ нишон медиҳад, ки ҳамзамон ҳиссаи корхонаҳои хоҷагии қишлоқ дар истеҳсоли ин намуди маҳсулот тамоюли коҳишёбиро ифода мекунад.

**Ҷадвали 2.**

**Истеҳсоли маҳсулоти асосии чорводорӣ аз рӯйи категорияҳои хоҷагидорӣ (бо ифодаи фоиз)**

| Солҳо | Намуди маҳсулот | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Истеҳсоли гӯшт | | | | Истеҳсоли шир | | | | | Истеҳсоли тухм | | | | Истеҳсоли пашм | | |
| | Ҳама намуди хоҷагиҳо | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Ҳама намуди хоҷагиҳо | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ | Ҳама намуди хоҷагиҳо | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Ҳама намуди хоҷагиҳо | Ҳама намуди хоҷагиҳо | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| **1991** | 00,0% | 9,1% | 0,9% | ,0% | 00,0% | 7,8% | 2,2% | ,0% | 00,0% | 8,6% | 1,4% | 0,0% | 100,0% | 2,2% | 7,8% | ,0% |
| **1996** | 00,0% | 9,2% | 0,8% | ,0% | 00,0% | 4,8% | 5,2% | ,0% | 00,0% | 5,0% | 5,0% | 0,0% | 100,0% | 9,9% | 0,1% | ,0% |
| **2000** | 00,0% | 6,9% | 2,1% | ,0% | 00,0% | 3,6% | 6,0% | ,4% | 00,0% | 0,1% | 9,9% | 0,0% | 100,0% | 5,2% | 2,3% | ,5% |
| **2005** | 00,0% | ,7% | 0,7% | ,6% | 00,0% | ,6% | 0,8% | ,5% | 00,0% | 7,5% | 1,8% | 0,7% | 100,0% | 6,4% | 7,2% | ,3% |
| **2010** | 00,0% | ,5% | 2,1% | ,4% | 00,0% | ,5% | 3,2% | ,2% | 00,0% | 3,6% | 2,3% | 4,0% | 100,0% | 2,6% | 0,0% | ,5% |
| **2015** | 00,0% | ,0% | 2,4% | ,6% | 00,0% | ,7% | 3,5% | ,8% | 00,0% | 2,1% | 4,6% | 3,3% | 100,0% | 0,1% | 1,0% | ,9% |
| **2018** | 00,0% | ,6% | 3,0% | ,4% | 00,0% | ,4% | 3,7% | ,9% | 00,0% | 9,0% | 9,2% | 1,8% | 100,0% | ,6% | 1,5% | 0,0% |

Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2011. - С. 494-497. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. - С. 284-292.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ислоҳоти иқтисодии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда ба ғайримарказонидашудани истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ оварда расонидааст. Пош хӯрдани колхозу совхозҳо ба он оварда расонид, ки фермаҳои чорвопарварӣ аз байн рафта, дар натиҷа ҳамасола ҳиссаи хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ дар истеҳсоли гӯшт, шир ва пашм афзоиш ёфта истодааст.

Ба ғайр аз афзоиши саҳми хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ афзоиши нақши онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ба назар мерасад. Мувофиқи маълумоти омории расмӣ дар тӯли

солҳои охир тамоюли афзоиши ҳиссаи хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ба назар мерасад.

Масалан, агар дар соли 1991 аз тарафи хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ 4% гандум истеҳсол шуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 41% баробар шуд. Чунин ҳолат дар истеҳсоли дигар намуди маҳсулоти растанипарварӣ ба назар мерасад. Масалан, ҳиссаи аҳолӣ дар истеҳсоли ҷав дар соли 2018 ба 28% баробар шуд (дар соли 1991- 2%), дар истеҳсоли ҷуворимакка ҳиссаи хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ аз 4% соли 1991 ба 62% дар соли 2018, истеҳсоли биринҷ аз 10% то 32%, картошка аз 41% то 78%, сабзавот аз 49% то 68%, мева аз 61 то 83%, ангур аз 23% то 69% афзоиш ёфтааст[4].

Таҳлилҳои гузаронидашуда собит менамояд, ки нақши хоҷагиҳои хонавода дар таъминоти озуқавории мамлакат бениҳоят калон мебошад. Оид ба ин гуфтаҳо афзоиши ҳамасолаи вазни қиёсии хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ дар истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷа хоҷагиҳои хонавода ба истеҳсолкунандагони асосии махсулоти кишоварзӣ мубаддал гардидаанд. Чунин тағйироти сохторӣ дар хоҷагиҳои хонавода, албатта, ба дигаргуниҳои сохтори даромади аҳолӣ оварда расонидааст. Дар ин ҷода дигаргуншавии иқтидори захиравии хоҷагиҳои хонавода низ ба назар мерасад, ки бо худ дигаргуниҳоро дар шаклҳои гуногуни захираҳои андӯхташуда дар назар дорад, ба монанди захираҳои пулӣ, моддӣ, маънавӣ, инсонӣ ва ғайраҳо, ки барои мақсадҳои қонеъгардонии эҳтиёҷоти гуногуни хоҷагиҳои хонавода ва дигар субъектони хоҷагидорӣ истифода бурда мешаванд. Иқтидори хоҷагиҳои хонавода табиатан бисёрҷабҳа мебошад. Аз як тараф онҳо ҳамчун сарчашмаи қонеъгардонии эҳтиёҷоти худи хонаводаҳо баромад карда, аз тарафи дигар ба сифати сарчашмаи қонеъгардонии эҳтиёҷоти дигар субъектони хоҷагидорӣ дар омилҳои истеҳсолот ва ҳамчун сарчашмаи ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ баромад мекунад.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни ҳамзистии унсурҳои иқтисодиёти фармондеҳӣ ва бозорӣ, хоҷагиҳои хонавода дар аксар ҳолат ба қувваи худ такя мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ тарзи хоҷагидории аҳолӣ куллан дигаргун шудааст. Соҳибкории хурд бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни аҳолӣ васеъ паҳн гаштааст. Аз сабаби боздошташавии истеҳсолот дар аксарияти корхонаҳои азим, мавҷуд набудани ҷойҳои корӣ аҳолӣ маҷбур буд, ки ба қувваҳои худ такя намояд. Дар чунин ҳолат фаъолияти соҳибкории хонаводаҳо густариш ёфт. Аксарияти хонаводаҳо бо савдои чакана машғул гаштанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки иқтидори хоҷагиҳои хонавода дар ҳама гуна ҳолат қобилияти тағйирёбӣ ва мутобиқшавиро ба шароити нав доро мебошад, ки бо гузариш аз як мушкилии хоҷагидорӣ ба дигарҳо тавсиф карда мешавад.

**Адабиёт:**

1. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, - 2019. - С. 284-292.

2. Рахимов Р.К. Проблемы развития переходной экономики Республики Таджикистан. - Душанбе, - 2012. - С. 385.

3. Слезингер Г.Э. Труд в условиях рыночной экономики. М., 1996. С. 265; Политика доходов и качество жизни населения. / Под ред. Н.А. Горелова. СПБ. - 2003. - С. 57.
4. Тоҷикистон: 20-соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, - 2011. - С. 494-497.
5. Федченко А.А., Одегов Ю.Г. Оплата труда доходы работников. -М., 2004. - С. 85.
6. Эренберг Р.Дж., Смит Р.С. Современная экономика труда. Теория и госарственная политика. - М., - 1996. - С. 50-53.

## УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ СЕЛЬСКИХ ТЕРРИТОРИЙ — ВЕЛЕНИЕ ВРЕМЕНИ

**Анваров И.М.**
**Таджикский аграрный университет**

Сельские территории обладают стратегической важностью для Таджикистана, концентрируя в себе земельные и природные ресурсы, человеческий капитал, культурное наследие. Поэтому одним из государственных приоритетов является сохранение и приумножение имеющегося потенциала сельских территорий. Как показывает международная практика, основным направлением развития села является обеспечение устойчивости, несмотря на все возможные экологические, социально-экономические, демографические и природно-климатические вызовы, воздействующие на сельские территории. В широком понимании устойчивость представляет собой баланс экономического, социального и экологического аспекта развития сельских территорий. Как экологическими проблемами, либо экологически чистые регионы, где уровень и качество жизни населения находятся на низком уровне.

Дифференциация в развитии города и села имеет исторический характер. Первоначальным толчком послужило начала процесса индустриализации а, со временем, сложились принципиально различные условия для жизнедеятельности, определяющие отток сельского населения в городские агломерации, предлагающие существенно большее разнообразие возможностей, как с точки зрения трудоустройства, так и в аспекте потребительского разнообразия.

В целом, безусловно, сельская местность, находится за пределами городов, но ее отличительными чертами являются также наличие постоянного населения, занятого определенной хозяйственной деятельностью, являющейся одним из факторов, объединяющих местное сообщество, наравне с культурой и социальными связями. Только географического критерия для определения сущности сельских территорий в управленческом понимании недостаточно, что позволяет ряду исследователей выделять отдельные компоненты, на основании которых проводится разграничение города и сельских территорий, выделяется специфика сельской местности.

Некоторые исследователи указывают на природную составляющую, другие считают более верным определение сельских территорий на основе экологического критерия, при этом в некоторых определениях природной составляющей не представлено вовсе.

С такой позицией нельзя согласиться, поскольку она определяет, по меньшей мере, хозяйственную основу жизнедеятельности местных сообществ, а, учитывая климатические различия, свойственные отдельным районам, от природных условий в значительной мере зависит и комфортность проживания. Поэтому природная составляющая в любом случае должна признаваться как один из значимых критериев определения сельских территорий, но не с позиций особого влияния связи человека и природы на культуру сельских территорий, не свойственного территориям городов, а относительно условий.

На основе применения биотехнологических разработок к 2030 году будет произведено 80% медицинских препаратов, 35% - продукции химической промышленности и 50% - сельскохозяйственного производства. К 2050 году мировой рынок биоэнергетики обеспечит $150 млрд., при этом 30% общей мировой потребности в энергии будет приходиться на использование возобновляемых источников.

Приоритетными направлениями развития биоэкономики являются:

- глобальная продовольственная безопасность;
- устойчивое сельскохозяйственное производство;
- производство безопасных пищевых продуктов;
- промышленное использование возобновляемых ресурсов.

Основными предпосылками развития биоэкономики учёными признаются следующие факторы: нехватка продовольствия из-за роста численности населения в мире; конечность полезных ископаемых, минеральных, сырьевых и энергетических ресурсов; загрязнение окружающей среды и экологический вред; ускорение освоения космоса; трансформация науки, бурное развитие биотехнологии как области науки, появление нанотехнологий и наномедицины; ускорение темпов развития технологий в условиях сингулярности.

В современных условиях и пониманиях термин биоэкономика развивался медленными темпами, так как ранее биоэкономика трактовалась как инструмент, знания в области биологии, для использования её в коммерческих целях на уровне промышленности, значительные достижения которой в области биологии стали толчком зарождения концепции и эволюции понятий и развития биоэкономики.

В историческом аспекте существует три подхода к определению этапов биоэкономики. Во-первых, выдвигается теория, что биотехнологии - это планомерный процесс, фундаментом которого являются древние процессы брожения, включая

получение спирта, силосование. Во-вторых, есть мнение, что условной датой появления биотехнологии следует считать присуждение компании «Мерк Кемикал Компани» в 1947 году премии Мак-Гро-Хилла за достижения в области биохимической технологии. Наконец, начало биотехнологии можно отнести к 70-м гг. XX столетия, т.е. к моменту зарождения генетической инженерии. В настоящий момент можно выделить следующие этапы формирования биотехнологии (рисунок 1).

Как показано на рисунке 1, по вопросам этапов становления и формирования биоэкономики были определены основные направления и её задачи, исходя из её этапов развития, также были выявлены подходы основных учёных. Отмечено, что важным изменением произошло на третьем этапе развития биоэкономики, так называемой генной инженерии, далее, также применение инновационных технологий для оптимизации производственных процессов в условиях максимального использования дешёвого сырья и минимального потреблении энергии.

Дефинитивному аспекту понятия «биоэкономика» посвящено достаточно много работ как зарубежных, так и национальных учёных, но несмотря на это, в настоящее время, в мировом научном сообществе пока не сформировалось единого мнения по поводу определения биоэкономики. Последнее высказывание связано тем, что биоэкономика вызвала озабоченный интерес среди бизнес-структур, а также среди учёных, послужив причиной их применения на промышленном уровне.

Концептуальные подходы к формированию биоэкономики были заложены на конференции в Рио в 1992 году, которая выдвинула идею на необходимость сотрудничества бизнеса и правительства в деле обеспечения устойчивого развития. «Чистый и справедливый экономический рост, - являющийся неотъемлемой частью устойчивого развития, требует более эффективного использования ресурсов: причём «экоэффективность» имеет экономический смысл для бизнеса, также нашли отражение экономические меры по реализации концепции устойчивого развития.

Среди учёных и практиков нет общей и единой дефиниции понятии биоэкономики. В общем, по мнению ряда учёных Матеску И., Попеску С., Паун Л, Роата Г, Бансила А. отмечают, что биоэкономика - это сочетание биологических и экономических знаний, определяющих экономические события через призму биологии, оптимизировав социально-экономическую деятельность, биологические системы которого используются устойчиво и эффективно.

Брунори Дж. отмечает, что биоэкономика основывается на знаниях и биоресурсах, средствами для такой новой модели экономики являются химические вещества, а также источником энергии являются возобновляемые биологические ресурсы животных и растительных источников.

Далее учёные, такие как: Македон Г.М., Талавыря Н.П. отмечают, что биоэкономика основывается на двух аспектах устойчивого развития эколого-экономического, т.е. находится на стыке знаний экологии и экономики.

Другую трактовку излагают учёные Жемков А.И., Кондрашкин М.А., Журавлёва Н.Н., что, по их мнению, биоэкономика - это производство новых продуктов на основе использования возобновляемых биологических ресурсов. Также они отмечают, что концепция биоэкономики должна охватывать все сектора экономики.




**Рисунок 1. Этапы становления и формирования биоэкономики**

**Составлено автором**

На сегодняшний день в странах Центральной Азии природно-экологические проблемы являются крайне опасными и глобальными по своему масштабу. Без сомнения, они оказывают прямое и сильнейшее влияние на экономику, которая непосредственно основана на использовании природных ресурсов.

Также проблемы вместе с ростом численности населения в регионе, а также рядом других факторов породили необходимость поиска новых путей экономии ресурсов и развития экономики, одним из которых и является биоэкономика - это экономика, основанная на использовании биотехнологий с целью повышения эффективности использования природных ресурсов и уменьшения вредного влияния на окружающую среду. Последнее связано тем, что одна из главных стратегических задач в странах региона - перестроить экономику страны на новый путь развития, пока доходы от продажи сырьевых ресурсов предоставляют такую возможность.

Таким образом, первоочередными направлениями экономики Таджикистана для применения принципов зелёного и биоразвития являются повышение энергоэффективности и энергосбережения как самое эффективное, менее капиталоёмкое и быстро осуществимое направление для решения проблем, по повышению эффективности использования воды в секторах потребления, для внедрения зелёных и биотехнологий и привлечения инвестиций - для повышения урожайности, экспортного потенциала и продуктивности земель и воды, для обеспечения водной и продовольственной безопасности страны.

**Литература:**

1. Теория и практика развития биоэкономики: инновации, цифровизация, трансформация / И.А. Максимцев [и др.]. - СПб. : Изд-во СПбГЭУ, - 2019. - 154 с.

2. Бобылёв С.Н., Михайлова С.Ю., Кирюшин П.А. Биоэкономика: проблемы становления // Экономика. Налоги. Право. 2014. №6. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ bioekonomika-problemy-stanovleniya (дата обращения: 21.09.2021).

3. Исайнов Х.Р. Региональные аспекты обеспечения водно-энергетической безопасности (на материалах стран Центральной Азии) / Х.Р. Исайнов, У.О. Кимсанов. - Душанбе: ООО "Эр-Граф", - 2020. - 274 с. - ISBN 978-99985-5056-0. - EDN NOLHOA.
4. Кимсанов У.О., Давлятова М.М. Формирование и развитие “зелёной” экономики в условиях стран Центрально-Азиатского региона / Душанбе: Графика Принт, 2022. - 180 с. - ISBN 978-99985-6444-2. - EDN ZWPHEJ.
5. Кимсанов У.О., Давлятова М.М. Перспективы развития "зелёной" экономики в Центральной Азии: мировая и региональная практика// Вестник Тадж. национ универ. Серия социально-экономических и общественных наук. -2019. № 5-1. - С. 184-190. - EDN MLTCTZ.

## ГУСТАРИШИ РОБИТАҲОИ ХОРИҶИИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТИИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОН

**Қиёмидинов Ҳ., Усмонова М.А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Мусаллам аст, ки ягон давлати дунё бидуни ҳамкориҳои муштарак бо дигар кишварҳо фаъолият карда наметавонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ ҳамкориҳои гуногунҷанбаи судмандро бо кишварҳои ҷаҳон ба роҳ монда, робитаҳои созандаю дӯстонаро бар пояи эҳтироми ҳамдигар ва баробарӣ густариш бахшид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз доштаанд: «Ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ, ки меҳвари онро сиёсати «дарҳои кушода» ташкил медиҳад, яке аз дастовардҳои бузурги давлати миллии мо дар замони соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад».

Робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷии дуру наздик дар пояи меъёрҳои байналмилалӣ ва бо назардошти манфиатҳои иқтисодии кишвар ба роҳ монда шуда, марҳила ба марҳила тавсеа меёбад. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2022 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас афзоиш ёфта, ба 7512,9 млн. доллар баробар гардид, ки нишондиҳандаи баландтарин дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб меравад. Гардиши савдои хориҷӣ нисбат ба соли 2021-ум 1508,2 млн. доллар ё 25,1 фоиз зиёд гардидааст.

Дар сохтори гардиши савдои хориҷӣ ҳиссаи содирот 31 фоиз ва воридот 69 фоизро ташкил намуд. ҶумҳурииТоҷикистон дар соли 2022 бо зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон муносибатҳои тиҷоратӣ дошта, шарикони асосии тиҷоратӣ Федератсияи Россия (22,3 фоиз), Қазоқистон (19,2 фоиз), Хитой (16,1 фоиз), Ӯзбекистон (7,4 фоиз), Швейтсария (5,3 фоиз), Туркия (4,7 фоиз), Эрон (3,2 фоиз), ИМА (2 фоиз), Ҳиндустон (1,7 фоиз), Белгия (1,6 фоиз), Олмон ва Афғонистон (1,5 фоизӣ), Ҷопон (1,4 фоиз)ва Беларус (1,2 фоиз) ба ҳисоб меравcareнд.

Дар соли 2022-юм 52 фоизи гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои аъзои ИДМ рост омада, ба 3870,4 млн. доллар баробар гардид. Аз ҷумла ҳаҷми содирот 2330 млн.

доллар ё нисбат ба соли 2021-ум 543,1 млн. доллар ё 30,4 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми воридот бошад, 5182,9 млн. долларро ташкил намуда, нисбат ба соли 2021-ум 965,1 млн. доллар ё 22,9 фоиз зиёд шудааст.

Вазни хоси содиротии кишвар асосан аз ҳисоби фурӯши маъдану консентратҳо (31,4 фоиз), металлҳои қиматбаҳо (30,8 фоиз), нахи пахта ва маҳсулот аз он (10,7 фоиз), алюминийи аввалия ва маҳсулот аз он (7,5 фоиз), қувваи барқ (4,6 фоиз), дигар металлҳои нимқиматбаҳо (4,4 фоиз), меваю сабзавот (2,2 фоиз), семент (1,9 фоиз), металлҳои сиёҳ (1,1 фоиз) ва дигар маҳсулот 9,7 фоизро ташкил дод.

Маврид ба зикр аст, ки дар соли 2022 аз кишвар 3341,1 млн.кВт/с қувваи барқ бо арзиши 106,2 млн. доллар содирот гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум 38,5 млн.кВт/с ё 10,2 млн. доллар зиёд мебошад.

Дар соли 2022 аз ҷумҳурӣ 189,3 ҳазор тонна бо арзиши 51,5 млн. доллар меваю сабзавот содирот шуд, ки нисбат ба соли 2021-ум аз рӯи миқдор 18,7 ҳазор тонна коҳиш ёфта бошад ҳам, вале арзиши маҳсулоти содирот гардида 15,5 млн. доллар ё 43,1 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи асосиро дар сохтори содиротии маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи ҳаҷм пиёз (35,3 фоиз), хушкмеваҳо (26,4 фоиз), ангур (22,2 фоиз), меваҳои тару тоза (6,5 фоиз), сабзӣ, шалғам ва карам (5,1 фоиз) ташкил медиҳад.

Экспорти маҳсулоти меваю сабзавот сол то сол вусъат меёбад. Мувофиқи маълумоти оморӣ содироти меваю сабзавот дар соли 2022 ба 20 кишвар сурат гирифта, аз ҳаҷми умумии маҳсулоти содиротгардида 83,8 фоиз ба Қазоқистон, 7 фоиз ба Федератсияи Россия, 5,7 фоиз ба Покистон, 0,9 фоиз ба Афғонистон, 0,7 фоиз ба Ироқ, 0,6 фоиз ба Ӯзбекистон, инчунин ба дигар давлатҳо рост меояд. Ҳамин тариқ, солҳои охир бори нахуст меваю сабзавот ва маҳсулоти онҳо ба чунин кишварҳо, аз қабили Булғористон, Шри-Ланка, Индонезия, Филиппин, Юнон, Катар, Хорватия ва Малта содир карда шуд. Ба Булғористон ва Шри-Ланка меваи ҳушк, ба Канада ҳарбуза, ба Муғулистон ангуру нок ва гелос содир шудааст.

Дар соли 2022-юм 50 ҳазор тонна меваҳои хушк бо арзиши умумии 25,2 млн. доллар содирот гардид, ки дар қиёс ба соли 2021-ум 8,6 ҳазор тонна ё 9,6 млн. доллар афзоиш ёфта, нархи миёнаи ин намуди маҳсулот 127 доллар барои 1 тонна зиёд гардидааст.

Содироти семент дар соли 2022-юм 1380 ҳазор тонна бо арзиши умумии 44,4 млн. доллар сурат гирифтааст, ки дар қиёс ба соли 2021-ум 143,6 ҳазор тонна афзоиш ёфта, аз рӯйи арзиш 1,7 млн. доллар кам мебошад. Дар ин давра семент асосан ба ҶумҳурииӮзбекистон 965,3 ҳазор тонна (69,9 фоиз) ва Афғонистон 413,7 ҳазор тонна (30,1 фоиз) содирот гардида, нархи миёнаи фурӯш ба Ӯзбекистон 31 доллар ва ба Афғонистон 35 доллар барои як тоннаро ташкил намудааст.

Дар сохтори воридот ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣ 21 фоиз (8,4 фоиз барои истеъмол ва 12,6 фоиз барои коркард), маҳсулоти нафтӣ 13,2 фоиз, воситаҳои нақлиёти заминӣ 7,9 фоиз,таҷҳизоти технологӣ 7,7 фоиз,металлҳои сиёҳ 6,5 фоиз, мошинҳои барқӣ ва таҷҳизот 4,2 фоиз, чӯбу тахта ва маҳсулот аз он 4,1 фоиз, гази моеъ 3,8 фоиз, маҳсулоти полимерӣ 3,4 фоиз, маҳсулоти фармасевтӣ 2,8 фоиз, маҳсулот аз металлҳои сиёҳ 2,1 фоиз, нуриҳои минералӣ 1,6 фоиз, гилхок 1,4 фоиз, либос, пойафзол ва қисмҳои онҳо 1,2 фоиз, маҳсулоти керамикӣ 1 фоиз ва ғайраҳо ташкил медиҳад.




**Диаграммаи 1. Хаҷми умумии гардиши савдои хориҷӣ ва тарози он солҳои 2018 - 2022 (млн. доллар)**

Дар соли 2022 воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ба маблағи 1089,8 млн. доллар сурат гирифтааст, ки аз он 642 млн. доллар ё 59 фоиз асосан ба мақсади коркарди саноатӣ ё истеҳсоли молҳои ватанӣ (гандум, шакар, тухмиҳои равған диҳанда, тухми паранда, чой, қаҳва, маҳсулоти баҳрӣ ва дигарҳо) аз ҷониби ширкату корхонаҳо воридот карда шудааст.

Инчунин дар сохтори воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ҳиссаи гандум ва ғалладонагиҳо, равғани растанӣ, шакар, какао ва маҳсулот аз он, маҳсулоти гуногуни хӯрокворӣ ва меваҳои ситрусӣ бештар ба назар мерасад, ки иқтидорҳои ватанӣ барои таъмини бозори истеъмолӣ бо ин намуди маҳсулот нокифоя аст.

Дар натиҷаи татбиқи имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар соли 2022 воситаҳои нақлиёти барқӣ бо арзиши 23,3 млн. доллар ворид карда шуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 3,3 маротиба ё 16,3 млн. доллар зиёд мебошад.

Барои таъмини эҳтиёҷоти соҳаи кишоварзӣ дар соли 2022-юм 199,3 ҳазор тонна нуриҳои минералӣ ба маблағи 80,4 млн. доллар воридот шуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 1,7 ҳазор тонна ё 38,3 млн. доллар зиёд мебошад. Нархи миёнаи воридотии ин намуди маҳсулот 404 доллар барои як тонна ё нисбат ба нархи миёнаи воридотии соли 2021-ум 191 доллар барои як тонна зиёд мебошад. Нуриҳои минералӣ асосан аз Ӯзбекистон (78,1 фоиз), Федератсия Россия (7,7 фоиз), Туркманистон (6,8 фоиз), Қазоқистон (5,1 фоиз), Афғонистон (1,8 фоиз), Хитой, Эрон ва Покистон воридот карда шуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар охири асри 20 савдои хориҷӣ сифати нав пайдо кард, ки дар ташаккули шаклҳои байналҳалқии истеҳсолот, системаҳои савдо ва молиявӣ; дар фаъолияти ширкатҳо ва бонкҳои трансмиллӣ, ки як қисми зиёди молҳо, сармоя ва технологияҳои дар иқтисоди ҷаҳонӣ ташаккулёфтаро дар таҳия ва ҷорӣ намудани қоидаву меъёрҳои байналмилалӣ оид ба танзими муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ мутамарказ гардониданд. Муҳимтарин равандҳое, ки ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва фаъолияти иқтисодии берунӣ таъсир мерасонанд, ба равандҳои ҷаҳонигардонии истеҳсолот ва сармояи ҷаҳонӣ, намудҳои асосии савдо табдил ёфтанд. Дар баробари савдои анъанавии берунӣ дигар намудҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ,

аз ҷумла ҳамкории техникӣ, иқтисодӣ ва илмию техникӣ, махсусгардонӣ ва кооперацияи истеҳсолот бо шарикони хориҷӣ, ҳамлу нақли транзити байналхалқии молҳои хориҷӣ, корхонаҳои муштарак, таъмин намудани бисёр намудҳои молҳои хориҷӣ пайдо шуданд.

Афзоиши бемайлони вобастагии байниҳамдигарӣ ва бутунии системаи ҷаҳонӣ шакли асосии тараққиёти ҷаҳонӣ шуда истодааст. Дар баробари ин қисмҳои алоҳидаи ин система аз ҷиҳати ҳаҷм ва структура ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ бо роҳҳои гуногун доҳил мешаванд.

Аҳамияти байналҳалқии мамлакат, маҷмуи иқтисодии берунии он ба иқтидори иқтисодии онҳо, мавқеи дар системаи ҷаҳонии истеҳсоли мол, теҳнология ва молия, динамикаи умумии иқтисодии онҳо вобаста аст. Мувофиқи ақидаҳои коршиносон дар остонаи ду ҳазорсола ду иқтисоди ҷаҳонӣ ташаккул ёфт ва дар баробарӣ вуҷуд доранд.

Яке аз онҳо дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонигардонии истеҳсолот ва сармоя ҳамчун иқтисодиёти ҳақиқии байналҳалқӣ пайдо мешавад. Иқтисоди байналмилалӣ на танҳо ба соҳаи берунии иқтисоди ҷаҳонӣ табдил меёбад, балки хусусияти системаро пайдо мекунад. Вай ба асоси техникӣ-иқтисодии истеҳсолоти ҷаҳонӣ, ба режимҳои умумӣ, ки дар байни бисёр мамлакатҳо мувофиқ карда шудааст, ба режимҳои савдо ва валюта асос ёфтааст.

Бахши дигари иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар баробарӣ вуҷуд дорад, ки аксаран аз иқтисоди ҷаҳонӣ комилан мустақил аст. Асосан ин иқтисодиёти пӯшида, худкифоя, анъанавии мамлакатҳои тараққиёбанда мебошад, ки дар он қисми зиёди аҳолӣ зиндагӣ ва масоҳатҳои калонро ишғол мекунад, ки ба императивҳои инкишофи муносибатҳои байналҳалқии ҳозираи иқтисодӣ ҳанӯз амалан таъсир нарасондааст. Намояндагони ҳарактерноки «дунёи якум»-и иқтисодиёти ҷаҳонӣ мамлакатҳои пешқадами саноатӣ, мамлакатҳои «марказ» мебошанд.

«Ҷаҳони дуюм» - мамлакатҳои тараққиёбанда, пеш аз ҳама қисми қафомондатарини онҳо, мамлакатҳои «периферия». Дар 10-15 соли охир, дар натиҷаи либерализатсияи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, бисёре аз соҳибкорони Тоҷикистон дар бозори хориҷӣ пайдо шуданд. Бо вуҷуди ин, ворид кардани онҳо ба тиҷорати ҷаҳонӣ бо дастгирии дурусти иттилоотӣ ҳамроҳ набуд. Қоидаҳои муайяни рафтор дар бозори ҷаҳонӣ таҳия шудаанд, ки онҳоро тоҷирони тамоми кишварҳо эътироф мекунанд, вале баъзан аз ҷониби соҳибкорони точик нодида гирифта мешаванд. Савдои берунӣ кори мураккаби ташкилию идоракунӣ буда, кори бомуваффакият дар бозори хориҷӣ дониши чукури касбиро талаб мекунад.

Имрӯз Тоҷикистон ба як кишвари соҳибистиқлол дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва узви созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Бо мамлакатҳои пешқадами саноатии тараққикардаи ҷаҳон алоқаҳои сиёсӣ, дипломатӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва маданӣ барқарор карда шудаанд. Муносибатҳои дутарафа ва бисёртарафаи ба ҳамдигар фоидабахш инкишоф меёбанд.

Дар ин шароит иқтидори иқтисодии хориҷии кишварро мавҷудияти захираҳои табиӣ, неруи истеҳсолӣ ва илмию теҳникӣ, инфрасохтор, ҳизматрасонии иҷтимоӣ, содироти молу ҳизматрасонӣ ба ташкилотҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои ҳориҷӣ ва ватанӣ, инчунин ба он муайян мекунад.

Аҳамияти ҳар як мубодила бо самаранокии он, аз ҷумла таъсире, ки тарафҳо аз иштироки дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда ба даст меоранд, чен карда

мешаванд. Ба ибораи дигар гӯем, хоҳ муомилот шавад ё не, ҳар як кишвари иштирокчӣ аз чунин табодул баҳра хоҳад бурд ва аз ин рӯ, тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз он баҳра ҳоҳад бурд. Мамлакатҳо дар муносибатҳои байналҳалқии иқтисодӣ дар бораи аҳамияти ҷаҳонишавӣ дар савдои байналҳалқӣ сухан ронда, аз рӯйи анъана сарватҳои моддиро дар шакли маҳсулоти тайёр ва ресурсҳои гуногун мубодила мекунанд. Зимнан, ҳаҷми муомилоти мол бештар ба дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва зиёд шудани маҳсулоти мол вобаста аст. Афзоиши истеҳсолот, аз як тараф, ба вусъати муносибатҳои иқтисодии байни ҳар ду мамлакат мусоидат кунад, аз тарафи дигар, зиёд шудани талабот ба ашёи хоми гуногун ва дигар ресурсҳо талаботи зарурист.

Ташаккули ҷаҳонишавӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ боиси рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳо гардид.

Марҳилаи якуми ҷаҳонишавӣ дар солҳои 1870-1913 ташаккул ёфта, дар давоми он гардиши мол то 20 маротиба ё 33% ҳаҷми умумии истеҳсоли ҷаҳониро ташкил дод.

Марҳилаи дуюми ҷаҳонишавӣ ба солҳои 1950-1973 дахл дорад ва давраи тиллоӣ дар истеҳсолот ва тиҷорати ҷаҳонӣ мебошад.

Марҳилаи сеюми ҷаҳонишавӣ аз соли 1983 инҷониб идома дорад, ки ҳадафи асосии он ворид шудан ба бозорҳои ҷаҳонӣ тавассути истеҳсоли молҳои ракобатпазир мебошад, ки дар ин замина чунин минтакаҳои бузурги ҳамгиро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аз қабили НАФТА, Иттиҳоди Аврупо, АСЕАН ба вуҷуд омадаанд. АТС, МЕРКОСУР ва блоки Япония пайдо мешаванд. Дар навбати худ, рушди савдои байналмилалӣ натиҷаи танзими он аз ҷониби Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат (СҶТ), Созишномаи генералӣ ба тарифҳо ва савдо ё аз байн бурдани табъиз нисбати якчанд кишварҳо мебошад. Дар мамлакати мо муносибатҳои байналхалқии тиҷоратию иқтисодӣ аз асрҳои миёна оғоз ёфтаанд, ки ҳанӯз дар ҷараёни интегратсия қарор доранд.

Хусусан баъди ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон узвият дар созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ ва фаъол шудани равандҳо дар дохили ин созмонҳо омили муҳимми либерализатсияи тиҷорати байналмилалӣ гардид. Имрӯз Тоҷикистон узви баробарҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА), Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ), Бонки Байналмилалии Таҷдид ва Рушд (БТТ), Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд, Корпоратсияи Байналмилалии Молия (IFC), Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, ЮНЕСКО ва ғайра, инчунин узви Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат (СҶТ) мебошад.

Дар ҳамгироии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамкорӣ бо Сандуқи Байналмилалии Пул (СБП) нақши муҳим дорад. Сиёсати беруние, ки давлати мо дар ҳама бобат пеш мебарад, дар ҷаҳон мавқеи худро дорад ва намунаи ба роҳ мондани муносибатҳои байналҳалқии иқтисодӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар ҳоле ки ба талаботи қонуну меъёрҳои тиҷорати байналмилалӣ ҷавобгӯ аст, иқтисоди Тоҷикистон тавассути рушди содироту воридот чӣ имкониятҳоро пайдо карда метавонад?

Аввалан, истеҳсолкунандагоне, ки бо маҳсулоти тайёри худ ба бозори хориҷӣ ворид мешаванд, аз ҳисоби ба даст овардани захираҳои устувори асъор ҳавасманд мегарданд. Ин маънои онро дорад, ки бо содироти маҳсулот онҳо дорои захираи асъор мешаванд.

Сониян, ҳоло истеҳсолкунандагон имконият доранд, ки таҷҳизоту технология харанд, то ки истеҳсоли маҳсулотро аз рӯйи эҳтиёҷоти худ зиёд кунанд.

Сеюм, мониторинги бозорҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки корҳонаҳои наве, ки ба истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда ва содирот нигаронида шудаанд, таъсис дода шуда, ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд.

Чорум, азнавсозии теҳнологии ҳоҷагии халқ ба амал бароварда, дар истеҳсолоти саноатии миллӣ таҷҳизоти нави замонавӣ гузошта мешавад, ки дар ниҳояти кор маҳсулоти миллӣ истеҳсол карда мешавад, ки дар бозори ҷаҳонӣ рақобат карда метавонад.

Панҷум, ин боз ҳам мустаҳкам намудани интегратсияи ҳоҷагии халқ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо роҳи инкишоф додани муносибатҳои байналхалқии тиҷоратию иқтисодӣ дар мамлакати мо мебошад.

Ба ибораи дигар, аҳамияти содирот барои иқтисодиёти кишвар чунин ифода ёфтааст:

1. Ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мусоидат намуда, барои корҳонаю ташкилотҳо ҷойҳои нави корӣ фароҳам меорад. Ҳаҷми содирот ҳар қадар зиёд бошад, ба буҷети давлат ҳамон қадар бештар маблағ дохил мешавад.Он инчунин зарурати бештари истеҳсолотро ба вуҷуд меорад, ки ҷалби назаррасро талаб мекунад. Бинобар ин, содирот на танҳо роҳи беҳтар кардани иқтисод, балки роҳи муҳимми мубориэаи зидди бекорӣ мебошад.

2. Ин вазъият ба афзоиши гардиши асъори хориҷӣ ба кишвар мусоидат мекунад. Ширкат ва корхонаҳои Тоҷикистон аз фурӯши мол ба хориҷа доллар ё евро ба даст меоранд. Аз ин рӯ, содирот манбаи муҳимми ҷалби асъори хориҷӣ ба кишвар мебошад. Афзоиши содирот имкон медиҳад, ки пули миллӣ мустаҳкам шавад ва муносибатҳои тиҷорӣ мувозинат гардад. Вале бояд гуфт, ки якбора зиёд шудани содирот метавонад ба мувозинати савдо таъсири манфӣ расонад. Агар йурби пули миллӣ пай дар пай боло равад, пас дар натиҷаи боло рафтани нархи молу хизматрасонӣ талабот ва рақобатпазирии онҳо дар бозори берунӣ коҳиш ёфта, боиси коҳиши содирот мегардад. Аз ин рӯ, кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки тавозуни содирот ва воридотро нигоҳ доранд.

Чи тавре ки натиҷаҳои таҳлил нишон дод, барои минбаъд содирот кардани маҳсулоти мамлакати мо имкониятҳои хеле ояндадору манфиатнок мавҷуданд:

- суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар кишвар;
- мавҷуд будани инфрасохтор дар мамлакати мо, ки ба инкишофи савдо пурра ҷавоб медиҳад;
- сарфи назар аз он ки дар кишвар роҳи мустақими баҳрӣ вуҷуд надорад, ин мавқеи судманди ҷуғрофӣ роҳи Абрешим мебошад, ки Шарқу Ғарбро мепайвандад;
- ҳосилнокии баланди кишоварзӣ ва саноати коркард, инчунин захираҳои гуногуни маъданӣ дар ҷумҳурӣ;
- додани имтиёзҳои иловагӣ ба корхонаҳои содиркунанда;
- диверсификатсияи ҷуғрофияи содирот аз бозорҳои анъанавӣ, фаъолсозии корхонаҳои саноатӣ, пешбурди брендҳои маҳаллӣ;
- маҳалликунонии маҳсулоти тайёр, маснуот, масолеҳ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, ҳар як кишвар барои ноил шудан ба муносибатҳои устувори иқтисодии байналмилалӣ кӯшиш мекунад, зеро онҳо дар сатҳи байналхалқӣ афзоиши маҳсулот ва даромади миллиро таъмин менамоянд ба самаранок истифода бурдани

захираҳои мавҷуда дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозор мусоидат намуда ба муносибатҳои байналҳалқии иқтисодӣ таъсири рӯзафзуни истеҳсолкунандагони ватаниро мерасонанд. Умуман, инкишофи муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ба афзоиши устувори иқтисодии содироту воридот дар савдои берунии мамлакат ва дар ниҳояти кор ба пешрафти ҷумҳурии мо ва баланд шудани некуаҳволии мардум мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**

1. Кудров В.М. Мировая экономика: учебник. 2-е изд. / В.М. Кудров. - М.: Юстицинформ; Омега-Л. - 2010. - 512 с.

2. Официальный сайт Агентства по статистике при Президенте РТ - www.stat.tj

3. Трусевич И.П. Роль внешней торговли в современных условиях и её влияние на развитие национальной экономики страны. Электронный ресурс. Режимдоступа: http://srrb.niks.by:8008/jspui/bitstream/edoc/20989/1/Trusevich_I

## ТАШАББУСИ САРИВАҚТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ОИД БА ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА АҲАМИЯТИ ОН БА ИҚЛИМИ ТОҶИКИСТОН

**Қурбонов Н.Б., Ҷурабеков Т.М.**

**Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**



Тағйирёбии босуръати иқлим ва афзоиши аҳолии сайёра дар назди инсоният масъалаҳои наверо гузошта истодааст, ки ҳалли оқилонаи онҳо боиси паст шудани шиддати таъсири тағйирёбии иқлим ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад.

**Эмомалӣ Раҳмон**

Тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он яке аз мушкилоти ҷиддии замони муосир ба ҳисоб меравад. Таъсири манфии ин падидаи глобалӣ ба миқдор ва сифати захираҳои оби тоза низ торафт аён мегардад.

Маврид ба ёддоварист, ки дар замони муосир тағйирёбии иқлим дар ҷаҳон ба муҳити зист ва фаъолияти инсон ва табиат ба дараҷае таъсир расонидааст, ки ин устувории биосфераро зери таъсири ҷиддӣ қарор додааст [6]. Дар натиҷаи тадқиқот ва равандҳои илмӣ, муҳаққиқон ва коршиносони соҳа, гармшавии глобалӣ ва тағйирёбии иқлимро дар бо суръат зиёд шудани аҳолӣ, аз байн рафтани захираҳои барқароршавандаи табиӣ, ихроҷи газҳои гулханӣ, нобудсозии ҷангалзорҳо (буридани дарахтҳо) ва ифлосшавии муҳити атроф аз партовҳои гуногун медонанд. Аз ин лиҳоз

тағйирёбии иқлими сайёра сол то сол афзуда, дар сатҳи Замин гармшавии глобалӣ мушоҳида мегардад, ки таъсири он ба обшавӣ ва аз байн рафтани захираи пиряххо ва ба амал омадани офатҳои табиӣ, аз қабили:

- кам ва ифлос шудани обҳои нӯшокӣ;
- аз байн рафтани бештари дарёҳои хурд;
- хушксолӣ;
- селфароӣ (обхезӣ);
- пайдо шудани кӯлҳои пиряхии рахнашаванда;
- аз байн бурдани заминҳои киштзор ва ғайраҳо оварда мерасонад, ки зарари он бевосита ба минтақаҳои аҳолинишин таъсир мерасонад, ки ин ба иқтисодиёти хоҷагии халқ таъсири ҷиддӣ меорад. Бо назардошти гуфтаҳои боло олимону муҳаққиқони соҳаро лозим аст, ки дар тамоми фасли сол омилҳои пешгирӣ ва роҳҳои бартараф намудани офатҳои табииро дар раванди тағйироти иқлим муайян намуда, барои корбарӣ онҳоро мавриди омӯзиш қарор диҳанд [4-5].

Тайи даҳсолаҳои охир коҳиш ёфтани ҳаҷми пиряхҳо дар мавзеи сароби дарёҳои асосӣ, ки бар асари тағйирёбии глобалии иқлим ба вуқуъ пайвастааст, дар минтақаи мо боиси нигаронии ҷиддӣ мегардад. Тибқи иттилооти расонаҳои мухталиф, дар ин муддат масоҳати пиряхҳои Тоҷикистон қариб 35 фисад кам шудааст. Бо дарназардошти фоҷиаи воқеии баҳри Арал мо набояд ба нобудшавии пиряхҳо, ки манбаи асосии ҳаёт дар Осиёи Марказӣ мебошанд, роҳ диҳем [5-6].

**Таъсири он дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ -** тамоми кишварҳои минтақаи мо аз тағйирёбии даври гидрологӣ, ки метавонад боиси обхезиву хушксолиҳои шадид гардида, ба вазъи обу энергетика ва озуқаворӣ таъсири манфӣ расонад, нигарон мебошанд.

Дар шароити тағйирёбии иқлим масъалаи ҳифзи манбаъҳо ва захираҳои оби тозаи ошомиданӣ ба яке аз мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст.

Кишвари мо дар ин самт ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар миқёси ҷаҳонӣ, алалхусус дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид эътироф гардидааст.

Тавре ки маълум аст, тағйирёбии иқлим ба саломатии одамон, муҳити зист, кишоварзӣ, инфраструктураи нақлиёт ва дигар соҳаҳои рушди устувор дар сатҳи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонад. Вале таъсири он ба захираҳои об аз ҳама бештар аст. Ин масъала хусусан дар Осиёи Марказӣ, ки об дар он на танҳо асоси рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, балки омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ мебошад, пуршиддат гардидааст. Натиҷаҳои баъзе таҳқиқот нишон медиҳанд, ки аз соли 1956 то соли 1990 захираи пиряхҳои Осиёи Марказӣ беш аз 3 маротиба кам шудааст ва ҳар сол майдон ва ҳаҷми яххо ба ҳисоби миёна мутаносибан 0,6-0,8 фоиз ва 0,1 фоиз коҳиш меёбанд. Мувофиқи ҳисобҳои камтарин, пиряхҳои Тоҷикистон, ки манбаи асосии дарёҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд, дар асри XX зиёда аз сеяки ҳаҷми худро гум кардаанд. Дар мавриди идома ёфтани тамоюли мавҷуда



дар Тоҷикистон шояд ҳазорон пиряххо нобуд шаванд [4-5].

Бо дарназардошти аҳамияти муҳимми иҷтимоиву иқтисодии захираҳои об зарур аст, ки доир ба нигоҳ доштани пиряххо ва захираҳои барф дар минтақа, анҷом додани корҳои муштараки илмиву таҳқиқотӣ, ташкили назорат аз болои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо ва огоҳкунии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин равандҳо тадбирҳои фаврӣ андешида шаванд. Хушкшавии воқеии баҳри Аралро таъкид намуда, мо набояд ба нобуд гардидани пиряххо, ки манбаи асосии ҳаёт дар Осиёи Марказӣ мебошанд, роҳ диҳем.

**Ҳалли проблема дар сатҳи ҷаҳонӣ -** тазаккур бояд дод, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур тамоми мутахассисони соҳаро мебояд, ки ҳамкориҳои муштаракро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба роҳ монда, оид ба таъсири тағйирёбии иқлим ба табиат ва гармшавии глобалӣ чораандешӣ намоянд.

Чи гунае ба мо маълум аст, яке аз проблемаҳое, ки ба суръат бахшидани гармшавӣ оварда мерасонад, ин партовҳои газҳои гулханӣ ва дигар намуди партовҳо мебошанд. Барои кам кардани партовҳо ба фазо бар ивази сӯзишворӣ, ки манбаи асосии олудашавии ҳаво мебошанд, истифода бурдани манбаъҳои барқароршавандаи энергия афзалият дорад. Дар ин бобат, пеш аз ҳама, мавриди истифода қарор додани захираҳои гидроэнергетикӣ, ки дар минтақа ниҳоят фаровонанд, муносиб мебошад. Гидроэнергетика ғайр аз ин, ки манбаи таъминоти қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва арзон ба ҳисоб меравад, ҳамчунин аз нуқтаи назари истифодаи устувори захираҳои табиӣ дарояндаи дур, ки захираҳои нафту газ дар натиҷаи истифодаи пайвастаи баъзе кишварҳои минтақа барои истеҳсоли қувваи барқ ба охир хоҳанд расид, муҳим мебошад.

Обанборҳои неругоҳҳо танзими боэътимоди бисёрсола ва мавсимии ҷараёни обро, ки барои обёрӣ намудани заминҳо хеле зарур аст ва барои пешгирӣ намудани офатҳои марбут ба об, чун обхезӣ, сел ва кам кардани таъсири хушксолӣ мусоидат мекунад, таъмин менамоянд. Дар шароити тағйирёбии иқлим истифодаи самарабахши замин ва захираҳои об бо ҳадди ақали таъсири антропогенӣ муҳим мебошад.

Ба ҳама маълум аст, ки бинобар самарабахш истифода набурдани захираҳои обу замин дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри XX ба фоҷиаи бузурги экологӣ - хушкшавии баҳри Арал дучор гардид, ки оқибати он талафоти бузурги экологӣ ва иҷтимоиву иқтисодиро ба миён овард. Сабаби асосии ин фоҷиа дар азхудкунии саросарии замин мебошад. Агар дар ибтидои қарни гузашта дар минтақа 3 миллион гектар замини корами обӣ вуҷуд дошта бошад, пас дар охири асри XX ин рақам ба 9 миллион гектар расид. Аз ин рӯ, имрӯз дар шароити шиддат ёфтани камбуди об дар минтақа зарур аст, ки ба таҳия ва ҷорӣ кардани низоми нави обёрӣ, баланд бардоштани самаранокии иншооти обрасонӣ ва ба вазъи мавҷуда мутобиқ ва муносиб гардонидани навъҳои зироати кишоварзӣ, яъне аз кишти зироати обталаб гузаштан ба кишти зироати ба хушкӣ тобовар таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад [1-3].

Барои Тоҷикистон татбиқи чораҳои амалӣ дар робита ба ҳифзи экосистемаи кӯҳӣ, аз ҷумла дар самти пешгирӣ аз таназзули захираҳои обӣ (дарёҳо, кӯлҳо, захираи барф ва пиряххо) ва табиӣ ниҳоят муҳим мебошад.

**Ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти тағйирёбии иқлим ва нақши онҳо -** тайи даҳсолаҳои охир, коҳиш ёфтани ҳаҷми пиряххо дар мавзеи сароби дарёҳои асосӣ, ки бар асари тағйирёбии глобалии иқлим ба вуқуъ пайвастааст, дар минтақаи мо боиси

нигаронии ҷиддӣ мегардад. Тибқи иттилооти расонаҳои мухталиф, дар ин муддат, масоҳати пиряххои Тоҷикистон қариб 35 фисад кам шудааст. Бо дарназардошти фоҷиаи воқеии баҳри Арал мо набояд ба нобудшавии пиряхҳо, ки манбаи асосии ҳаёт дар Осиёи Марказӣ мебошанд, роҳ диҳем.

Дар асоси ин, бори аввал бо ташаббус ва пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи декабри соли 2009 дар конфронси тағйирёбии иқлим, ки дар Копенгаген баргузор гардида буд, таъсиси Фонди байналмилалии ҳифзи пиряххо роҳандозӣ гардид. Ҳамзамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи ноябри соли 2019 низ дар конфронс оид ба тағйирёбии иқлим дар шаҳри Париж (Фаронса) бо назардошти ҳолати ногуворӣ пиряххои Тоҷикистон дар зери таъсири тағйирёбии иқлим, ҷиҳати таъсиси чунин фонди махсус даъват ба амал оварданд [1-2].

Инчунин, бояд ёдовар шуд, ки дар доираи ҷаласаи Созмони ҳамкории Шанхай моҳи марти соли 2021 масъалаи таъсиси Фонди байналмилалии ҳифзи пиряххо ҳамчун яке аз масъалаҳои афзалиятнок, ки диққати ҷиддиро талаб мекунад, ба рӯзномаи ҷаласаи ин Созмон ворид шуда буд. Дар доираи ин масъала Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки обшавии босуръати пиряххо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки аз афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Бо назардошти ин, Президенти кишвар пешниҳод намуданд, ки ҷиҳати тамаркуз кардан ба масъалаи мазкур дар сатҳи байналмилалӣ, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ва Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо муайян гардида, Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряххо таъсис дода шавад [1-3].

Санаи 4 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-уми худ қатъномаи “2025 - соли байналмилалии ҳифзи пиряххо”, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, қабул кард. Он яке аз қатъномаҳои нодир ба ҳисоб меравад, зеро дар он ҳам эълони Рӯзи байналмилалӣ ва ҳам Соли байналмилалӣ дарҷ гардидааст. Иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ пазируфта шуд [2-3].

Боиси ифтихор аст, ки дар асоси ин қатънома, пешниҳодҳои ироашудаи Президенти кишвар аз ҷониби кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла:

- Эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо;
- Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо;
- Дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряххо;
- Дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар ш. Душанбе.

Қатъномаи номбурда аҳамияти пиряхҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гирдгардиши гидрологӣ дар табиат, ки обшавии босуръати онҳо таъсири ҷиддии ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон, соҳаи энергетика ва рушди устувор мерасонад, дар бар мегирад. Дар ин хусус, барои олимони соҳа ҷиҳати таҳқиқоти амиқу дақиқи бештар дар ин самт шароит фароҳам меорад.

Инчунин дар ин санад таъкид шудааст, ки таъсири гармшавии глобалӣ боиси коҳиши густурдаи криосфераи сайёра шудааст, ки дар натиҷа сатҳи оби укёнусҳо

баланд ва устуворӣ дар минтақаҳои баландкуҳҳо кам шуда, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пиряхӣ тағйир додааст. Ин омил ба паст шудани маҳсулоти маҳаллии кишоварзӣ, афзоиш ёфтани норасоии об оварда мерасонад.

Маҳз, ташаббуси Пешвои миллат талаб менамояд, ки мутахассисони соҳа бештар ба ин мавзуъ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, фаъолияти таҳқиқотии худро бозҳам ҷиддитару хубтар ба роҳ монанд.

Аз ин рӯ, ташаббуси Пешвои миллатро дар иқлими сайёра бамаврид ва саривақӣ арзёбӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст, зеро маҳз дар ҳошияи ин иқдом умед дорем, чораҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ, дастрасӣ ба оби ошомидании тоза ва рушди иқтисодӣ андешида мешавад. Аз ин рӯ, захираҳои об нақши муҳим доранд, ки, мутаассифона, имрӯзҳо зери таъсири шадиди тағйирёбии иқлим қарор гирифтаанд.

Мо умедворем, ки иқдоми пайдарпайи Президенти Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат дар ҳалли ин масъалаи глобалӣ, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташавишу изтироб овардааст, нақши бориз мегузорад. Мо низ ҷиҳати пайгирӣ намудани ташаббуси Пешвои муаззами миллат оид ба обу иқлим кӯшиш ба харҷ дода, тадбирҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба татбиқ хоҳем расонид.

**Адабиёт:**


1. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси сеюми умумиҷаҳонӣ бахшида ба проблемаи иқлим 03.09.2009, 18:00, Швейтсария.
2. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи Созмони ҳамкории Шанхай 3.03. 2021.
3. Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
4. Ҷурабеков Т.М. Оиди сохтани модели математикии пиряххо ва обшавии онҳо. Т.М.Ҷурабеков //Паёми донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Душанбе. -2022.- №1(48).- С.191.
5. Ҷурабеков Т.М. Оид ба сохт, таркиб, динамика ва режими пиряххо дар кулаҳои помир. //Паёми донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - Душанбе - 2021. №2(8). - С. 76-82.
6. Ҷурабеков Т.М. Тағйирёбии иқлим ва таъсири омилҳои он ба обшавии пиряххо ва хатари онҳо ба ҷомеа. /Т.М.Ҷурабеков //Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (22-23 апрели соли 2022), қисми 1. - С. 35.

# МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БИОИҚТИСОДИЁТ

**Қосимов Л.Ф.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар ибтидои асри XXI дар ҷаҳон равандҳои ташаккули моделҳои иқтисодӣ бо тамоюлҳои нави иқтисодӣ ва бо назардошти дигаргунсозии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва миллии мамлакатҳои ҷаҳон ба инкишоф шуруъ намуданд. Хусусиятҳои асосии моделҳои ояндадор ва механизмҳои амалии татбиқи онҳо, аз ҷумла, дар ҳуҷҷатҳои бунёдии конфронсҳои Созмони Милали Муттаҳид, ки аз ҷониби ҳамаи кишварҳо тасдиқ шудаанд, инъикос ёфтааст. Мушкилоти нави иқтисодии ҷаҳонӣ ва самтҳои асосии дигаргунсозии иқтисодӣ дар се ҳуҷҷати ҷамъбастии Конфронси СММ, ки дар Париж (декабри 2015), Ню-Йорк (сентябри 2015), Рио-де-Жанейро (июни 2012) қабул шудаанд, равшантар инъикос ёфтаанд. Созишномаи Париж ба мубориза бо тағйирёбии иқлим ва зарурати эҷоди иқтисоди камкарбон дар ҷаҳон бахшида шуда буд. Дар Ню-Йорк Ҳадафҳои рушди устувор барои ҳамаи кишварҳо то соли 2030 қабул карда шуданд.

Сабаби асосии номбурда дар он аст, ки ин ҳамкориҳо боиси ташаккули як самти нав дар илми биоиқтисод гардид, ки рушди он, аз як тараф, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои баландтехнологии илм, аз тарафи дигар, боиси рақобати шадид барои баланд бардоштани сифат ва дароз кардани давомнокии умри инсон мегардад. Биоиқтисод ба самти афзалиятноки сиёсати давлат табдил меёбад.

Олимон омилҳои зеринро шартҳои асосии рушди биоиқтисодиёт медонанд: нарасидани озуқа аз сабаби афзоиши аҳолӣ дар ҷаҳон; маҳдуд будани захираҳои маъданҳо, ашёи хом ва энергия; ифлосшавии муҳити зист ва зарари муҳити зист; тезонидани таҳқиқи кайҳон; табдили илм, рушди босуръати биотехнология ҳамчун як соҳаи илм, пайдоиши нанотехнологияҳо ва нанотиб; тезондани суръати тараққиёти техника дар шароити ягона ба ҳисоб меравад [1].

Дар ҷанбаи таърихӣ барои муайян кардани марҳилаҳои биоиқтисодӣ се равиш вуҷуд дорад. Аввалан, назария ба миён гузошта мешавад, ки биотехнология як раванди систематикист, ки асоси онро равандҳои қадимии ферментатсия, аз ҷумла истеҳсоли спирт, силоскунӣ ташкил медиҳанд. Сониян, чунин ақида мавҷуд аст, ки соли 1947 ба ширкати кимиёвии Мерк дода шудани мукофоти МакГроу Хилл барои комёбиҳо дар соҳаи технологияи биохимиявиро санаи шартии пайдоиши биотехнология ҳисоб кардан лозим аст. Ниҳоят, ибтидои биотехнологияро ба солҳои 70-ум асри XX то замони пайдоиши муҳандисии генетикӣ метавон нисбат дод. Дар айни замон марҳилаҳои зерини ташаккули биотехнологияҳоро ҷудо кардан мумкин аст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Марҳилаҳои ташаккули «биоиқтисод»**

| Олимон | Хусусиятҳо ва самтҳои асосӣ | Марҳила - равиш |
|---|---|---|
| | **Марҳилаи аввал: 1856-1933** | |
| Л. Пасте<br>Е. Ru<br>И.И. Мечников<br>Р. Кох<br>Д. Листер<br>Ивановский Д.И. | Муайян кардани хусусияти микробҳои ферментатсияҳо<br>Муайян кардани имконияти зиндагӣ дар шароити аноксикӣ;<br>Истеҳсоли хамиртуруши прессшудаи ғизоӣ, инчунин маҳсулоти мубодилаи бактерияҳо;<br>Вазифаҳо оид ба лоиҳакашӣ, ба вуҷуд овардан ва дар амал ҷорӣ намудани таҷҳизоти зарурӣ — биореактор. | Этиологӣ |
| | **Марҳилаи дуюм: 1933-1972** | |
| А.Клюйвер<br>ОН. Перкин<br>Кребс<br>Ф. Крик<br>Ҷ. Уотсон<br>Ҷ. Монод<br>Р.Г. Бутенко<br>И.И. Иванов | Дар биотехнология ҷорӣ намудани таҷҳизоти калони пломбадор, ташкил ва инкишоф додани истеҳсоли антибиотикҳо, парвариши ҳуҷайраҳои пайдоиши гуногун барои ба даст овардани маҳсулоти гуногуни ҳуҷайра ва худи ҳуҷайраҳо барои эҳтиёҷоти инсон, дар навбати аввал пенисиллин, стрептомисин, тетрасиклинҳо, декстран, як қатор аминокислотаҳо ва бисёр моддаҳои дигар. | Биотехникӣ |
| | **Марҳилаи сеюм: 1972 то имрӯз** | |
| П. Берг<br>Ф. Крик<br>С. Очоа | Тадқиқоти асосӣ ин таҳияи равандҳои интенсивӣ барои шахс дар асоси технологияҳои муҳандисии генетикӣ мебошад.<br>Эҷоди организмҳои ғайриоддӣ, ки қаблан дар табиат вуҷуд надоштанд.<br>Кор карда баромадан ва дар амалия ҷорӣ намудани техникаи махсус, схемаҳои биотехнологӣ.<br>Автоматӣ кунонидан ва компютеркунонии процессҳои оптималии биотехнологии истеҳсолот бо сарфи максималии ашёи хоми арзон ва сарфи ками энергия.<br>Татбиқи биотехнология дар такрористеҳсолии ҳайвонот. | Муҳандисии генетикӣ |

Тавре ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст, аз рӯйи масъалаҳои марҳилаҳои пайдоиш ва ташаккули биоиқтисодиёт, самтҳои асосӣ ва вазифаҳои он муайян гардида, дар асоси марҳилаҳои инкишофи он равишҳои олимони асосӣ низ муайян карда шудаанд. Қайд карда шуд, ки дар марҳилаи сеюми рушди биоиқтисод тағйироти муҳим ба вуқуъ пайваст, ки ба истилоҳ рушди муҳандисии генетикӣ, минбаъд низ истифодаи технологияҳои инноватсионӣ барои оптимизатсияи равандҳои истеҳсолӣ дар шароити

истифодаи ҳадди аксар аз ашёи хоми арзон ва ҳадди ақал истеъмоли энергия ба ҳисоб меравад.

Тавре аз ҷадвали 1 дида мешавад, ташаккули биоиқтисод асосан дар се марҳила ташкил ёфтааст, ки муҳимтарини онҳо (аз соли 1972 то имрӯз), муҳандисии генетикӣ мебошад, ки ҳар яки онҳо барои ташаккули он равишҳои хос ва олимони дахлдор тааллуқ дошта, сар карда, аз муайян кардани табиати микробҳо барои татбиқи технологияҳои нави истифодаи самараноки захираҳои табиӣ бо мақсади таъмини амнияти энергетикӣ ва озуқавории кишвар, инчунин ҳифзи он ҳамчун воситаи консепсияи устувори инкишофёбии он мебошад. Дар натиҷа мо марҳалаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули биоиқтисодиро ба гурӯҳҳо ҷудо намудем (нигаред ба расм).

Дар шароит ва фаҳмишҳои муосир истилоҳи биоиқтисод бо суръати суст инкишоф ёфтааст, зеро қаблан биоиқтисод ҳамчун восита, дониш дар соҳаи биология, ки барои мақсадҳои тиҷоратӣ дар сатҳи саноатӣ[5] истифода мешуд, шарҳ додан мумкин аст, ки дастовардҳои назарраси он дар соҳаи биология, такони пайдоиши консепсия ва таҳаввулоти консепсияҳо боиси рушди биоиқтисод гардид.

Бисёре аз корҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба ҷанбаи муайяни мафҳуми «биоиқтисодиёт» бахшида шудаанд, вале бо вуҷуди ин, дар айни замон ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ оид ба таърифи биоиқтисод якдилона ташаккул наёфтааст. Дар илми ҷаҳонӣ ҷиддитарин хулосабарориҳо аз ҷониби олимони рус (Бобилев С.Н., Михайлова С.Ю., Кирюшин П.А.) гузаронида шуда, дар асарҳои олимони ватанӣ бошад, принсипҳои бунёдии таҳқиқи таъсири мутақобилаи экологӣ ва иқтисодӣ инъикос ёфтаанд, аз ҷумла асарҳои Исайнов Ҳ.Р., Қудратов Р.Р., Муҳаббатов Х.М., Одинаев Х.А., Петров Г.Н., Раҳимов Р.К., Халиқов Ш.Х., Умаров Х.У., Кимсанов У.О., Давлятова М.М. ва ғайра [3].

Проблемаҳои тадқиқоти назариявӣ ва методологии биоиқтисодиёт дар асарҳои машҳури олимони зерин қайд карда шудаанд: Г. Брунтленд, М. Кеннет, Д. Медоуз, П. Хокен, Р. Браун, С. Н. Бобилева, Б.Н. Порфирева, И. Игнатева, В.П. Ануфриева, Н. Замонова, Э.М. Яшалова ва ғайра буда, аз ҷиҳати методологӣ онҳо ба назарияҳои риёзии маржинализми В.Ҷевонс ва Л.Волрас, инчунин идеяи институсионализми Т.Веблен ва ақидаҳои иҷтимоию экологии А.Саллеҳ асос ёфта, методология ва принсипҳои илмию техникии Ю.В. Лебедев, равишҳои методологии В. Бочко шомил мебошад.

Изҳороти охирин аз он иборат аст, ки биоиқтисод дар байни сохторҳои тиҷоратӣ ва инчунин олимон боиси нигаронӣ шуда, барои татбиқ намудани он дар сатҳи саноатӣ сабаб гардидааст. Таърифи маъмултарини биоиқтисод, ки дар созмони байналмилалӣ (Global Bioeconomy Summit 2015) қабул шудааст, консепсияи онро пурра инъикос намуда, се ҷанбаи асосии рушди устуворро муттаҳид мекунад: экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Таърифи дигари биоиқтисод низ қаблан қабул шуда буд (Ассотсиатсияи Амрико оид ба пешрафти илм, 1997), аз ҷумла танҳо ду ҷанбаи рушди устувор: иқтисодӣ ва иҷтимоиро (СММ, 1992) дар бар мегирад.




**Расми 1. Марҳилаҳои пайдоиш ва ташаккули биоиқтисодиёт**

Дар конфронси соли 1992 дар Рио ин созмон ғояи зарурати ҳамкории соҳибкорон ва ҳукуматро дар таъмини рушди устувор пешбарӣ кард. «Рушди тоза ва одилонаи иқтисодӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи рушди устувор аст, истифодаи самараноки захираҳоро тақозо мекунад: дар ҳоле ки «эко-самаранокӣ» барои соҳибкорӣ маънои иқтисодӣ дорад, тадбирҳои иқтисодӣ оид ба татбиқи консепсияи рушди устувор низ инъикос ёфтаанд.

Умуман, дар конфронси соли 1992 дар Рио равишҳои консептуалии ташаккули модели нави ба экологӣ нигаронидашудаи рушди иқтисодӣ муқаррар карда шуданд [5].

Кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бо мақсади таҳлил ва рушди самтҳои асосӣ дар соҳаи табдил додани сармоягузорӣ ба иқтисодиёти «сабз» ба роҳандозии технологияҳои тоза ва энергетика бо номи «Ташаббуси Иқтисодии Сабз (Ташаббуси Иқтисоди Сабз, 2008) шуруъ карданд», сарфи назар аз саъю кӯшишҳои 20-солаи рушди иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити зист дар сатҳи ҷаҳонӣ натиҷае надоданд, ки дар натиҷа ҷомеаи ҷаҳонӣ ба як қатор бухронҳои мувозинати экологӣ рӯ ба рӯ шуд, ки охиринаш боиси зарурати ташаккули муҳити зист гардид, ки намуди нави рушди иқтисодӣ - «биоиқтисодиёт» тавассути призмаи рушди иқтисоди сабз, ки ба самти муҳимтарин рушди муосири ҷаҳонӣ табдил ёфта, асоси онро назарияи рушди устувор ташкил медиҳад, ки дар ташаккули он нақши муҳим бозидааст, ки аз равишҳо ва воситаҳои нави тадқиқот, аз ҷумла принсипи самаранокӣ ва оптимизатсияи истифодаи захираҳои табиӣ ва инсонро дар бар мегирад.

Дар байни олимон ва таҷрибаомӯзон таърифи умумӣ ва ягонаи мафҳуми биоиқтисод вуҷуд надорад. Умуман, як қатор олимон: Матеску И., Попеску С., Паун Л, Роата Г, Бансила А. қайд мекунанд, ки биоиқтисод маҷмуи якҷоякунонии донишҳои

биологӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки рӯйдодҳои иқтисодиро тавассути самти биология, оптимизатсияи иҷтимоӣ-иқтисодиро муайян карда, системаҳои биологие, ки устувор ва самаранок истифода мешаванд.

Дар мавриди осори олимони тоҷик метавон гуфт, ки осори Исайнов Ҳ.Р., Одинаев Ҳ.А., Ғаниев Т.Б., Умаров Х.У. равишҳои экологӣ ва иқтисодӣ доранд, тавассути мафҳуми рушди сабз Исайнов Ҳ.Р. чунин қайд менамояд: "Татбиқи технологияҳои тозаи муассир ва кишоварзии устувор омилҳои пешбарандаи рушди иқтисод ва ҳифзи муҳити зист мебошанд".

Инчунин дар асарҳои худ Одинаев Ҳ.А. қайд мекунад, ки оқилона истифода кардани захираҳои табиӣ набояд ба муҳити зист таъсири манфӣ расонад, балки афзоиши шуғл бояд дар асоси васеъ намудани соҳаҳои энергияталаби саноат ва инфраструктура сурат гирад.

Интизор меравад, ки биотехнология ба саноати босуръат рушдёбанда дар асри 21 табдил ёбад. Ба гуфтаи коршиносони варзида, то соли 2030 биотехнология 2,7% ММД-ро дар кишварҳои пешрафта таъмин хоҳад кард. Барои кишварҳои рӯбатараққӣ саҳми биотехнология боз ҳам бештар хоҳад буд. Дар асоси татбиқи дастовардҳои биотехнологӣ то соли 2030 80% маҳсулоти тиббӣ, 35% маҳсулоти саноати кимиё ва 50% маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда мешавад. То соли 2050, бозори ҷаҳонии биоэнергетика 150 миллиард долларро таъмин хоҳад кард, ки 30% талаботи умумиҷаҳонии энергияро аз манбаъҳои барқароршаванда таъмин мекунад. Дар байни кишварҳо дар рушди биотехнология ба пешравиҳои бештар ИМА, Олмон, Британияи Кабир, Чин ва Ҷопон ноил гардиданд. Самтҳои афзалиятноки рушди биоиқтисод инҳоянд: амнияти озуқаворӣи ҷаҳонӣ; истеҳсоли устувори кишоварзӣ; истеҳсоли маҳсулоти ғизоии бехатар; истифодаи саноатӣ захираҳои барқароршаванда ва ғ.

Мояи нигаронии ин мавзуъ Тоҷикистонро низ дастгирии фаъоли ҳамкориҳои байналмилалӣ ва иштирокчии доимии равандҳо дар соҳаи мушкилоти об, экология ва рушди устувор дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва зерминтақавӣ тасдиқ мекунад. Иштирок дар Конфронси умумиҷаҳонии СММ оид ба муҳити зист ва рушд дар Рио-де-Жанейро ва қабули санадҳои асосии он: Эъломияи Рио, рӯзномаи 21 ва конвенсияҳои ҷаҳонии экологӣ, инчунин иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти ғайрирасмии сарони давлатҳои аъзои БРИКС, Созмони ҳамкории Шанхай ва ғайра.

Имрӯзҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мушкилоти табиию экологӣ ниҳоят хатарнок ва глобалӣ мебошанд. Бешубҳа, онҳо ба иқтисодиёт, ки бевосита ба истифодаи сарватҳои табиӣ асос ёфтааст, таъсири бевосита ва пурзӯр доранд. Инчунин, мушкилот дар баробари афзоиши аҳолӣ дар минтақа ва як қатор омилҳои дигар зарурати дарёфти роҳҳои нави сарфаи захираҳо ва рушди иқтисодиётро ба миён овардаанд, ки яке аз онҳо рушди биоиқтисодиёт аст, ки дар асоси истифодаи биотехнология бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва кам кардани таъсири зараровар ба муҳити зист асос ёфтааст [10]. Охирин таҳлилҳо ба он вобаста аст, ки яке аз вазифаҳои асосии стратегӣ дар кишварҳои минтақа ин аз нав барқарор кардани иқтисодиёти кишвар дар роҳи модели нави рушд аст, дар ҳоле ки даромад аз фурӯши ашёи хом чунин имкониятро фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти Тоҷикистон дар татбиқи принсипҳои рушди сабз ва биоиқтисод ин баланд бардоштани самаранокии энергия ва

**Раҳмонов Р.З., Назирзода К.З., Ҷурабеков Т.М., Ҳоҷиев А.Э.**

**Маркази яхшиносии Агентии обуҳавошиносӣ**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Раванди тағйирёбии иқлим ва гармшавии глобалӣ, ки дар арсаи ҷаҳонӣ таъсири худро бевосита гузошта истодааст, ин ба фаъолияти инсон ва табиат таъсири манфии худро расонида истодааст.

Аён аст, ки тайи солҳои охир ҳарорати ҳаво то якчанд дараҷа боло рафта, дар сайёраи мо мушкилиҳои зиёдеро роҳандозӣ намуда истодааст. Аз ҷумла таъсири тағйирёбии иқлим ба кишвари азизи мо - Тоҷикистон низ таъсири бевоситаи худро расонида истодааст, ки ин ба обшавии захираи табиӣ аз қабили пиряххо бағоят калон мебошад. Тазаккур бояд дод, ки ҷиҳати бартараф намудани ин мушкилӣ агар чораҳои зарурӣ андешида нашавад ва ин раванд идома ёфтан гирад, оқибаташ ба норасоии оби нӯшокӣ, об барои киштзор ва аз байн рафтани бештари дарёчаҳои хурд оварда мерасонад, ки зиндагии бархе аз минтақаҳои аҳолинишин ва инкишоф ёфтани табиатро душвор мекунад [1]. Чунки тамоми дарёҳое, ки ҷорӣ мешаванд, сарчашмаи онҳо пиряххо мебошанд.

Ҳавзи дарёи Обихингоб яке аз қисмҳои таркиби дарёи Вахш ва яке аз минтақаҳои муҳимми майдони пиряххои Помир ба ҳисоб меравад. Ҳавзаи дарёи Обихингоб дорои майдони васеъ буда, дарозии он аз Ғарб ба Шарқ тақрибан 180 км ва аз Шимол ба Ҷануб бошад, зиёда аз 70 км буда, масоҳати ҳавза ба 6660 км$^2$ баробар аст [2-3].

Дар қаторкӯҳҳои ин ҳавза қуллаҳои калонтарини ҷумҳурӣ мушоҳида мешаванд. Дар қаторкӯҳи Академияи илмҳо, ки водии Ғармо аз он сарчашма мегирад, то баландиҳои 5600-6800 м аз сатҳи бахр мерасад. Дар шохаи шарқии қаторкӯҳҳои Пётри Як, қуллаи Москва бо баландии 6785м қомат афрӯхта ва дар шохаи ҷанубу ғарбии қаторкӯҳи мазкур қуллаи Ғармо аз баландиҳои 6000 то 5000м паст ҷой гирифтааст [4].

Сарфи назар аз он ки ¼ ҳиссаи қаламрави ҳавзаи дарёи Обихингоб дар пастӣ қарор дорад, ки ҳудуди он пурра аз пиряххо озод аст.




*Харитаи ҳавзаи пиряхи Ғармо (Каталог ледников СССР)*

Тибқи маълумоти «Каталога ледников СССР» дар ҳудуди ҳавзаи дарёи Обихингоб 549 пирях, ки андозаи онҳо аз 0,1 $км^2$ бештар аст, ҷойгир буда, майдони 701,9 $км^2$-ро ишғол мекунанд. Дар баробари ин, дар ҳудуди ҳавза 207 пиряхҳои аз 0,1 $км^2$ хурд, бо масоҳати умумии 10,5 $км^2$ мавҷуд аст. Аз ҳисоби умумии пиряхҳои ҳавза, шаштои онҳо барои мушоҳида интихоб шудааст, ки калонтарини онҳо пиряхи Ғармо мебошад. Ин пиряхҳо барои баҳодиҳии кулли пиряхҳои ҳавза хизмат мекунанд [5].

Пиряхи Ғармо дар саргаҳи водии Ғармо дар доманаи қаторкӯҳҳои Пётри Як, Академияи илмҳо ва Дарвоз ҷойгир аст. Дарёе, ки аз пиряхи мазкур сарчашма мегирад, Ғармо номгузорӣ шудааст, ки бо дарёҳои Бохуд ва Қирғизоб якҷо шуда дарёи Обихингобро ташкил мекунад. Пиряхи Ғармо пиряхи мураккаби водигӣ буда, дорои шохаҳои зиёд мебошад.

Дарозии пирях 30,4 км буда, майдони 114,6 $км^2$-ро дар бар мегирад, ки яке аз пиряхҳои калонтарини Тоҷикистон ва Осиё ба ҳисоб меравад. Қисмати ғизогирии пирях аз қуллаҳои Исмоили Сомонӣ ва Ғармо оғоз гардида, охири забонаи пирях дар баландиҳои 2970 м аз сатҳи баҳр қарор дорад [5].



Расми 1. Пиряхи Ғармо

Ҷиҳати муайян намудани ҳаҷм ва ғафсии пирях аз моделҳои математикии Н.В. Ерасов истифода мебарем [5].

Барои ҳисоб намудани ғафсии пиряхи Ғармо аз формулаи зерин истифода мебарем:

$$\mathbf{h = 27 \cdot f^{0.5}} \qquad (\mathbf{1}),$$

ки дар ин ҷо $\mathbf{h}$ – ғафсии пирях мебошад. Дар асоси формулаи (1) ҳисоб мекунем:

$$\mathbf{h = 27 \cdot (f)^{0.5} = 27 \cdot (114,6)^{0,5} = 27 \cdot (114,6)^{\frac{1}{2}} = 27 \cdot \sqrt{114,6} =}$$
$$\mathbf{= 27 \cdot 10,7 \approx 289}\ \text{м}$$

Тибқи ҳсиобкуниҳо маълум гардид, ки ғафсии пиряхи Ғармо тақрибан ба 289м баробар аст. Инчунин аз рӯйи масоҳати пиряхи мазкур, ки он ба 114,6 $км^2$ баробар мебошад, ҳаҷми онро ҳисоб мекунем:

$$\mathbf{V = 0.027 \cdot f^{1.5}} \qquad (\mathbf{2}),$$

ки дар ин ҷо **V – ҳаҷм** ва **f – масоҳати** пирях мебошад.

Дар асоси формулаи (2) ҳаҷми пиряхи Ғарморо муайян мекунем:

$$\mathbf{V = 0.027 \cdot (f)^{1.5} = 0,027 \cdot (114,6)^{1,5} = 0,027 \cdot (114,6)^{\frac{3}{2}}} =$$

$$= \mathbf{0,027 \cdot \sqrt{(114,6)^3}} =$$

$$= \mathbf{0,027 \cdot \sqrt{1505060,14} = 0,027 \cdot 1226,8 = 33,2}\ \text{км}^3$$

Дар асоси додашудаҳо ва ҳисобкуниҳои математикӣ қайд намудан зарур аст, ки ҳаҷми ишғолнамудаи пиряхи Ғармо тақрибан ба 33,2 $км^3$ баробар аст, ки ин яке аз калонтарин пиряхҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад.

Омӯзиши пиряхи Ғармо аз солҳои 1940 шуруъ гардида, тадқиқот нишон дод, ки дар давоми ин солҳо пирях дар ҳолати таназзул қарор дорад. Аз соли 1940 то 1957 то 2,6 м коҳиш ёфта, ба миқдори 2,8 $км^2$ масоҳати худро аз даст додааст. Баъдан дар муддати 7 сол дар ҳолати оромӣ қарор дошта, аз соли 1964 то 1976 пирях ба андозаи 240 м коҳиш ёфта, 0,31 $км^2$ яхи худро гум кардааст. Дар тӯли солҳои 1974 – 1985 бошад, бо суръати обшавии 8,7 м/сол ба андозаи 96 м коҳиш ёфтааст [4-5].

Дар солҳои 1985 - 1990 сатҳи болоии пирях ба миқдори то 13м паст гардида, забонаи он ба масоҳати 3,5 $км^2$ майдони ях ҷудо шуда, пиряхи мурдаро ташкил намудааст, ки дарозии 3600 метрро дар бар мегирифт. Пиряхи «мурда» зери таназзули шадид қарор дорад.




*Нақшаи қисмати забонаи пиряхи Ғармо дар соли соли 2021*

Дар соли 1990 мушоҳидаҳо собит намуданд, ки суръати миёнаи 9 м/сол ақиб нишаста, болои он ба ҳисоби миёна 4 м/сол паст шуда истодааст. Дар баробари ин, дар болои забонаи пиряхи Ғармо кӯлҳои зиёд ба қайд гирифта шуд (10 кӯл дар 7 км), ки ин нишонаи зери таназзули шадид қарор доштани пиряхро нишон медиҳад.

Тибқи маълумоти мутахассисони Маркази яхшиносии Агентӣ дар пиряхи Ғармо соли 2021 корҳои тадқиқотӣ гузаронида шуд. Ҳангоми гузаронидани корҳои тадқиқотӣ қисмати болоии забонаи пирях бо барф пӯшида шудааст.




Дар рафти мушоҳидаҳо маълум шуд, ки кӯлҳои болои забонаи пиярхи мазкур бехатар буда, бо мурури вақт бо усули тарровиш хушк шуда аз байн мераванд.

Тибқи корҳои тадқиқотии гузарониа шуда дар назди забонаи пирях якпораҳои азиме, ки аз қисми асосии пирях ҷудо шудаанд ва ба яхи мурда табдил ёфтаанд, мушоҳида карда мешавад, ки сабаби ҷудо шудани яхпораҳои мазкурро мутахассисони соҳа дар ивазшавии маҷори ҷоришавандаи пиряхи Ғармо ва шохобҳои паҳлуии он меҳисобанд [6-7].

Яхҳои мурда дар ҳар ду соҳили дарёи Ғармо ҷойгир буда, болои онҳо пурра бо ҷинспораҳои кӯҳӣ пӯшида шудааст ва дар болои онҳо кӯлҳо бо ҳаҷмҳои гуногун дида мешавад.

Аз рӯйи тадқиқоти гузаронидашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки пиряхи Ғармо ҳамчун пиряхи калонтарини ҳавзаи дарёи Обихингоб дар ҳолати коҳишёбӣ қарор дорад, ки тарқишҳо ва кӯлҳои зиёд дар болои қисмати забонаи он аз ин шаҳодат медиҳанд. Баъд аз гузаронидани корҳои тадқиқотӣ ва таҳлили маълумот маълум шуд, ки дар давоми 30 соли охир (1991-2021) забонаи пиряхи Ғармо ба ҳисоби миёна 6,3 км ақиб нишастааст, ки суръати миёнаи обшавии он 210 м/солро ташкил мекунад ва бо дар назардошти майдони яххои мурда 6,72 км$^2$ масоҳати яхи худро аз даст додааст [3].

**Адабиёт:**

1. Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

2. Саидов М.С. Пиряхшиносии умумӣ. / С.М. Саидов, М.Т. Ғайратов, Ф.С. Давлатов, Ф.Ҳ. Каримов // - Душанбе, - 2021. - С.124.

3. Яблоков А.А. Потепление или похолодание? Доклад научной конференции «Ледники Таджикистана в условиях изменения климата»/А.А. Яблоков// - Душанбе, - 2009.

4. Раҳимов Ф. Об илм ва рушди устувор. /Ф. Раҳимов, Х. Муҳаббатов, А.С. Ниёзов, Ҳ. Аброров // - Душанбе. - 2018. - 398 с.

5. Варнакова Г.М. Каталог ледников СССР, бассейн р. Обихингоу/ Г.М. Варанкова, О.В. Рототаева// Т.14, выпуск 3, часть 9. – Ленинград. Гидрометеоиздат. - 1978. - С. 109.

6. Ҷурабеков Т.М. Оиди сохтани модели математикии пиряххо ва обшавии онҳо. / Т.М. Ҷурабеков //Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - Душанбе, - 2022. №1(48). - С.191.

7. Ҷурабеков Т.М. Оид ба сохт, таркиб, динамика ва режими пиряххо дар қуллаҳои Помир. /Т.М. Ҷурабеков//Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - Душанбе, - 2021. №2(8). - С. 76-82.

# ТАКМИЛИ РУШДИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ АСОСӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ

**Сафоев Ҳ.С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Имрӯзҳо лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва коммуникатсионӣ, махсусан дар сохтмони роҳҳои мошингард ва роҳҳои оҳан муносибгардонии хароҷоти давлатиро нишон медиҳанд. Инчунин, таҷрибаи ҷалби бахши хусусӣ дар ҳалли мушкилоти хоҷагии манзилию коммуналӣ мавҷуд дида мешавад.

Бояд қайд кард, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва истифодаи потенсиали шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба суръатбахшии татбиқи стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дар кишварҳои дар марҳилаи гузариш буда мусоидат мекунад ва аз ин рӯ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди бахши хусусӣ самтҳои афзалиятноки ислоҳот дар кишвар мебошанд.

Тақсимбандии лоиҳаҳои сармоягузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои бозаргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аз рӯйи теъдоди як қатор лоиҳаҳо дар бахшҳои маориф, тандурустӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ, хусусан сохтмони иншоот ва пешниҳоди хизматрасонии кӯдакистонҳо пешравиҳо дида мешаванд.

Дар баробари ин, аз нуқтаи назари зичии сармояи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, афзалиятҳои лоиҳаҳо дар соҳаи энергетика ва хадамоти нақлиётӣ бартарӣ доранд. Ҳамин тавр, бо назардошти самаранокии татбиқи лоиҳаҳои шарикӣ, мо боварӣ дорем, ки ҷалб намудани захираҳои сармоягузории хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ мувофиқи мақсад аст. Инчунин, ба назари мо, бо назардошти имкониятҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои махсусан сармояталаб, истифодаи

шаклҳои гибридии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, бахусус ҷалби маблағ аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, дар татбиқи саривақтии лоиҳаҳои шарикӣ саҳм мегузоранд.

Дар асоси мустаҳкамкунӣ ва гурӯҳбандии лоиҳаҳои сармоягузории пешниҳодшуда аз рӯйи бахшҳо дар Тоҷикистон, метавон гуфт, ки дар байни лоиҳаҳои баррасишавандаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба лоиҳаҳо оид ба хизматрасонӣ дар системаҳои маориф ва тандурустӣ ва таъмини оби нӯшокӣ, коркарди партовҳои маишӣ ва истеъмолӣ ва барқарорсозии системаи канализатсия афзалият дода мешавад.

Бо назардошти таъмини самаранокии хароҷоти сармоягузории буҷети давлатӣ, истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар заминаи истифодаи васеъи тендерҳои рақобатӣ барои интихоби шарики хусусӣ муҳим аст. Мавзуи таҳқиқоти мазкур ва аҳамияти ҷойгоҳ ва аҳамияти хизматрасониҳои бозорро ба инобат гирифта, бояд қайд кард, ки озодии комили иқтисодӣ, ки танҳо ба нуфузи «дасти ноаён» -и бозор асос меёбад ва назорати сартосарии давлат дар муносибатҳои хоҷагидорӣ ғайриимкон буда, бинобар ин, ҳангоми ба вуҷуд омадани шароити муносиб, модели шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи инфрасохтор метавонад ҳамчун як манбаи муосир ва шакли мушаххаси ҳамоҳангсозии манфиатҳои муносибатҳои бозаргонӣ амал кунад.

Дар марҳалаи кунунии рушди муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, равандҳои ҳамгироӣ, рушди босуръати пешрафти илмию техникӣ, захираҳои маҳдуди табиӣ, афзоиши мунтазами аҳолии сайёра ва талаботи афзояндаи инсоният ба афзоиши рақобат миёни иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон мусоидат мекунанд.

Аз ин рӯ, масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодӣ, истифодаи самарабахши потенсиалҳои давлатӣ ва хусусӣ, бахусус дар самти навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии технологии комплекси истеҳсолӣ, ноил шудан ба рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, хусусан дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар Осиёи Марказӣ, вазифаи таъхирнопазири рушди минбаъдаи стратегии кишвар маҳсуб меёбад.

Бояд қайд кард, ки таҳдидҳо ва ҷолишҳои ҷаҳонӣ ва давлатӣ ҳадафҳои рушди миллии Тоҷикистонро, аз ҷумла таъмини чор ҳадафи стратегӣ - истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакатро муайян намуданд.

Аз ин рӯ, Ҳукумати Тоҷикистон ҳам ислоҳоти институтсионалӣ ва ҳам сохториро барои суръат бахшидани ҳалли масъалаҳои рушди макроиқтисодӣ, такмили идоракунии давлатӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод, диверсификатсияи истеҳсолот ва тақвияти имконоти содиротии кишвар, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди бозори меҳнат ва таҳкими неруи инсонӣ амалӣ карда истодааст.

Дар ин замина, бояд қайд кард, ки кишварҳои рӯбатараққӣ дар ИДМ, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, иқтидори бузурги рушд доранд ва дар тӯли якчанд сол суръати афзояндаи рушдро нишон медиҳанд. Дар баробари ин, баъзе олимон-муҳаққиқон мушкилоти иқтисодиёти дар ҳоли рушдро таҳлил намуда, қайд мекунанд, ки сармоягузорӣ ба ин ҷо, одатан, назар ба кишварҳои пешрафтаи саноатӣ хавфи бештар дорад. Аз ин рӯ, баъзе сармоягузорон ҳангоми суғуртакунонии хавфҳои сармояи худ, ҳадафи то ҳадди аксар зиёд кардани фоидаро пайгирӣ менамоянд. Бинобар ин, аз сабаби мавҷуд набудани захираҳои худӣ ва эҳтиёҷоти сармоягузорӣ, баъзе кишварҳо дар давраи гузариш маҷбуранд имтиёзҳои махсус ва

ҳама гуна имтиёзҳоеро пешниҳод кунанд, ки нархи сармояро барои иқтисодиҳои кишварҳои қабулкунанда зиёд мекунад.

Маҳз дар чунин шароит, масъалаҳои дастгирии сармоягузории эҳтиёҷоти инкишофи ҳам иқтидори ҷисмонӣ ва ҳам инсонии кишвар хусусиятҳои мушаххас ва зарурати ҳамкории самарабахши бахшҳои дохилӣ ва берунии иқтисодиёти миллиро нишон медиҳанд. Азбаски таъсиси воқеии Маркази шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ як шарти пешакии иҷрои як қатор вазифаҳо мебошад, пешниҳод карда мешавад, ки он ба сифати маҳсулоти миёнаравии барнома илова карда шавад. Машварат дода мешавад, ки барои бунёди марказ ва ҷалби кадрҳои асосӣ, аз ҷумла хизматчиёни давлатӣ, бо дастгирии коршиносони байналмилалӣ дар асоси рӯзи пурра ва нопурраи корӣ ба роҳ монда мешавад. Аз ин рӯ, бизнес-нақша ва ҳама сохторҳои барои кор зарурӣ, мӯҳлатҳо ва талаботи ба буҷет алоқаманд бояд омода бошанд.

Ҳама ин ҳуҷҷатҳо бояд ба Шӯрои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ пешниҳод карда шаванд, то бори аввал бо ҳам воҳӯранд ва ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро ба рӯзномаи вазирон гузоранд. Дар мавриди тартиби корӣ, мушовир қайд мекунад, ки қонун воқеан равандҳои муайянро (асосноксозӣ, харидорӣ ва ғайра), ки барои татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ заруранд, фаро мегирад. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар корхонаҳои бахши инфрасохтории Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, тарафҳои қавӣ ва заифи имконот ва таҳдидҳо баҳо дода шаванд.

**Ҷадвали 1.**

**Меъёрҳои тақсими ваколатҳо байни бахшҳои давлативу хусусӣ ҳангоми амалисозии шарикии давлат ва бахши хусусӣ**

| **Ваколатҳо (хизматрасониҳо)** | **Меъёрҳои тақсимот барои давлат ва бахши хусусӣ** | | |
|---|---|---|---|
| | Самаранокӣ | Баробарии дастрасӣ ба захираҳо | Ҷамъбастӣ |
| Ҳифзи сӯхтор | хусусӣ | давлатӣ | хусусӣ |
| Ҳифзи тартибот | хусусӣ | давлатӣ | давлатӣ |
| Ҷамъоварии партовҳо | хусусӣ | хусусӣ | хусусӣ |
| Хоҷагии боғҳо (боғҳои маҳаллӣ) | хусусӣ | давлатӣ | давлатӣ |
| Муҳтавои кӯча | хусусӣ | хусусӣ | хусусӣ |
| Танзими ҳаракати роҳ | хусусӣ | хусусӣ | хусусӣ |
| Нақлиёти ҷамъиятии маҳаллӣ | хусусӣ | хусусӣ | хусусӣ |
| Китобхонаҳои маҳаллӣ | давлатӣ | давлатӣ | давлатӣ |
| Таҳсилоти ибтидоӣ | хусусӣ | давлатӣ | хусусӣ, давлатӣ |
| Маълумоти миёна | хусусӣ | давлатӣ | хусусӣ, давлатӣ |
| Нақлиёти ҷамъиятӣ | хусуси, давлатӣ | давлатӣ | хусусӣ, давлатӣ |
| Таъмини об | хусусӣ | давлатӣ | давлатӣ |
| Канализатсия | хусусӣ, давлатӣ | хусусӣ, давлатӣ | хусусӣ, давлатӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҷобаҷогузории партовҳо | хусусӣ | хусусӣ | хусусӣ |
| Тандурустӣ | давлатӣ | давлатӣ | давлатӣ |
| Беморхонаҳо | хусусӣ, давлатӣ | давлатӣ | хусусӣ, давлатӣ |
| Таъмини барқ | хусусӣ | давлатӣ | хусусӣ |
| Пешгирии ифлосшавии об ва ҳаво | давлатӣ | давлатӣ | давлатӣ |
| Полиси махсус | давлатӣ | давлатӣ | давлатӣ |
| Боғҳои миллӣ | давлатӣ | давлатӣ | давлатӣ |
| Банақшагирии миллӣ | давлатӣ | давлатӣ | давлатӣ |

**Сарчашма:** Аз рӯйи маълумоти МД «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ» тартиб дода шудааст.

Мукаммалгардонии раванди татбиқ намудани шарикии байни бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ дар кишвар аз рушди сармояи инсонӣ вобаста мебошад, ки маънои мавҷудияти маънавӣ, зеҳнӣ, маҳорати касбӣ, қобилияти инноватсионӣ ва малакаи касбӣ дар қувваи кориро дошта, дар натиҷаи гирифтани таълиму тарбияи дахлдор ва фаъолияти муътадили корӣ ба он ноил мегарданд. Ин омилҳо дар якҷоягӣ бо омилҳои иқтисодӣ барои таъмини самаранокии шарикии давлат ва бахши хусусӣ шароит фароҳам меоранд. Яке аз самтҳои муҳимтарини назарияи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти кишварҳои рӯбатараққӣ дар асоси истифодаи механизми ШДБХ ба ҷалби гурӯҳи захираҳои кадрӣ, сармоягузорӣ ва захираҳои иттилоотӣ асос ёфтааст, ки мавҷудияти як қатор хусусиятҳоеро аз қабл муайян кардаанд, ки вазъи шарикии байни бахши давлатиро бо бахши хусусӣ тавсиф мекунанд.

**Адабиёт:**

1. Мукаддасзода Ф.М. Проблемы и перспективы инвестиционного развития сферы рыночных услуг в условиях государственно-частного партнёрства / Ф.М. Мукаддасзода// Вестник Российско-таджикского (славянского) университета №4(56). - Душанбе: РТСУ, 2016. - С. 119-124.
2. Ниёзов Ш.Х. Механизмы оценки реализации проектов государственно-частного партнёрства в условиях Республики Таджикистан//Таджикистан и современный мир. 2018. № 1. (60). - С. 114.
3. Раджабов Р.К., Зоиров И.У., Сафарова Л.Д. Некоторые аспекты использования потенциала ГЧП в сфере услуг / Р.К. Раджабов, И.У. Зоиров, Л.Д. Сафарова // Проблемы развития банковской системы в Таджикистане и Польше. Материалы межд. науч.-практ. конф.(г. Душанбе, 19 декабря 2015г.). - Душанбе:Ирфон, - 2015. - С. 185-191.
4. Дэниэлс Дж., Радеба Ли. Международный бизнес: внешняя среда и деловые операции: пер. с англ., 6-е изд. -М.: Дело Лтд, 1994. - 784 с.
5. Сафоев Ҳ.С. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: СИНО, 2017. - №2/8. - Саҳ. 151-153.
6. Солеҳзода А.А. Хусусиятҳои минтақавии шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Вестник таджикского национального университета (научный журнал) серия социально-экономических и общественных наук. 2/9(190) - Душанбе: Сино, - 2015. - С. 298.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» 28 декабри соли 2012, таҳти № 907.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ СОДЕРЖАНИЯ И ОСОБЕННОСТИ ИНВЕСТИЦИОННЫХ РЕСУРСОВ

**Тошматов С.М.**
**Технологический университет Таджикистана**

В фундаментальной экономической литературе, посвящённой вопросам исследования инвестиций и инвестиционного рынка, по мнению автора, недостаточно внимания уделяется вопросу комплексного рассмотрения источников инвестиций. В периодической печати встречаются некоторые публикации, посвящённые отдельно взятым источникам инвестиций, в которых в основном рассматриваются источники финансирования инвестиций или инвестиционного процесса.

На взгляд автора, исследование источников формирования инвестиций, их комплексная классификация, несомненно, представляют высокую актуальность в целях уточнения экономического содержания и структуры формирующегося отечественного инвестиционного рынка, выявления направлений его развития и совершенствования.

Отправной точкой инвестиционного процесса является условие формирования инвестиций - инвестиционных ресурсов (инвестиционного капитала) за счёт первоначального накопления капитала, который в свою очередь может быть представлен в различных формах и видах.

Термин «инвестиционные ресурсы» можно рассматривать в узком и широком смысле. В узком понимании инвестиционные ресурсы представляют собой аккумулированный в целях накопления доход. В более широком понимании инвестиционные ресурсы представляют собой совокупность различного рода накопленных материальных, финансовых, трудовых и других средств, принимающих участие в инвестиционной деятельности посредством вложения в объекты предпринимательской и других видов деятельности и отражающих величину не использованного для потребления дохода и (или) прирост стоимости капитального имущества.

При этом следует заметить, что в некоторых литературных источниках утверждается, что все инвестиционные ресурсы по существу являются объектами инвестиционной деятельности [1]. На самом деле это не совсем так. В связи с тем, что процесс воспроизводства предполагает постоянную трансформацию объекта инвестиций: ресурсы превращаются во вложения (факторы производства), при использовании вложений (факторов производства) образуется прибыль, которая впоследствии распределяется между потреблением и накоплением - источником новых инвестиций.

Таким образом, само понятие «инвестиционные ресурсы» можно было бы отождествлять с понятием «капитал», однако не весь капитал впоследствии трансформируется в инвестиции. Поэтому под инвестиционными ресурсами можно

понимать все формы капитала, формируемого и привлекаемого в целях инвестирования. Иными словами - совокупность инвестиционных ресурсов представляет собой инвестиционный капитал.

Для формирования обоснованного методологического подхода к классификации источников инвестиций, на взгляд автора, целесообразно проанализировать некоторые точки зрения учёных по этому вопросу.

Так, в качестве источников инвестиций В.В. Бочаров предлагает рассматривать сбережения населения, утверждая, что: «рост доходов граждан вызывает повышение доли, направляемой на сбережения, которые являются источником инвестиционных ресурсов» [2]. Такое утверждение не совсем полно отражает диалектическую взаимосвязь сбережений и инвестиций. Во-первых, не всегда рост доходов вызывает рост доли сбережений. Во-вторых, не все сбережения направляются в инвестиции. В-третьих, избыточные сбережения являются тормозом экономического роста, так как, по сути, они представляют собой избыточное предложение товаров, которое выражается в кризисе перепроизводства. Таким образом, в своём утверждении В.В. Бочаров игнорирует проявление фактора склонности к инвестированию.

Далее В.В. Бочаров рассматривает другие источники, акцентируя внимание на блоке государственных источников инвестиций: «Для финансирования инвестиционных программ государство вправе выпускать облигационные займы, вовлекать в инвестиционный процесс временно приостановленные и законсервированные стройки и объекты, находящиеся в государственной собственности. Государство предоставляет также право отечественным и зарубежным инвесторам на поиски, разведку и добычу минерального сырья на участках недр в форме соглашений о разделе продукции» [2].

Это недостаточно полный перечень источников инвестиций. Однако стоит заметить, что автор рассматривает в виде источников инвестиций права на совершение отдельных видов предпринимательской деятельности, равно как и объекты незавершённого строительства. При этом последние могут находиться не только в государственной собственности, но и в собственности субъектов и органов муниципальной власти.

Более широкий спектр источников инвестиций представлен в справочном учебном пособии «1000 терминов рыночной экономики», где говорится: «Государственные инвестиции финансируются за счёт налогов, прибылей государственных предприятий, эмиссии денег, либо путём выпуска внешних и внутренних займов правительства. Источником финансирования частных вложений служат собственные средства компаний (нераспределённая прибыль, отчасти амортизационные и другие фонды), привлечённые извне средства, полученные от продажи акций, облигаций, других ценных бумаг, а также в виде долгосрочных кредитов и займов» [3].

В современном экономическом словаре даётся более широкое понимание источников инвестиций. В частности, при определении видов инвестиций в нём трактуется: «Государственные инвестиции образуются из средств государственного бюджета, из государственных финансовых источников; частные - из средств частных, корпоративных предприятий и организаций, граждан, включая как собственные, так и привлечённые средства; иностранные инвестиции, вкладываемые зарубежными инвесторами, другими государствами, иностранными банками, компаниями, предпринимателями» [4].

В настоящее время большое количество публикаций посвящено проблемам вовлечения банковского капитала, средств страховых компаний, различных

инвестиционных фондов, ресурсов государственного и негосударственных пенсионных фондов в инвестиционный процесс. В этой связи необходимо отметить, что источником инвестиций в данной ситуации являются как собственные средства перечисленных институциональных инвесторов, так и аккумулируемые ими привлечённые ресурсы населения и предприятий, которые в последующем выступают в форме заёмного капитала.

В периодической печати достаточно часто встречаются ссылки на такие источники инвестиций, как сбережения населения, собственные средства предприятий, иностранные инвестиции, но особое внимание уделяется возврату (репатриации) «сбежавшего» капитала, являющегося, по нашему мнению, также одним из источников инвестиций [5].

В. Сенчагов так говорит о бегстве капитала: «Отрицательные последствия бегства капитала очевидны: сокращаются инвестиционные ресурсы и создаётся искусственный спрос на зарубежные кредиты; в страну не реинвестируется прибыль, полученная от «сбежавшего» капитала» [6].

При этом необходимо отметить мнение Б. Мильнера, о том, что утечке подвержены как финансовый, ресурсный, производственный капитал, так и интеллектуальный капитал.

Инвестиции в экономику, как известно, определяют перспективу расширенного воспроизводства и инновационного развития экономики любого государства. Поэтому в качестве источников инвестиций предлагаем также рассматривать объекты интеллектуальной собственности (патенты, лицензии, ноу-хау, товарные знаки, научно-прикладные разработки и т. п.).

При этом необходимо отметить, что исходя из понятия экономической сущности инвестиций, объекты интеллектуальной собственности являются весьма специфичным источником инвестиций, так как обладают двоякой природой.




**Классификация источников инвестиций**

С одной стороны, они представляют объекты вложения первоначального капитала, а с другой - сами выступают своего рода интеллектуальным капиталом.

Причём во втором своём проявлении объекты интеллектуальной собственности могут быть представлены как в материально-вещественной форме (опытные образцы, полезные модели и т.п.), так и в нематериальной форме в виде прав на обладание интеллектуальным капиталом (патенты, лицензии и т.п.).

Следовательно, по мнению автора статьи, в качестве источников финансирования инвестиций служат:

- собственный, привлечённый и заёмный капитал;
- сбережения населения, аккумулируемые финансовыми посредниками;
- денежные средства, централизуемые объединениями предприятий;
- средства Стабилизационного фонда и Бюджета развития;
- инвестиционные ассигнования из государственного бюджета;
- средства, полученные от приватизации государственного имущества и продажи государственных пакетов акций;
- иностранные инвестиции, представленные в различных формах и видах.

Источники инвестиций можно классифицировать на материальные, представленные в материально-вещественной форме и на нематериальные, представленные в виде интеллектуальной собственности или каких-либо прав пользования, владения и т.п. Предпринятый данный методологический подход в исследовании сущности инвестиций, их форм и видов позволяет обоснованно подойти к классификации источников инвестиций. В качестве иллюстрации приведём комплексную классификационную схему источников инвестиций (см. рисунок).

Источники инвестиций подразделяются на внутренние и внешние. К внутренним относятся собственные средства предприятий (прибыль и амортизационные отчисления), сбережения населения, бюджетные ассигнования, средства от приватизации государственного имущества, долгосрочные государственные и коммерческие кредиты и займы, объекты интеллектуальной собственности, находящиеся, разработанные и зарегистрированные внутри страны, сырьевые запасы, права на пользование и разработку недр и полезных ископаемых, сами недра, собственные и привлечённые средства отечественных институциональных инвесторов.

К внешним - прямые иностранные инвестиции, портфельные иностранные инвестиции, иностранные кредиты и займы, иностранные товарные кредиты - бартерные инвестиции, иностранные объекты интеллектуальной собственности, а также репатриируемый «сбежавший» капитал.

Первоначальное накопление инвестиционного капитала в любой его форме способствует формированию инвестиций (инвестиционных ресурсов), которые вовлекаются в процесс воспроизводства в виде расходов (факторов производства) в целях последующего образования накопления. В свою очередь накопление представляет собой источник новых инвестиций. Происходит процесс кругооборота капитала в различных его формах.

Так как инвестиции и инвестиционные ресурсы представляют собой ту часть средств, которая на инвестиционном рынке используется для образования новых накоплений, то под источниками инвестиций и инвестиционных ресурсов предлагаем рассматривать только ту часть источников, которые сформированы в результате процесса накопления и направлены на формирование инвестиционного капитала в различных формах.

По мнению автора, предлагаемый методологический подход к классификации источников инвестиций (инвестиционных ресурсов, инвестиционного капитала) создаёт прочную основу для дальнейшего углубленного исследования отечественного инвестиционного рынка и позволяет обоснованно подойти к классификации субъектов и объектов, присутствующих на этом рынке, с возможностью последующего практического применения результатов исследования.

**Литература:**

1. Тумусов Ф. С. Инвестиционный потенциал региона: теория, проблемы, практика. - М.: Экономика, - 1999. - С. 14.
2. Бочаров В. В. Инвестиции: Серия «Учебники для вузов». - СПб.: Питер, - 2002. - С. 56.
3. Абарцумов А.А., Стреликов Ф.Ф. 1000 терминов рыночной экономики: Справочное учебное пособие. - М.: Крон-Пресс, - 1993. - С. 92.
4. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. - М.: ИНФРА-М, - 1996. - С. 123.
5. Проблема бегства капитала из России (Fg Russ). - М., - 1998. Абалкин Л. Качественные изменения структуры финансового рынка и бегство капитала из России // Вопросы экономики. - 2000. - № 2. - С. 10.
6. От утечки капитала к его привлечению. Материалы «круглого стола», проведённого Институтом экономики РАН, Горбачёв-фондом и Финансовой академией при Правительстве РФ // Вопросы экономики. - 2000. - № 2. - С. 147-159.

# УСТОЙЧИВОЕ ПРЕДПРИНИНИМАТЕЛЬСТВО КАК ФАКТОР И УСЛОВИЯ РАЗВИТИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА

**Усманова М. А.**
**Технологический университет Таджикистана**

Малый и средний бизнес Таджикистана обладает достаточно значительным стратегическим потенциалом развития. Имеющиеся стратегические данные показывают, что малое и среднее предпринимательство Таджикистана экономически ориентировано на функционирование и развитие в рамках торговой и сервисной отрасли. Однако, по нашему мнению, в ближайшей перспективе стоит ожидать экспансию предпринимательской активности в иные сферы и секторы экономики: в частности, в промышленно-производственную сферу, в сферу жилищно-коммунального хозяйства, в сферу энергетики.

Такое предположение связано с тем, что сфера торговли и сервисная сфера уже не позволяют вновь создаваемым и уже действующим хозяйствующим субъектам максимизировать экономические выгоды или увеличивать добавленную стоимость в продукте, поскольку, как правило, рыночные предложения являются однообразными и не характеризуются уникальностью. Напротив, производственный, добывающий сектор в сфере жилищно-коммунального хозяйства позволяют наилучшим образом

использовать предпринимательскую инициативу и генерировать дополнительные выгоды от ведения предпринимательской деятельности.

Ещё один немаловажный момент, который определяет способности к устойчивому развитию малого и среднего предпринимательства, - это инновационная активность предпринимательского сегмента. В настоящее время малый и средний бизнес Таджикистана не характеризуется высокой инновационной активностью - не более 5% организаций данного институционального сегмента осуществляют маркетинговые, технологические, управленческие инновации. По зарубежным странам принято приводить более высокие показатели, в частности, отдельные исследователи указывают, что за рубежом малый и средний бизнес генерирует порядка 40-50 % всех инновационных решений в реальном секторе экономики. Именно поэтому считается, что устойчивость малого и среднего предпринимательства Таджикистана является неизменно низкой. Такие данные можно считать эмпирическими, но не объективно обоснованными данными государственной статистики. Так, например, весьма сложно сопоставить инновационную активность таджикских и зарубежных малых фирм из-за различия в методологии учёта.

Кроме этого, учитывая, что инновации потенцируют синергию положительных эффектов, и при этом каждый второй зарубежный хозяйствующий субъект сегмента малого и среднего предпринимательства является инновационным, необходимо ожидать опережающего развития национальных экономик зарубежных стран. Но за последние три года существенный опережающий рост экономического развития показал только Китай, относительную стабильность национального экономического оборота показывают США, Россия и Индия (с тенденциями к положительной динамике), в то время как, например, Германия, Франция и Япония показывают не полномерный, но стохастический экономический рост.

На основании имеющихся статистических и эмпирических данных можно заключить, что макроэкономические факторы и условия устойчивого развития малого и среднего предпринимательства не инварианты и могут изменяться по мировым регионам. Безусловно, в долгосрочной перспективе наиболее активно будет развиваться не американо-европейский, а евроазиатский вектор предпринимательства.

По нашему мнению, под условиями развития малого и среднего предпринимательства, в том числе включённого в национальные и/или мировые хозяйственные связи, необходимо понимать такое состояние внешней и внутренней среды, при котором имеется возможность продуцирования, аккумуляции (и в том числе привлечения), необходимых ресурсов, распределение и использование которых осуществляется для достижения поставленной стратегической цели.

При этом продуцируемые и аккумулируемые ресурсы будут использованы для обеспечения текущих и стратегических потребностей роста, а также для обеспечения устойчивого развития малого и среднего предпринимательства с максимальной эффективностью и результативностью при сложившихся и изменяющихся средовых характеристиках.

В сложившихся условиях функционирования и развития малого и среднего предпринимательства имеющиеся факторы, определяющие состояние его устойчивого развития, могут оказывать как положительное, так и отрицательное влияние. Отсюда можно говорить о том. Что все факторы могут как потенцировать устойчивость развития, так и понижать данный уровень до состояния полной или предельной неустойчивости развития национального малого и среднего предпринимательства. С

учетом выше сказанного мы считаем необходимым представить уточненную классификацию факторов и условий, опосредующих устойчивое развития малого и среднего предпринимательства. Итак. Условия нами будут классифицироваться как внешне-средовые и внутри-средовые, факторы как экзогенные и эндогенные.

Внешне-средовые условия устойчивого развития национального малого и среднего предпринимательства необходимо рассматривать с позиции наличия или отсутствия агрессивности внешней среды по отношению к отдельно взятому хозяйствующему субъекту рассматриваемого институционального сегмента. Иными словами, внешне-средовые условия устойчивого развития малого и среднего предпринимательства определяют соотношения угроз и возможностей, то есть степень предпринимательского риска при осуществлении тех или иных видов экономической деятельности фирмы.

В свою очередь внутри-средовые условия, опосредующие устойчивость развития малого и среднего предпринимательства, необходимо рассматривать с точки зрения способностей самого предпринимательства противостоять угрозам внешней среды и эффективно (результативно) осваивать открытые/открывающиеся возможности во внешней среде. Фактически внутри-средовые условия характеризуют и качество управления деятельностью фирмы (хозяйствующего субъекта), и одновременно качество использования инструментария управления, а также контроля предпринимательских рисков.




**Рисунок 1. Структуризация условий и факторов, влияющих на устойчивое развитие малого и среднего предпринимательства**

Это означает, что экзогенные факторы, влияющие на устойчивое развитие малого и среднего предпринимательства, имеют социально-политический и экономико-технологический контекст. Рассмотренные выше экзогенные факторы в части их влияния на устойчивость развития национального малого и среднего предпринимательства дополняются эндогенными факторами. Последние мы предлагаем классифицировать как факторы:

- организационно-социальные, среди которых важнейшими являются структура управления, стратегия развития, социально-психологический климат;
- социально-экономические, среди которых важнейшими являются производственно-операционные, инновационные, кадровые, финансовые факторы.

Организационно-социальные и организационно-экономические факторы определяют стратегическую канву бизнес-модели развития малого и среднего предпринимательства (стратегические рамочные границы, в которых будет развиваться хозяйствующий субъект на основе используемой бизнес-модели).

Совокупность условий и факторов, которые мы рассмотрели выше, может оказывать двоякое влияние на устойчивость развития малого и среднего предпринимательства: потенцирующее, либо дестимулирующее. Потенцирование устойчивого развития малого и среднего предпринимательства будет иметь место при низкой (умеренной) агрессивности внешней среды, оптимальных способностях внутренней среды, а также при совокупном позитивном влиянии экзогенных и эндогенных факторов. Напротив, при значительном агрессировании внешней среды, недостаточных способностях внутренней среды, а также при совокупном негативном влиянии экзогенных и эндогенных факторов малое и среднее предпринимательство будет развиваться неустойчиво, то есть условия и факторы будут оказывать дестимулирующее воздействие.

На основании вышесказанного можно отметить, что предложенная выше классификация факторов и условий, определяющих устойчивость развития малого и среднего предпринимательства представляют собой системную схему, последовательно описывающую влияние внешних и внутренних процессов на состояние и эволюционирование хозяйствующих субъектов рассматриваемого институционального сегмента. На основании представленной схемы совокупность влияния условий и факторов, опосредующих функционирование и развитие малого и среднего предпринимательства, может рассматриваться в позитивном и негативном аспектах. В первом и втором случае влияние условий и факторов, на устойчивость развития малого и среднего предпринимательства может быть соответственно потенцирующим и дестимулирующим.

Таким образом, обобщив тезисы, изложенные в данной статье, необходимо отметить, что устойчивое развитие рассматриваемого институционального сегмента (сегмента малого и среднего предпринимательства) зависит от внешне-средовых и внутри-средовых тенденций. При этом, если внутри-средовые тенденции функционирования и развития отдельно взятых хозяйствующих субъектов могут быть оптимизированы (усовершенствованы или модернизированы) в целях сохранения устойчивости, то на внешне-средовые тренды субъекты малого и среднего предпринимательства не могут оказывать сколько-нибудь существенного влияния. Это означает, что качество управления устойчивым развитием малого и среднего предпринимательства зависит прежде всего от способностей менеджмента

(собственников) наиболее точно определять влияние внешне-средовых трендов и их перспективную трансформацию, что позволяет наилучшим образом адаптировать внутреннюю среду к изменяющимся эволюционным условиям. При этом эффективность управления устойчивым развитием зависит от способности менеджмента (собственников) хозяйствующих субъектов, осуществляющих свою деятельность в сегменте малого и среднего предпринимательства, использовать современный управленческий, в том числе и финансовый инструментарий.

**Литература:**


1. Агарков С.А. Инновационный менеджмент и государственная инновационная политика / С.А. Агарков, Е.С. Кузнецова, М.О. Грязнова. - М.: Академия естествознания, - 2011. - 456 с.
2. Анпилов С.М. Экономическое содержание устойчивости развития современного предприятия// Вестник Самарского государственного университета. - 2012. № 1(92) - С. 5-11.
3. Воронин В.П., Швец А.А., Сафонов И.А. Через кризис - к устойчивому развитию; факторы устойчивого развития экономики предприятий // Российское предпринимательство. - 2009. - №10-1. - С. 4-9.
4. Демченко С.Г., Сибаева Г.Р. Сущность и значение предпринимательства // Вестник Казанского государственного финансово-экономического института. - 2001. - №3. - С. 4-10.
5. Институциональные преобразования в экономике // Федеральная служба государственной статистики [Электронный ресурс].


## НАҚШИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР


**Холматов У.Т.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Системаи иқтисодии ҷаҳонӣ назар ба асрҳои пештара бо суръати баланд тағйир ёфта, мураккабтар мегардад. Дар марҳалаи кунунии рушди инсонӣ технологияҳо ва донишҳо бештар маъмул ва дастрас мегарданд, ки омилҳои асосии рушди ҳам субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳам кишварҳои иттиҳодияҳои иқтисодӣ дар асри 21 мебошанд.

Бояд гуфт, ки омилҳои асосии иқтисоди рақамӣ тиҷорати электронӣ, интернет-банкинг, пардохтҳои электронӣ, таблиғоти электронӣ ва дастрасии электронӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ мебошанд. Муносибат ба ин раванд ва истифодаи фаъолонаи соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ мувофиқи ҷорӣ намудани системаи рақамӣ боиси рушди иқтисодиёт мегардад.

Давлати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисодиёти рақамиро бо татбиқи технологияҳои ахборӣ идора намуда, аз ҷумла, роҳҳои таъмини бехатарии онро низ коркард намудааст. Барои он, ки иқтисоди рақамӣ ба манфиати умум хизмат намояд, он бояд ҳамаҷониба дар ҳамаи самтҳо истифода бурда шавад. Технологияҳои нав,

махсусан зеҳни сунъӣ ногузир бо тағйироти назаррас дар бозори меҳнат, аз ҷумла ихтисори ҷойҳои корӣ дар баъзе соҳаҳо ва фароҳам овардани имкониятҳои нав дар дигарон дар миқёси давлат, робитаи ногусастанӣ доранд [1].

Технологияи босуръат паҳншаванда, рақамҳои гуногуни фаъолиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро шаклан дигаргун месозад. Вале фарогирии васеъшудаи нобаробарии рақамӣ дар кишварҳои рӯбатараққӣ ва махсусан кӯчактарин кишварҳо, иқтисоди рақамӣ хатари боз ҳам бузургтарро ба бор меорад. Барои аз нав дида баромадани марҳилаву ҳадафҳои рушди бахши рақамӣ ва тарҳи ояндаи ҷаҳонишавии муносибати ҳамаҷониба ба технологияҳои нав, тақвияти шарикӣ ва идоракунии бештар талаб мегардад.

Дар бисёр кишварҳо ба раванди гузариш ба ҷомеаи иттилоотии рақамӣ диққати махсус дода мешавад. Вобаста ба ин дар бисёри кишварҳо оид ба рушди иқтисодиёти рақамӣ консепсияи рушти рақамиро қабул карданд. Масалан, дар Дания чунин стратегия соли 2000, дар Сингапур соли 2005, дар Австралия, Гонконг, Британияи Кабир, Зеландияи Нав соли 2008, дар давлатҳои ИА соли 2009, дар Канада соли 2010, дар Малайзия соли 2012, дар Кореяи Ҷанубӣ соли 2013, дар Ҳиндустон ва Қазоқистон дар соли 2015, дар Федератсияи Русия соли 2017 [2].

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷорӣ намудани стратегияву барномаҳои мувофиқ оид ба ҷорӣ намудани низоми рақамӣ дар кишвар дар ин самт ба зудӣ дар байни кишварҳои пешрафта ҷойгоҳи худро ишғол мекунад ва вобаста ба ин дар соли 2019 Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намуданд.

Тоҷикистони ҷавони муосири имрӯзаро новобаста аз рушти босуръати аҳолӣ марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ фаро гирифта истодааст, ки тахти назорат ва идора қарор додани онҳо барои рушди давлату миллат, корхонаву ташкилотҳо ва оилаҳо низ бениҳоят муҳим мебошад.

Барои эҷоди рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷорӣ намудани васеъи истифодаи технологияҳои рақамӣ, бахусус технологияҳои «рахнашаванда» тақозо мебошад. Рақамизатсияи иқтисодиёт имкон медиҳад, ки модели муосири рушди иқтисодӣ таҳия ва татбиқ карда шавад, сармоягузории байналмилалӣ ҷалб карда шавад, истеҳсолоти мавҷуда тағйир дода шавад ва истеҳсолоти инноватсионӣ ба вуҷудояд, бозори дохилӣ таъмин карда, содирот зиёд карда шавад.

Ҳангоми истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт на танҳо вақт, инчунин маблағро низ сарфа кардан мумкин аст. Масалан, ҳангоми коргузории электронӣ дар ташкилот имкон дорад, ки қисми зиёди хароҷот доир ба қоғаз, ранг, мубодилаи ҳуҷҷатҳо сарфа гарданд. Ҳамзамон технологияҳои рақамӣ дақиқ муайян мекунанд, ки кадом миқдор маҳсулот барои истеҳсолот зарур аст, саҳми ҳар корманд дар корхона то кадом андоза аст ва ғайра.

Истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт боиси сарфа шудани қувваи корӣ ва ба вуҷуд омадани ҷойҳои кории нав мегардад. Айни замон дар бисёр корхонаву ташкилотҳо якчанд вазифаҳо ва кормандон ихтисор шуда истодааст, аз ҷумла котибон. Зеро ҳар корманд бевосита худаш маводи заруририро омода ва нашр менамояд, ки ҳамаи ҳуҷраи кории онҳо бо технологиҳои ҳозиразамон муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Ҳамзамон ҳангоми мубодилаи ҳуҷҷатҳо нафари алоҳида зарур нест. Инчунин корҳои хазинадор, муҳосибот ва дигар мутахассисон низ осон гаштааст. Масалан, тавассути барномаҳои махсуси муҳосиботӣ тамоми ҳисобукитоби даромад ва хароҷот дар як

барнома ҷойгир шудааст ва истифодаи он қулай аст. Яъне зарурат ба шумораи зиёди кормандон дар бахши муҳосибот аз байн меравад. Ҳамзамон ҷойҳои нави корӣ пайдо мегардад. Масалан, айни ҳол барои ба низом овардани шабакаҳои дохилию берунии корхонаву ташкилотҳо кормандони шабакавӣ қариб дар тамоми корхонаву ташкилотҳо зарур мебошад. Онҳо барои ба низом овардани коргузории электронии корхона ва ташкилот мусоидат менамоянд [3].

**Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар раванди иқтисодиёти рақамӣ дар соли 2022 (бо %)**




**Маълумоти омории Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ дар соли 2023**

Тағйироти рақамии тамоми бахшҳои иқтисод як раванди ногузир дар рушди ҳар як давлат аст ва ин раванд ҳар қадар зудтар оғоз шавад, ҳамгироии кишварҳо ба бозори ҷаҳонӣ ҳамон қадар тезтар суръат мегирад. Самтҳои пешбари иқтисодиети рақамиро метавон тиҷорати электронӣ, бонкдории интернетӣ, пардохтҳои электронӣ, рекламаи интернетӣ ва дастрасии электронӣ ба хидматҳои давлатӣ ҳисоб кард. Дараҷаи дастрасӣ ва истифодаи фаъолонаи ин самтҳо аз ҷониби Digital Quality of Life Index муайян карда мешавад, ки дар он Тоҷикистон дар соли 2021 дар байни 110 кишвар дар ҷойи 104-ум қарор дорад.

Ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии фаъолияти корӣ, интизом ва шаффофият низ ба вуҷуд меояд. Имрӯзҳо истифодаи технологияҳои рақамӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро, ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ иҳота кардааст. Роҳбарият метавонад тамоми бурду бохти фаъолияти ташкилотро тавассути барномаи зарурии хоси ташкилот таҳти назорати худ қарор диҳад. Масалан, дар донишгоҳ маъмурият тавассути технологияҳои рақамӣ метавонад давомоти донишҷӯёнро дар дарс назорат намояд, сифати дарсгузарии устодонро мушоҳида намояд ва таълимро самаранок гардонад. Имрӯзҳо технологияҳои рақамӣ яке аз самтҳои пешрафтаи автоматикунонии раванди таълим ба ҳисоб меравад. Барои ташаккул додани таъминоти барномавӣ ва методӣ, базаи моддӣ, инчунин баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси устодон пешрафти бомувафаққияти татбиқи технологияҳои иттилоотии ҳозиразамон дар соҳаи маориф дида мешавад. Дар

донишгоҳҳо талабот ба комплекси таълимии электронӣ, дарсҳои видеоӣ ва технологияҳои мултимедиавӣ зиёд аст ва назорати ҷиддӣ бурда истодаанд, мақсад ва ҳадафҳои асосӣ аз он иборат аст, ки донишҷӯён маводҳоро сари вақт, дастрас намуда вақти худро беҳуда нагузаронанд. Инчунин барои маниторинг ва таҳлил шароит ба вуҷуд меояд [4].

Системаи рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баъзе минтақаҳои ҷамъиятӣ ҷорӣ карда шудааст ва ин ташаббус пайваста идома дорад:

– Рақамикунонӣ дар соҳаи истеҳсолот - бояд қайд кард, ки иқтидори технологияи истеҳсолӣ, бешубҳа, бо таҷҳизоти муосири техникӣ алоқаманд буда, боиси рақобатпазирӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ аз ҷиҳати маҳсулот ва мол мегардад. Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд бефосила идома дорад. Дар давраи дигаргунсозии иқтисодиёти Тоҷикистон, яъне гузаштан ба шакли индустриалӣ-аграрии иқтисодиёт рақамисозӣ нақши бузург мебозад ва ҳамаи корхонаҳои истеҳсолии навтаъсис бо технологияҳои нави истеҳсолӣ муҷаҳҳаз гардида, ва бо системаҳои идоракунии рақамӣ муҷаҳҳаз гардида, дороиҳои баланди қобилиятҳои худро мустаҳкам мегардонанд.

– Рақамикунонӣ дар соҳаи маориф - дар ин ҳолат бояд ақида кард, ки тамоми илмҳо аз маориф сарчашма мегиранд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ин соҳа равона карда шудааст, ки барои ояндаи дурахшони кишвар хеле муҳим аст. Системаи рақамикунонии таълим дар он асос ёфтааст, ки тамоми синфҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии кишвар бо компютерҳои замонавӣ муҷаҳҳаз гардида, дар раванди таълим истифода аз тахтаи электронӣ ва ғайра мебошад. Ҳамчунин зарур аст, ки дар раванди рақамисозии иқтисоди Тоҷикистон ҷорӣ намудани омодасозии ихтисосҳои наве, ки дар бозори меҳнат пайдо мешаванд, ҷорӣ намоянд.

– Рақамикунонӣ дар соҳаи тандурустӣ - албатта, соҳаи тандурустиро бе системаи рақамӣ тасаввур кардан мумкин нест. Азбаски тамоми фаъолияти ҳамарӯзаи ин соҳа ба технология ва технологияи навтарин вобаста аст, он бояд дар баробари ҷаҳонишавӣ рушд кунад. Масалан, барои муайян кардани ҳама гуна беморӣ ва ташхиси дуруст бояд аз технологияҳои муосир истифода кард. Системаи рақамӣ дар ин самт дар тамоми кишварҳои ҷаҳон мушоҳида мешавад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин раванд дар канор намемонад. Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт рӯз то рӯз пешравиҳои хоса мушоҳида гардида, таъмини технологияҳои муосир далели гуфтаҳои боло мебошад.

– Рақамикунонӣ дар соҳаи нақлиёт. Мо ҳама оқибатҳои рақамикунониро эҳсос мекунем, зеро он аллакай тадриҷан дар нақлиёт сурат мегирад. Ҷаҳон пур аз замимаҳои рақамӣ аст, ки на танҳо дар бораи роҳҳо, балки дар бораи бандҳои онҳо, роҳбандӣ ва садамаҳо, сифати фарогирӣ ва ғайра маълумотро дар бар мегиранд. Пешрафти навбатӣ афзоиши шумораи мошинҳои барқӣ ва мошинҳои бесарнишин, аз ҷумла нақлиёти ҷамъиятӣ, автобусҳои электрикӣ ва троллейбусҳои электрикӣ мебошад. Дар ҷаҳон аллакай қаторҳои бесарнишини метро, автобусҳо ва дронҳо фаъолона озмоиш карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани мошинҳои барқӣ, аз ҷумла автобусҳои барқӣ, троллейбусҳои электрикӣ ва мошинҳои барқии хусусӣ бамаврид дониста мешавад, зеро бартарии чунин мошинҳо дар он аст, ки онҳо ба муҳити зист ва иқлими сайёра безараранд ва инчунин хароҷоти камро талаб мекунад.

– Рақамикунонӣ дар соҳаи бонкӣ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ таъкид кардааст, ки «Бонки миллӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати густариши фарогирии молиявӣ дар кишвар, рушди шабакаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, пешниҳоди хидматҳои гуногуни молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хадамоти молиявӣ ва барои баланд бардоштани дониши молиявии онҳо чораҳо андешад".

Қариб дар тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳимми кишвар системаи рақамикунонӣ татбиқ карда мешавад ва афзалиятҳои системаи рақамисозӣ низ бояд қайд карда шавад:

- дар бозорҳои ҷаҳонӣ мавқеъ пайдо кардан;
- баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат;
- баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт;
- кам кардани арзиши аслии маҳсулот;
- таъсиси ҷойҳои нави корӣ;
- баланд бардоштани дараҷаи қонеъ гардондани талаботи инсон;
- паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рафъи нобаробарии иҷтимоӣ.

Дар ин давра рақамикунонии низоми бонкӣ дар таҳия ва татбиқи замимаҳои электронии пардохт, аз қабили Алиф Моби, низоми пардохти Бонки Эсхата, Амонат Бонк ва Ҳумо дар ҷойи аввал қарор дорад, имкони бидуни пардохти нақд дар мағозаҳоро васеъ мекунад ва бозорҳо, дар системаи пардохти хизмати коммуналӣ, пардохти қарзҳо, интиқоли маблағҳо чи дар дохили мамлакат ва чи ба хориҷа. Ҷорӣ намудани интернет-банкинг ба соҳибкорон имкон дод, ки хароҷоти молиявӣ ва вақти истифодаи хизматрасониҳои бонкиро кам кунанд.

Дар ин ҷода олимону муҳаққиқонро зарур аст, ки ба таҳлили масъалаҳои воқеӣ ва зарурӣ машғул шаванд ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро рушд дода, онро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт пайваст намуда, самаранок истифода баранд. Аз тарафи дигар, ҳар соҳибкасб метавонад аз ин технологияҳо истифода бурда, ба истеҳсолот ва эҷодиёти нав машғул гардад. Дар рушди иқтисоди рақамӣ нақши калидиро давлат мебозад. Зеро давлат метавонад тамоми масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии марбут ба иқтисоди рақамиро бо таври устувор ба низом дарорад [6].

Қобили зикр аст, ки дар ин ҷараён илм ҳамчун воситаи муайян кардани татбиқи технологияҳои рақамӣ дар иқтисод баромад мекунад. Яъне дар асоси нишондодҳои илмӣ ҳамгироии технология ва иқтисодиёт ба амал меояд. Дар ин ҷараён ҷанбаи ҳуқуқии масъала дар он ифода меёбад, ки қонунгузор барои рушди иқтисоди рақамӣ бояд шароити мусоид фароҳам оварад. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки бахри рушди иқтисоди рақамӣ имтиёзҳои андозию гумрукӣ, бақайдгирию ташкилӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин маҳдудиятҳои беасосе, ки боиси косташавии иқтисодиёт мегардад, аз байн бурда мешавад.

Ҳамин тариқ, тибқи қонун низоми иқтисодӣ муайян ва идора карда мешавад ва ин усул дар давраи ҳозира, ки онро марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ арзёбӣ менамоянд, қобили татбиқ аст. Албатта, марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ танҳо аз масъалаҳои дар боло овардашуда иборат нест. Барои ба роҳ мондани рушди иқтисодиёти рақамӣ пеш аз ҳама корҳо тадқиқотиву санҷишҳои соҳавӣ гузаронида шуда, аз натиҷаҳои бамиёномада барномаҳои давлатӣ қабул намудан зарур аст. Дар мақола ҳамаи самтҳои иқтисоди рақамиро фаро гирифтан имконнопазир аст. Аз ҳамин лиҳоз, умедворем, ки ояндаи наздик оид ба марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ дар

ҳамкорӣ бо дигар олимон ва мутахассисон тадқиқоти мушаххаси илмиро анҷом дода, онро барои татбиқи рушди иқтисоди рақамии кишварамон равона созем.

Вобаста ба ин, андешидани тадбирҳое, ки ба рушди низоми рақамӣ дар кишвар мусоидат мекунанд, зарур аст, зеро рақамикунонии ҳар як бахши иқтисодиёт ва дар маҷмуъ кишвар ба як падидаи ногузир табдил ёфта истодааст. Барои ба воқеият табдил додани иқтисодиёти рақамӣ, инчунин бояд вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

– баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ;
– рушди инфрасохтори рақамӣ;
– тайёр намудани мутахассисони касбӣ;
– баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи системаи рақамӣ тавассути роҳандозии корҳои фаҳмондадиҳӣ ва баргузории семинарҳо дар соҳаҳои муайян;
– устувории сохторҳои корпоративӣ ва ғайра.

**Адабиёт:**

1. В.Д. Маркова. Цифровая экономика: учебник. - М. : ИНФРА-М, - 2020. - 186 с.
2. Г.Г. Головенчик. Цифровая экономика. - Минск, БГУ, - 2020.
3. Джурахонзода С.Х. Роль цифровизации в экономическом развитии Республики Таджикистан. / Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. - 2023.
4. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. М.И.Азизова. Инновационные технологии в цифровой экономике (учебное пособие). -Ташкент, - 2022.
6. Нурали Давлат. Таджикистан: на пути к цифровой экономике - avesta. - 2021.
7. Шукуров А.А. Тоҷикистон дар марҳилаи рушди иқтисодиёти рақамӣ, МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”. 2020.

## ТАҲЛИЛИ ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТРАНСФЕРТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ

**Ҳасанов А.Р., Собирҷонов А.С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар ташаккул ва рушди сохтори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа минтақаҳо ва давлат, дар умум, системаи молиявӣ нақши асосиро мебозад, ки ҷузъҳои таркибии онро буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ташкил медиҳанд.

Воридот ба буҷет як қисми захираҳои марказонидашудаи молиявии давлат барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ зарур ва воситаҳои пулиест, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтиёри мақомоти ҳокимияти сатҳи гуногун беподошу бебозгашт мегузаранд. Аз ин рӯ, даромадҳои буҷети давлатӣ – ин маблағҳое мебошанд,

ки тибқи таснифот ва қонунгузории амалкунанда беподошу бебозгашт ворид мешаванд.

Мутобиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз буҷетҳои сатҳҳои зерин иборат мебошад:

- сатҳи якум - буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ;
- сатҳи дуюм - буҷетҳои маҳаллӣ. Ба буҷетҳои маҳаллӣ буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот мансуб мебошанд [1; 311].

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, грантҳо, инчунин воридоти маблағҳои беподош иборат мебошанд, даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ бошад аз даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, инчунин аз воридоти маблағ аз ҳисоби андозу пардохтҳои танзимшавандаи умумидавлатӣ ва пардохтҳои дигар иборат мебошанд [1; 312-313].

**Ҷадвали 1.**

**Ҳаҷми умумии буҷети давлатии ҶТ дар солҳои 2000 – 2021**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2021** |
| Ҳаҷми умумии буҷети давлатии (бо нархҳои ҷорӣ), млрд. сомонӣ | 0,25 | 1,4 | 7,02 | 16,6 | 30,5 |
| Суръати афзоиши ҳаҷмиумумии буҷети давлатӣ нисбат ба соли 2000 (в бо нархҳои ҷорӣ), бамаротиб | - | 5,62 | 27,91 | 66,4 | 122,0 |
| Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ нисбат ба ММД, в % | 14,1 | 19,6 | 28,4 | 34,3 | 30,4 |

**Манбаъ:** Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе,
Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - 2021. - С. 653-686; Омори
солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашрияи расмӣ) - Душанбе, Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С. 422-460.

Бояд қайд кард, ки таносуби буҷет ва ММД дараҷаи азнавтақсимкунии маҳсулот ва даромади ҷамъиятиро тавассути буҷет тавсиф мекунад. Вай инчунин дараҷаи милликунондани ҷараёни такрористеҳсолро низ нишон медиҳад. Аз ин бармеояд, ки таносуби даромад ба ММД ба мо имкон медихад, ки дараҷаи марказикунонии захирахои молиявӣ дар давлатро баҳо диҳем. Аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, ки динамикаи таносуби даромадҳои буҷети давлатӣ ва грантҳо ба ММД дар давраи солҳои 2000-2021 тамоюли афзудан дорад. Масалан, дар соли 2005 нисбат ба соли 2000 суръати афзоиши таносуби даромад ва грантҳо нисбат ба ММД 5,5% афзуд , дар соли

2010 мутаносибан нисбати соли 2005 0,4%, дар соли 2015 нисбати с.2010 5,9% афзуд ва соли 2021 нисбати соли 2015 4,2% кам шуд.

Вобаста ба ин, чуноне таҳлили динамикаи даромади умумӣ ва грантҳои буҷети давлатӣ нишон медиҳад, метавон гуфт, ки дараҷаи марказикунонии захираҳои молиявӣ дар ҶТ дар давраи солҳои 2000-2021 характери афзоянда дорад.

Ҷузъҳои даромади умумӣ ва грантҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2005-2021. дар сохтори он дар ҷадвали 3 равшан нишон дода шудаанд.

Буҷети маҳаллӣ як звенои системаи буҷети кишварҳои ҷаҳон мебошад. Вазифаи асосии буҷетҳои маҳаллӣ рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад. Буҷетҳои маҳаллӣ яке аз роҳҳои асосии то аҳолӣ расонидани натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолот ба ҳисоб мераванд. Ба воситаи онхо фондхои ҷамъиятии истеъмолӣ дар байни гуруҳҳои алоҳидаи аҳолӣ тақсим карда мешаванд.

**Ҷадвали 2**

**Динамикаи воридот ба буҷети давлатии ҶТ дар солҳои 2000 - 2021, млрд. сомонӣ**

| Нишондодҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2021 |
| Даромади умумӣ ва грантҳо (бо нархҳои ҷорӣ) | 0,25 | 1,41 | 4,95 | 12,52 | 21,5 |
| Суръати афзоиши даромади умумӣ ва грантҳо нисбат ба соли 2000 (бо нархҳои ҷорӣ), бамаротиб | - | 5,62 | 19,66 | 50,1 | 86,0 |
| Даромади умумӣ ва грантҳо (бо нархҳои ҷорӣ) нисбат ба ММД, бо % | 14,1 | 19,6 | 20,0 | 25,9 | 21,7 |
| Воридоти андозҳо (бо нархҳои ҷорӣ) | 0,23 | 1,19 | 4,44 | 10,6 | 19,7 |
| Суръати афзоиши воридоти андозҳо нисбат ба соли 2000 (бо нархҳои ҷорӣ), бамаротиб | - | 5,12 | 19,03 | 46,1 | 85,6 |
| Воридоти андозҳо (бо нархҳои ҷорӣ) нисбат ба ММД, бо % | 13,1 | 16,5 | 18,0 | 21,9 | 19,9 |
| Воридоти ғайриандозӣ (бо нархҳои ҷорӣ) | 0,018 | 0,19 | 0,33 | 1,41 | 1,6 |
| Суръати афзоиши воридоти ғайриандозӣ нисбат ба соли 2000 (бо нархҳои ҷорӣ), бамаротиб | - | 10,50 | 18,08 | 78,3 | 88,9 |
| Воридоти ғайриандозӣ (бо нархҳои ҷорӣ) нисбат ба ММД, бо % | 1,02 | 2,65 | 1,33 | 2,9 | 1,6 |
| Грантҳо (бо нархҳои ҷорӣ) | 0,0000 2 | 0,031 | 0,17 | 0,41 | 0,23 |
| Суръати афзоиши грантҳо нисбат ба соли 2000 (бо нархҳои ҷорӣ), бамаротиб | - | 1555 | 8750 | 2050 0 | 1150 0 |
| Грантҳо (бо нархҳои ҷорӣ) нисбат ба ММД, бо % | 0,0011 | 0,43 | 0,71 | 0,8 | 0,2 |

**Манбаъ:** Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе,

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - 2021. - С. 653-686; Омори

солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашрияи расмӣ) - Душанбе, Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С. 422-460.

Аз ин буҷетҳо ба андозае тараққиёти соҳаҳои саноат, пеш аз ҳама саноати маҳаллӣ ва хӯрокворӣ, хоҷагии коммуналӣ, ки ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасонии онҳо низ ҷузъи муҳимми таъмини фаъолияти аҳолӣ мебошад, маблағгузорӣ мешавад.

Бояд қайд кард, ки ҳиссаи буҷетҳои маҳаллӣ дар ҳаҷми умумии буҷети давлатии соли 2007 нисбат ба соли 2000 14,7 банди фоиз (38,2-23,5) кам шуд. Ин аз сабаб аст, ки аз соли 2007 сар карда, ба ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ ба ҷуз аз даромадҳои андозӣ, ғайриандозӣ ва грантҳо буҷети лоиҳаҳои сармоягузорие, ки дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ дохил мешаванд. Бинобар ин, дар ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ хеле кам шудани ҳиссаи буҷетҳои маҳаллӣ мушоҳида шуд. Аммо аз соли 2009 дар ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ пай дар пай афзудани ҳиссаи буҷетҳои маҳаллӣ мушоҳида карда мешавад. Дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2007 (23,5%) ин афзоиш 6,9 %-ро (30,4 - 23,5) ташкил дод.




**Расми 1. Ҳиссаи буҷетҳои маҳаллӣ дар ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ бо %**

Унсури асосӣ дар низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ трансфертҳои (интиқоли маблағҳои) байнибуҷетӣ мебошанд. Зери мафҳуми трансфертҳои байнибуҷетӣ мо маблағҳои як буҷети низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар дорем, ки ба буҷети дигари низоми буҷетӣ интиқол дода мешаванд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» имкони ба буҷетҳои маҳаллӣ пешниҳоди шаклҳои зерини трансфертҳои байнибуҷетӣ (кумаки молиявӣ) пешбинӣ шудааст: кумаки молиявии беподош (дотатсия); мусоидати молиявӣ (субвенсия) кумаки молиявӣ (субсидия)**;** қарзи буҷетӣ ва дигар шаклҳои кумаки молиявие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст [4; 168-169].

Тартиби расонидани кумаки молиявӣ ва андозаи онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли молиявии навбатӣ) муайян мекунад. Таҳлили ташаккули қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир кумаки молиявӣ дар шакли субвенсӣ расонида мешавад.

Нақши асосии трансфертҳо аз ҳалли масъалаи номутавозунии амудӣ дар буҷетҳои алоҳида иборат аст, ки аз номутобиқатии байни масъулияти маблағгузории хароҷот ва имконияти ҷамъоварии андозҳо дар сатҳи маҳаллӣ ба вуҷуд меояд.

Системаи трансфертҳо ба бартараф кардани нобаробарии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, яъне дар сатҳи уфуқӣ вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии рушди ҳар як минтақа ва имкониятҳои молиявии онҳо мусоидат мекунад.

**Ҷадвали 3**

**Ҳаҷми маблағҳои мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷудошуда**

| **Вилоятҳо, шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ** | **Солҳо** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | | **2015** | | **2020** | | **2023** | |
| | **млн. сом.** | % | **млн. сом.** | % | **млн. сом.** | % | **млн. сом.** | % |
| ВМКБ | 67,2 | 23,0 | 160,6 | 19,8 | 194,6 | 21,6 | 259,2 | 17,5 |
| Вилояти Хатлон | 150,4 | 51,4 | 472,7 | 58,4 | 485,3 | 53,9 | 837,6 | 56,6 |
| Н. Варзоб | 4,56 | 1,56 | 12,6 | 1,56 | 11,9 | 1,32 | 18,8 | 1,27 |
| Н. Рашт | 11,3 | 3,86 | 35,38 | 4,37 | 46,7 | 5,18 | 63,1 | 4,26 |
| Н. Лахш | 10,7 | 3,66 | 26,04 | 3,22 | 32,2 | 3,57 | 43,9 | 2,97 |
| Н. Нуробод | 8,8 | 3,01 | 22,15 | 2,74 | 35,1 | 3,90 | 48,76 | 3,30 |
| Н. Сангвор | 5,67 | 1,94 | 15,15 | 1,87 | 17,0 | 1,89 | 18,16 | 1,23 |
| Н. Тоҷикобод | 6,60 | 2,26 | 17,63 | 2,18 | 21,6 | 2,40 | 31,05 | 2,10 |
| Н. Файзобод | 8,41 | 2,88 | 18,22 | 2,25 | 34,1 | 3,79 | 54,94 | 3,71 |
| Н. Шаҳринав | 9,04 | 3,10 | 18,08 | 2,24 | 22,1 | 2,45 | 40,08 | 2,71 |
| Н. Рӯдакӣ | - | - | - | - | - | - | 63,58 | 4,30 |
| Ш. Турсунзода | - | - | 10,00 | 1,24 | - | - | | |
| Ш. Вахдат | 9,8 | 3,35 | - | - | - | - | - | - |
| **Дар умум:** | **292,4** | **100** | **808,7** | **100** | **900,6** | **100** | **1479,2** | **100** |

**Манбаъ**:www/minfin.tj

Динамикаи афзояндаи даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлат имкон медиҳад, ки барномаҳо, вазифаҳо ва ҳадафҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати худро амалӣ намуда, ин маблағҳоро барои хароҷот намудан барои рушди вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи мамлакат ва умуман ҷумҳурӣ равона кунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии минтақаҳои алоҳида аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои зерин маблағи мусоидати молиявӣ (субвенсия) ҷудо карда шудаанд, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Аз маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда бармеояд, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2023 ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва ноҳияву шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ субвенсия ҷудо карда шудааст. Динамикаи ҳаҷми умумии субвенсияҳо тамоюли афзоишро нишон медихад. Ҳамин тавр, дар соли 2023 нисбат ба соли 2010 ҳаҷми субвенсияҳо 5,05 баробар афзудааст. Аз ҳаҷми умумии субвенсияҳо дар давоми ин солҳо ҳиссаи бештар ба  вилояти Хатлон - зиёда аз 50%, ба Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон - тақрибан 20 %; ба ноҳияи Рашт - тақрибан 4%; ба ноҳияҳои Лахш, Нурobод ва Файзобод - тақрибан 3 %, ноҳияҳои Точикобод ва Шахринав  - тақрибан 2-3 %; ноҳияҳои Варзоб ва Тавилдара - тақрибан 1-2%, шаҳрҳои Турсунзода (соли 2015) 1,24% ва Ваҳдат (соли) 335% рост меояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили даромадҳои буҷети давлатӣ нишон медиҳад, ки ҳаҷми он дар давраи солҳои 2000-2021, инчунин ҳиссаи буҷетҳои маҳаллӣ дар ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ тамоюли зиёдшавиро дорад, ки ин ба афзоиши дастгирии давлатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои алоҳидаи сусттараққикардаи ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

**Адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, - 2011, - №6. - С. 309-399.

**2.** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашрияи расмӣ) - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - 2022. - 472 с.

3. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ  - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - 2021. - 702 с.

4. Ҳасанов А.Р., Содиқов Р.Ҳ. Буҷети давлатӣ (китоби дарсӣ). - Душанбе: ЭР - граф, - 2018. - 368 с.

5. Хасанов А.Р.  О межбюджетных отношениях в РТ. Материалы IV Душанбинской международной научно-практической конференции на тему «Государственное управление и местное самоуправление в Республике Таджикистан: традиции и инновации» (20-21 сентября 2012г.). - Душанб: ИПКГСРТ, - 2012. - С. 70-75.

## ТАДҚИҚОТИ ИЛМИИ ОЛИМОН ДАР БОРАИ ОБ ВА ХОТИРАИ ОН

**Ҳасанов Б.Г., Ҳасанова Р.Г.**
**Литсейи инноватсионии “Душанбе”**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мусоҳибаи махсуси худ бо шабакаи телевизионии СММ дар ҳошияи Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба Шарҳи

фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» масъалаҳои вобаста ба обро мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷумла таъкид доштанд, ки **«таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи захираҳои об дар сайёра, махсусан оби тоза зери таъсири амиқи таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ, тамоюли шаҳрнишинӣ ва саноатикунонӣ сол то сол муташанниҷ гардида истодааст»**.

Дар ҷаҳон ҳамасола даҳҳо конфронсҳо дар бораи об баргузор мешаванд, ки дар онҳо садҳо муҳаққиқони ҳаваскор дар бораи таҷрибаҳои аҷиби худ гузориш медиҳанд. Ин таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки об моддаҳои дар он ҳалшударо "ба ёд меорад", об ба коркарди магнитӣ дода мешавад, об хосиятҳои физикии худро вобаста ба ранги дастархоне, ки дар он шиша истодааст, тағйир медиҳад. Олимон натиҷаҳои тадқиқотро пешниҳод карданд ва ҳуҷҷатгузорӣ намуданд, ки об дар ҳақиқат хотира дорад.

Илми физика таълим медиҳад: об сохторҳои дарозумрро ба вуҷуд намеорад. Инсоният аз қадим ба об диққати зиёд медод, зеро маълум буд, ки дар он ҷое ки об нест, ҳаёт вуҷуд надорад. Оби атрофи мо моддаест, ки хосиятҳои беназир дорад. Ягон модда аз оби одӣ аҷибтар ва пурасрортар дар дунё нест. Хусусиятҳои он ба қонуниятҳои хоси аксари моддаҳои атрофи мо итоат намекунанд, ки ин аз сабаби сохтори беназири молекулаҳои об ба вуҷуд меояд.



**Расми 1. Манзараи об дар табиат**

Соли 1783 олим, муҳаққиқ С. Лавуазе исбот кард, ки об на унсур, балки пайвасти водород ва оксиген аст, омӯзиши дақиқи обҳои ширин, баҳрӣ ва минералӣ, таносуби таркиби оби дарё, борон, ботлоқ ва зеризаминӣ оғоз ёфтанд.

Солҳои 70-уми асри XX бошад, олимони замони шӯравӣ (СССР) Дерягин ва Чураев бо таҳқиқи об машғул буданд, аммо тадқиқоташон бенатиҷа анҷом ёфта буд.

Доктор Ли Лорензен низ озмоишҳоро бо усулҳои биорезонансӣ гузаронида, кашф карда буд, ки дар сохтори макромолекулаҳои об маълумот нигоҳ дошта мешавад.

Соли 1999 дар мавзуи хотираи об рисолаи номзадиро Станислав Зенин ҳимоя кард, ки дар асоси маълумоти ҷамъовардаи худ се усули физикию химиявӣ, модели геометрии ташаккули асосии устувори сохтории молекулаҳои обро (оби сохторӣ) сохта

исбот кард ва сипас тасвири ин сохторро бо ёрии микроскопи контрастӣ-фазавӣ ба даст овард. С.В. Зенин обро ҳамчун модда дар ҳолати иттилоотӣ-фазавӣ, ки дорои захираи сохтории маълумот, ки барои нигоҳдории маълумот мувофиқ аст, захираи биологии иттилоот мебошад. Дар ин ҳолат ӯ ду намуди "хотираи" обро ҷудо кард: хотираи якум **аввалия** ва хотираи дуюм **дарозмуддат** .

Хотираи аввалияи об пас аз таъсири якдафъаина пайдо мешавад ва тағйироти баръакси сохтори он ва тасвири нави электромагнитӣ дар сатҳи клатратҳо мебошад. Хотираи дарозмуддати об табдили пурраи сохтори элемент, дар натиҷаи таъсири дарозмуддати иттилоотӣ. Яъне, барои ташаккули сохтори муайяни об дар муддати муайяни вақт интиқоли эҳсосоти муайян ба он кифоя аст.

Муаллифи усули флуктатсионии тозакунии об Ф.Р. Черников чунин мешуморад, ки об дар натиҷаи он нигоҳ дошта мешавад, ки дар параметрҳои сохторӣ-динамикии муҳити обӣ (бо фаъолияти хоси биологӣ) маълумот дар бораи таъсири қаблӣ, аз ҷумла таъсири худи равандҳои тозакунии об боқӣ мемонад. Оби тозашуда метавонад оби дорои сатҳи баланди параметрҳои сохторӣ-динамикӣ (намуди оби гудохта) ҳисобида шавад.



**Расми 2. Мавҷи об дар табиати зебоманзар**

**Доктор Масару Эмото** - муҳаққиқи ҷопонӣ, муаллифи зиёда аз даҳ китоб дар мавзуи хотираи об буда, тавонистааст, ки роҳи арзёбии сифати обро аз рӯйи сохторҳои кристаллӣ ва инчунин роҳи таъсири фаъолро аз берун таҳия кунад.

Бо намунаҳои оби яхкардашуда дар зери микроскоп фарқҳои аҷиберо дар сохтори кристаллии об пайдо кард, ки сабаби он ифлоскунандаҳои кимиёвӣ ва омилҳои беруна буданд. «Дар мактаб, дар дарсҳои табиатшиносӣ мо мавзуи обро омӯхтем ва аллакай дар он вақт ман ҳайрон шуда будам, ки об чӣ қадар хосиятҳои аҷибе дошта будааст» қайд кардааст олим. Ӯ бори аввал тавонист илман исбот кунад (ин ба бисёриҳо ғайриимкон менамуд), ки об қодир аст дар худ маълумотро ҷамъ кунад.




**Расми 3. Доктор Масару Эмото олим, муҳаққиқи ҷопонӣ**

Доктор Масару Эмото беҳтарин вариантҳоро меҷуст, ки бо он метавон кристаллҳоро аз об дар ҳолати моеи аслии худ ба даст орад. Вай дар шароити лабораторӣ бо об озмоишҳои тӯлонӣ гузаронида, намунаҳои манбаъҳои гуногуни обро, ки аз гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон гирифта шуда буданд, таҳқиқ кард. Ҳар як озмоиш бо мусиқӣ, радиатсия, калимаҳо бо забонҳои гуногун, фикрҳои як шахс ё якчанд нафар, тасвирҳо ва ғайраҳо гузаронида мешуд, масалан:

Ба об мусиқии гуногун доданд, сипас зарраҳои хурди обро ях карда, зери микроскоп дида баромаданд. Дар аввал об мусиқии классикиро гӯш мекард, барфи геометрии дуруст ба даст оварда шуд. Сипас таҷриба бо мусиқии вазнин такрор карда шуд, аммо натиҷа ба барф монанд набуд. Сипас, ҳамон чизро санҷиданд, аммо аллакай барои суханҳои номатлуб, ки ба магнитофон сабт шуда буданд, клякса(доғҳо) пайдо шуд. Хулоса баровардан мумкин аст, ки дар зери садоҳо он чизе ки дар инсон эҳсосоти мусбатро ба вуҷуд меорад, об ба шакли комил ба кристалл табдил меёбад.

Доктор М. Эмото кӯшиш мекард, ки калимаеро пайдо кунад, ки обро аз ҳама бештар тоза кунад. Аммо натиҷа тааҷҷубовар буд, ин як чиз нест, балки омезиши ин ду муҳаббат ва миннатдорӣ аст. Об аз маълумоти ҷамъшуда танҳо ҳангоми иваз кардани ҳолати худ тоза карда мешавад, ҳангоми бухор шудан, он аллакай бо борон тоза карда мешавад, пас аз яхкунӣ низ чунин мешавад. Ҳамин тавр, оби обшуда, ки дар баҳор аз зери пиряххои кӯҳӣ ҷорӣ мешавад, аз маълумоти ҷамъшуда пурра тоза карда мешавад.

Тамоми инсоният бояд дар бораи он фикр кунад, ки манбаи табиии об чӣ гуна маълумот дорад ва мо барои зебоии табиӣ ва саломатии худ чӣ кор карда метавонем.

Фарзия тасдиқ шуд: об сохторест, ки маълумоти атрофро дарк мекунад ва онро ба организмҳои дигар интиқол медиҳад. Таҷрибаҳои сершумори олимон нишон медиҳанд, ки об метавонад маълумотро дар бораи таъсир дар хотир дошта, нигоҳ дорад ва интиқол низ диҳад. Хотираи иттилоотии об низ ҷолиб аст. Об қобилияти дар хотир доштани моддаҳои дар он ҳалшударо низ дорад. Ин таъсир аз он сабаб ба даст меояд, ки молекулаҳои об дар атрофи молекулаҳои моддаҳои ҳалшуда ба таври муайян ҷойгир мешаванд ва баъдтар ин сохторро нигоҳ медоранд.



**Расми 4. Намуди чакраи як қатраи об дар табиат**

Ҳамин тариқ, мо метавонем ба изҳороти Мосару Эмото розӣ шавем ва хулосаҳои зеринро барорем:

1. Об сохторест, ки иттилооти атрофро дарк мекунад ва онро ба организмҳои дигар интиқол медиҳад.
2. Об ба калимаҳо, интонатсия, рӯҳияи шахсе, ки дар наздикии он аст, ба ҳайвонот, наботот ва ҳама гуна корҳо ва ашёи дигар вокуниш нишон медиҳад ва инчунин таъсири асбобҳои рӯзгор, аз ҷумла телевизор, печи микромавҷӣ, телефони мобилӣ ва ғайрарҳоро эҳсос мекунад.
3. Об на танҳо аз калимаҳои гуфташуда, балки аз калимаҳои навишташуда низ тағйир меёбад. Масалан, вақте ки шишаи обро ба коғаз печонданд, ки дар он коғаз калимаи "ташаккур" чоп шуда буд, пас аз ин ҳодиса дар об кристаллҳои зебо ташаккул ёфтанд.



Расми 4. Обе, ки дар пеши намоз гузошта буданд. (дуохондашуда)



Расми 5. Шакли об баъди садои симфонияи Мосарт (муътадил)



Расми 6. Шакли об баъди садоҳои нохуш (Рок мусиқиҳо)

Об барои инсон аҳамияти фаврӣ дорад. Аввалан, бадани инсон аз 90-70% об иборат аст, дуюм, ҳар рӯз инсон обро ҳамчун ғизо истеъмол мекунад, аз сохтори ин об вобаста аст, ки дар тамоми узвҳо ва системаҳои инсон равандҳои гуногун ба амал меоянд. Об моддаи маъмултарин, шинос ва дар назари аввал хуб омӯхташуда мебошад, ки моро дар ҳар лаҳзаи ҳаётамон ҳамроҳӣ мекунад. Аммо маълум шуд, ки об асрори зиёдеро дар худ нигоҳ медорад, ки бисёре аз онҳо то ҳол омӯхта нашудаанд. Бисёре аз хосиятҳои физикӣ ва химиявии об хеле ғайриодӣ буда, ҳатто ғайримуқаррарӣ низ мебошанд.

**Адабиёт:**


1) Справочник школьника.1-4(1-3): Русский язык. Математика. Природоведение / Под. ред. О.Л. Соболевой. - М.: АСТ-ПРЕСС, - 2003. - 576 с.
2) Экология: 10-11 класс: учебник для учащихся общеобразовательных учреждений: профильный уровень /Б.М. Миркин, Л.Г. Наумов, С.В. Суматохин.- М., 2013. -384 с.
3) ГОСТ 18826 - 73. Вода питьевая. Методы определения содержания нитратов.
4) ГОСТ 4192 -82. Вода питьевая. Методы определения минеральных азот содержащих веществ.
5) В. В. Некрасов. Курс общей химии. - М.: Просвещение, - 1989.
6) Унифицированные методы анализа вод СССР. В. 1. - Л.: Гидрометиздат, - 1978.
7) Вода // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона. - Л.: Гидрометиздат,- 1982.
8) Масару Эмото. Послания воды. Тайные коды кристаллов льда.
9) http://taiafilippova.ru/fakty-o-vode-maloizvestnye-i-udivitelnye
10) http://facts-pro.ru/fakty-o-vode/
11) https://ribalych.ru/2011/10/24/interesnye-fakty-o-vode-zemle-i-cheloveke/
12) Материалы сайта http://www.wateroflive.ru/


## БАХШИ ХУСУСӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ҶАЛБНАМОИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Шарифзода Ш.Р., Сафоев Ҳ.С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Бо мақсади гузаронидани арзёбии пешакии мувофиқати истифодаи воситаҳо барои ҷалби захираҳои молиявӣ дар лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ва дар натиҷа, баланд бардоштани самаранокии худи лоиҳа, усули интихоби афзорҳои мувофиқ истифода мешавад.

Истифодаи ин усул дар раванди қабули қарорҳо нисбати лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор - давлат, тарафҳои хусусӣ ва кредиторон ба назар гирифта шаванд.

Азбаски ягон лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар зоти худ назир надорад, усули дар поён пешниҳодшуда даъвои универсалӣ буданро намекунад. Бо вуҷуди ин, истифодаи он ба мо имконият медиҳад, ки самти таҳлили минбаъдаи амиқтар ва

муқоисашавандаро нишон диҳем ва дар ниҳоят ба интихоби маҷмуи мутаносиби афзорҳои таъсирбахш (бо дарназардошти вазъи мушаххас) барои ҷалби сармоя мусоидат намоем.

Усули пешниҳодшаванда - усули интихоби афзорҳои мувофиқ тибқи қоидаҳои умумии иқтисодӣ ва риёзии моделсозӣ сохта шуда, бо як қатор фарзияҳо тавсиф мегардад, ки ба мушаххаскунонӣ ва истифодаи амалии васеътари он мусоида мекунад:

1) ба сифати шахси ҳуқуқие, ки нақши қарзгирандаро иҷро мекунад, SPV лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ баромад мекунад;

2) фарз карда мешавад, ки ба сифати кафилон ва ё ҷонибҳои кафолатдиҳанда метавонанд ҳам шахсони ҳуқуқие баромад кунанд, ки аз номи онҳо тарафи хусусӣ фаъолияти худро анҷом медиҳад ва ҳам ассотсиатсияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

3) ҳангоми таҳияи маблағгузории лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ маблағҳои шахсӣ, ки дарҷониби шарики хусусӣ мавҷуданд, кофӣ нестанд, ҷалби сармояи қарзӣ зарур аст;

4) ҳама гуна афзорҳоро барои ҷалби захираҳои молиявии дар боло баёншуда истифода бурдан мумкин аст.

Усули интихоби афзорҳои ҷалби захираҳои молиявӣ меъёрҳои зеринро дар бар мегирад:

- ❖ мавҷудияти омилҳои боздоранда;
- ❖ таъмини баргардонидани маблағҳои ҷалбшуда;
- ❖ давомнокии маблағгузорӣ;
- ❖ имкони дароз кардани муҳлатҳо;
- ❖ эҳтимолияти тағйирёбии назаррас дар шароити пешбурди тиҷорат;
- ❖ омодагии тарафи хусусӣ барои паст кардани ҳиссаи худ дар лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- ❖ мавҷудияти даромади асъорӣ дар лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- ❖ дурнамои омодагии шарикон барои анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ бо шартҳои аз ҷониби тарафайн пешниҳодшуда.

Шаш меъёрҳои аввал меъёрҳои имконият номида мешаванд. Афзорҳои ҷалби захираҳои молиявӣ, ки дар арзёбӣ аз рӯйи ин меъёрҳо хориҷ карда шудаанд, имконияти воқеии истифодаи воқеӣ надоранд ё боиси хароҷоти калони ташкилӣ мешаванд. Дуи охирин меъёрҳои оқилона буда мебошанд. Бо кумаки онҳо, эҳтимолияти кам кардани пардохт барои маблағгузорӣ арзёбӣ карда мешавад, онҳо мамнуниятро барои истифода пешниҳод намекунанд (аз ин сабаб, ин меъёрҳо ба модели умумӣ дохил карда нашудаанд).

**Биёед ҳар як меъёрҳои дар боло зикршударо ба таври муфассал дида бароем.**

Омилҳои боздоранда барои маблағгузории лоиҳаҳои миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ омилҳое мебошанд, ки муайянкунии онҳо иштироки минбаъдаи қарздиҳандаро дар маблағгузории лоиҳа қобили қабул намекунад. Дар байни онҳо мо чизҳои зеринро фарқ мекунем:

- ➢ мавҷуд будани маълумоти манфӣ дар бораи тарафи хусусӣ (аз ҷумла саҳмдорон, мудирияти олӣ, эътибору нуфузи корӣ, таърихи қарз, ҳолати молиявӣ, ки муфлисшавиро нишон медиҳад);

- мутобиқ набудани лоиҳа ба талаботи экологӣ (хулосаи мусбӣ ё иҷозатномаи мақомоти назорати экологӣ мавҷуд нест);
- тарафи хусусӣ дар ҳолати мурофиаи ҳакамӣ ё мурофиаи судӣ қарор дорад ё аз болояш арзу шикоят ба мақомоти дахлдор расидааст, ки ба таври назаррас метавонад вазъи молиявии онро бад кунад;
- тарафи хусусӣ таҷрибаи корро ҳамон соҳае, ки дар он татбиқи лоиҳа ба назар гирифта шудааст, надорад;
- маълумоте, ки тарафи шарики хусусӣ ба бонк бо ҳуҷҷатҳо дар бораи дархости қарз пешниҳод кардааст, дидаву дониста бардурӯғ ё ғалат мебарояд;
- қарздиҳандаи потенсиалӣ дар бораи мавҷудияти сарчашмаҳои боэътимоди 100% маблағгузории лоиҳа маълумоти тасдиқшуда надорад, агар сохтори маблағгузорӣ иштироки тарафҳои дигарро дар лоиҳа, ки маблағгузориро пешниҳод мекунанд, пешбинӣ кунад;
- муҳлатҳои имконпазири қарзи (қарзҳои) бонк камтар аз мӯҳлатҳои сметавии бозгашти онҳо аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили молиявии лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ё ки дигар сарчашмаҳои нақшавии пардохт бошад;
- арзиши софи ҷории лоиҳа аз сифр камтар аст;
- меъёри дохилии даромад аз арзиши захираҳо барои амалиёти қарзӣ пасттар аст;
- ба нақша гирифта мешавад, ки лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар кишваре, ки ноустувории зиёд дорад, амалӣ карда мешавад (таъсири хавфи сиёсӣ ва ҳолатҳои форс-мажор бузург аст);
- пурра набудани маблағҳои худии тарафи хусусӣ дар таркиби маблағгузории лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- набудани ҳаҷми пешбинишудаи фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда, ки аз рӯйи лоиҳа;
- набудани командаи боэътимод ва соҳибкасби менеҷерони роҳбар барои татбиқи лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз ҷониби шарики хусусӣ.

Бозгардандагии маблағҳои қарзгирифташударо метавон тавассути гарав (аз ҷумла ипотека), кафолати бонкӣ, амонат ва инчунин маҷмуи ин усулҳо таъмин кард. Аммо ҳамчун меъёр, на ин усулҳо, балки қобилияти қарзгирандаи эҳтимолӣ барои таъмини қарз, ба назар гирифта мешавад.

Ҳамин тавр, таҳлил карда мешавад, ки чӣ тавр маблағи қарз (ва фоизҳо ба он) ва имконоти молиявии қарзгиранда, аз ҷумла кафолатдиҳандагони он, инчунин ҷараёни пешбинишавандаи гардиши пул барои лоиҳа муқоисашаванда мебошанд.

Ҳамзамон, чунин маҷмуи афзорҳо оптималӣ ҳисобида мешаванд, ки арзиши ҳадди ақали миёнавазни (аз рӯйи намудҳои воситаҳои ҷалб) захираҳои молиявии ҷалбшавандаро таъмин менамоянд ва ҳамзамон шартҳои татбиқи минбаъдаи лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ тибқи параметрҳое, ки дар бизнес-нақша қабул карда шудаанд, нигоҳ дошта мешаванд.

Ғайр аз он, ҳангоми интихоби афзорҳои ҷалби захираҳои молиявӣ алоқамандии муайяни марҳилаҳои татбиқи лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва афзорҳоеро, ки барои истифода дар ҳар марҳилаҳои дахлдор мувофиқанд, ба назар гирифтан зарур аст. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад будани истифодаи афзорҳои муайян барои ҷалби захираҳои молиявӣ дар лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ

ҳам аз рӯйи маҷмуи хусусиятҳои лоиҳа ва ҳам марҳилае, ки лоиҳа ҳоло дар он ҷойгир аст, муайян карда мешавад.

Инчунин қайд мекунем, ки дар робитаи байниҳамдигарии марҳилаҳои татбиқи лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки дар ҷадвали 1.1. оварда шудааст ва афзорҳое, ки барои ҷалби захираҳои молиявӣ истифода мешаванд, истисноҳои муайян вуҷуд доранд. Аз ҷумла, ҳолатҳое ҳастанд, ки ҷойгиркунии хусусӣ эҳтимол, аллакай дар марҳилаи сохтмон бо сабаби сармоягузории аввалини лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 1.**

**Робитаи байниҳамдигарии марҳилаҳои татбиқи лоиҳаи миллии ШДБХ ва воситаҳое, ки барои ҷалби захираҳои молиявӣ истифода мешаванд**

| **Марҳилаҳои татбиқи лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ (пас аз бастани молиявӣ)** | **Афзори ҷалби захираҳои молиявӣ** |
|---|---|
| Тарроҳӣ | - маблағҳои шахсии тарафи хусусӣ;<br>- вомбаргҳои қарзӣ (аз ҷумла вомбаргҳои конвертатсияшаванда) аз номи тиҷорати мавҷудаи шарики хусусӣ ё аз номи лоиҳаи SPV шарикии давлат ва бахши хусусӣ;<br>- ҷойгиркунии хусусии саҳмияҳои лоиҳаи SPV шарикии давлат ва бахши хусусӣ. |
| Сохтмон | -кредит,<br>- кафолат,<br>- лизинг,<br>- маблағгузории содироту воридот;<br>- вомбаргҳои қарзӣ (аз ҷумла облигатсияҳои конвертатсияшаванда) аз номи SPV лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ |
| Истифодабарӣ | -кредит,<br>- кафолат,<br>- вомбаргҳои қарзӣ (аз ҷумла, вомбаргҳо конвертатсияшаванда), нотаҳои қарзӣ аз номи лоиҳаи SPV ШДБХ, IPO ва ҷойгиркунии такрорӣ |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф таҳқиқот ва таҳия карда шудааст.

Бо мақсади безараргардонии пайдоиши чунин истисноҳо, мо пешниҳод менамоем, ки ҳамбастагиҳои дар ҷадвал нишон додашуда бо сохтани зина низоми тарафайни афзорҳои ҷалби захираҳои молиявӣ пурра карда шаванд, ки дар аҳроми рушди рақобатпазирии молиявии лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба расмият даровардa мешавад (расми 1).

Аҳром нишон медиҳад, ки ҳар як афзори сатҳи оянда ба таҷрибаи истифодаи амалии афзорҳои сатҳи поёнӣ (нисбат ба он) асос ёфтааст. Дар айни замон, афзорҳои сатҳҳои гуногун метавонанд дар фосилаи татбиқи лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусӣ истифода шаванд. Дар ин ҳолат, ҳар яке аз онҳо сарчашмаҳои ҷалби захираҳои молиявиро пурра ва диверсификатсия карда, ба ин васила чандирии молиявии лоиҳаи миллии шарикии давлат ва бахши хусусиро таъмин хоҳад намуд.




**Расми 1. Аҳроми рушди рақобатпазирии молиявии лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ**

Татбиқи амалии афзорҳои баррасишавандаи ҷалби захираҳои молиявӣ бидуни ҳамкории муассири шарики хусусӣ бо муҳити беруна ғайриимкон аст. Дар ин ҳолат қарздиҳандагони эҳтимолӣ (ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои суғурта ва дигар сармоягузорони институтсионалӣ) пеш аз ҳама ба сифати унсури муҳити беруна баромад мекунанд.

**Адабиёт:**

1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года (НСР-2030). - Душанбе, 2016. -110 с.

2. Айрапетян М.С. Зарубежный опыт использования государственно-частного партнёрства // Государственная власть и местное самоуправление. 2009. №2. - С.35-42.

3. Аҳмадов Р.Р. Фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2020. №111. - С. 96-103.

4. Варнавский В.Г., Кондратьев В.Б., Куренков Ю.В. Разработка в России механизмов государственно-частного партнерства (ГЧП) при финансировании крупных, имеющих общегосударственное значение инвестиционных проектов. - М.: ИМЭМО РАН, - 2006. -78 с.

5. Делмон Дж. Государственно-частное партнёрство в инфраструктуре: практическое руководство для органов государственной власти. - М.: Мировой банк, - 2010. - 214 с.

6. Кабашкин А.В. Возможности использования различных форм государственно-частного партнёрства в регионах Российской Федерации //Экономика. - 2008. №3. - С. 64

.

## ЗИНАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАДҚИҚОТИ МАРКЕТИНГӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

**Шоев Д.М.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Мафҳуми маркетинг дар маънои васеъ на танҳо таҳлили бозорро, балки комплекси чорабиниҳоро дар соҳаи тадқиқоти фаъолияти савдою фурӯш, оид ба омӯзиши ҳамаи омилҳои ба ҷараёни истеҳсолот ва ҳаракати молҳо ва хизматрасониҳо аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда таъсир расонандаро дар бар мегирад.

Бо ёрии маркетинг роҳбарияти фирма ахбори заруриро дар бораи он ки истеъмолкунандагон кадом маҳсулотро ва барои чӣ мехоҳанд харид кунанд, дар бораи нархҳо, ки истеъмолкунандагон тайёранд бо онҳо маҳсулоти талабдоштаашонро харид намоянд, мегирад. Бо ёрии маркетинг муайян карда мешавад, ки ба кадом намудҳои истеҳсолот, ба кадом соҳаҳо маблағ гузоштан бештар фоида меорад, дар куҷо сохтани корхонаи нав мувофиқи мақсад аст.

Маркетинг инчунин имконият медиҳад, ки истеҳсолкунанда, фирма чӣ тавр бояд ҷараёни фурӯши моли худро ташкил намояд, корҳои ҳаракат додани маҳсулоти навро дар бозор, сохтани стратегияи реклама ва ғ. фаҳмида тавонад, вариантҳои гуногунхароҷоти самаранок дар истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоту хизматрасонӣ ҳисоб карда шаванд. Инчунин муайян карда шавад, ки кадом намудҳои маҳсулоти ба истеъмолкунандагон ва дар кадом минтақа фурӯхташуда, воҳиди маблағи ба истеҳсолот, кашондан, нигоҳ доштан, реклама, фурӯш гузошта шуда бештар фоида меорад. Ҷараёни гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ аз якчанд зинаҳои пайдарҳам иборат аст:

**Зинаи якум.** Ҳалли натиҷаи тадқиқотбарии маркетинг вобаста аз муайян намудани масъалаи гузошташуда. (Мисол: дигаргуншавии рафтори харидорон нисбати моли рақибон).

**Зинаи дуюм.** Тартибдиҳии нақшаи тадқиқотбарии маркетинг, гузоштани мақсад, муайянкунии макон ва усулҳои тадқиқотбарӣ. Дар ин ҷо инчунин ҳудуди тадқиқотбарӣ, технологияи интихоби респондентон, яъне ҷавобдиҳандагони пурсишномаҳо ва миқдори онҳо дар ҳолати гузаронидани пурсишнома ё мушоҳидабарӣ нишон дода мешавад.

Баъд нақша ва технологияи таҳлили ахбори ҷамъовардашуда коркард карда шуда графики корҳои тадқиқотбарӣ тартиб дода мешавад. Ва дар охир ҷамъи хароҷот барои гузаронидани тадқиқоти маркетинг ва барои масъалаҳои алоҳидаи хароҷот бо ҷудогиаш нишон дода мешавад.

**Зинаи сеюм.** Аввал ҷамъоварии ахбори дуюм ва баъд ҷамъоварии ахбори якум гузаронида мешавад.

**Зинаи чорум.** Интихоби бевоситаи ахбори дуруст, сифатнок ва тозакунии ахбори нодаркор.

**Зинаи панҷум.** Пуррашавии бонки рақамҳо ва ғуншавии онҳо.

**Зинаи шашум.** Вақте ки тавсифу ҳаҷми ахборо барои ҳалли масъалаҳои дар пеш гузоштаи тадқиқотбарони маркетинг кифоя бошад, он гоҳ онҳоро ба ҷадвалхою нақшаҳо (графикҳо) ҷойгир менамоянд, то ин ки ҳолати истифодабари ва таҳлили он мушаххас ва қулай бошад.

**Зинаи ҳафтум.** Коршиносон (экспертон), муттахасисони маркетинг ва менеҷерон ахбореро, ки дар натиҷаи тадқиқотбарии маркетинг дастрас шуд, бодиққат аз назар гузаронида, омӯхта баъд хулосабардорӣ менамоянд.

**Зинаи ҳаштум.** Дар натичаи хулосабардорӣ, пешгӯйикунии тараққиёти вазъи бозор, эҳтиёҷоти истеъмолгарон, самтҳои рақобатнокии фирмаҳо муайян карда шуда, коркарди тавсияҳо барои таъмини оптималии ҳалли масъалаҳои тадқиқотбарии маркетингӣ бештар ба намуди ҳисобот ва нақша ё дастури маркетинги бозорӣ бароварда мешавад [10; 58].

Самтҳои асосии тадқиқотбарии маркетингро бозор, мол, истеъмолгарон, рақибон, нархҳои молҳо, ҳаракати молҳо, алоқаҳои робитавm, гуногунсохтории бозори молҳо, муҳити дохилӣ, ташкили савдо ё тиҷорат, миёнравҳо, нақшаи фаъолияти маркетингӣ ва худи ҷараёни банақшагирӣ дар фирмаю ташкилотҳо, хизматрасонӣ, хадамот ва ғайра ташкил медиҳад.

Равияҳои асосие, ки самти муосири тадқиқотбарии маркетингро нишон медиҳанд, асосана з тадқиқотбарии амалӣ ва бунёдӣ иборат аст.

1. Тадқиқотбарии амалӣ гуфта, тадқиқотбарии аниқи масъалаҳои амалиро барои ҷустуҷӯйи қарори фаъолияти маркетингию корхонаю ташкилотҳо меноманд. Мисол: муайянкунии вазъи бозор, фаҳмидани сабабҳои иҷро нашудани нақшаҳои тактикию стратегӣ, пасткунии номуайяни дар ҷараёни қабули қарори роҳбарӣ оид ба фаъолияти маркетингӣ.

2. Тадқиқотбарии бунёдӣ ин чунин тадқиқотбарии маркетингӣ мебошад, ки на барои иҷрои вазифаҳои аниқи амалӣ, балки барои васеъ намудани донишҳои умумӣ равона карда шудааст. Мисол: болоравии сатҳи зиндагии мардум шарти васеъшавии доираи фурӯши молҳои аз ҷиҳати техникӣ мураккаб ба монанди чангиракҳо, ҳавотозаккунакҳо, мошинҳои ҷомашӯйӣ, тафдонҳои барқӣ, телевизорҳои замонавӣ, мошинҳои сабукрав ва ғайра мебошад. Ғайр аз ин даромади миёнамоҳаи аҳолӣ ҳар қадар афзоиш ёбад, дар баробари қонеъ гардонидани талаботи ҷисмонии онҳо доираи талаботи фикронию ақлонии онҳо низ васеъ мешаванд. Ин дар навбати худ боиси васеъшавии донишҳои иҷтимоӣ мешавад.

Ҳама гуна тадқиқотбариҳои маркетингӣ бояд объективӣ, дақиқ ва пайдарҳам бошанд. Самти муҳим барои маркетологҳо риояи присипҳои зерини тадқиқотбарии маркетинг мебошад:

- доимӣ - тадқиқотбарӣ бояд доимӣ бошад;
- даврӣ - тадқиқотбарӣ бояд ҳамаи ҷабҳаҳои бозор ва тамоми сохтори онро дар зинаҳои ҷараёни бозор, ба тамоми омилҳо ва алоқамандиашон дар бар гирад.
- комплексӣ - тадқиқотбарӣ ба худ маҷмуи корҳо оид ба ҷамъоварӣ, коркард, таҳлили рақамҳоро дар баробари омӯзиши мавқеъ ва алоқамандии он бо амалиёти дигар меомӯзад, ки рафтори комплексиро мефаҳмонад;

o алоқамандӣ ва ҳаракати мақсаднок – равия, мавқеъ ва қисматҳои гузаронидани тадқиқотбарӣ бояд бо мақсад ва вазифаи фаъолияти иштирокчии бозор алоқамандии зич дошта, талаботи реалии онро дар таҳлили ахбори мушахас нишон диҳад;

o сарчашмаҳои зиёди ахбор – истифодаи ахбори зиёд аз сарчашмаҳои гуногун, ки тадқиқотбарии маркетингро ҳаматарафа пурра намуда, дар ҳар лаҳза онро аниқ менамояд ва назорат мебарад. Инчунин тадқиқотбариро аз ахбори нодаркор тоза менамояд;

o универсалӣ - тадқиқотбарӣ барои қонеъ гардонидани тамоми талаботи ахборӣи иштирокчиёни бозор барои қабули қарори оптималии он равона мешавад;

o илмӣ - тадқиқотбарӣ бояд аниқ, ҳақиқӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок бошад.

Қайд кардан зарур аст, ки барои фаъолияти касби бозор савдои чакана ва яклухт, бозори реклама, тадқиқотчиёни маркетингӣ, мудирони истеҳсолоти нав ва молҳои тамғадор, бозори маркетинг аҳамияти калон дорад.

**Адабиёт:**


1. Бойматов А. Маркетинг. - Хуҷанд, - 2005.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2019.
3. Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соли 2020. Ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2004 № 86 тасдиқ шудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2006.
4. Барномаи инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистон то соли 2015. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2004 тасдиқ шудааст. - Душанбе, - 2004.
5. Каримов Б. Тоҷикистон: дурнамои рушд. Китоби сафеду сабз. ИТДН, М.: - 2004. - 288 с.
6. Ҳакимов А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Василаи таълим. -
Душанбе: Ирфон, - 2007. - 488 с.

# ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ РЫНКА ЭКОЛОГИЧЕСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Шохзода Н. И.**

**Технологический университет Таджикистана**

В настоящее время основной задачей общественного прогресса признано регулирование высокого качества жизни населения, которое рассчитывает на удовлетворение экономических и социальных нужд. Достижение поставленной цели возможно в рамках методологии устойчивого совершенствования, полагающей прогресс не только в экологической, но и в социально-экономической сферах.

В Республике Таджикистан в последние годы традиционные услуги развиваются и совершенствуются быстрыми темпами. При этом появляются новые услуги или модернизируются уже имеющиеся на потребительском рынке.

Необходимо отметить, что в числе таджикских учёных, в чьих трудах исследованы отдельные аспекты проблем развития эколого-экономических отношений и развитие сферы услуг в современном Таджикистане, следует назвать Ш. Дустбоева, Х. Факерова, Р. Раджабова, Т. Ганиева, Ш. Кодирова, С. Комилова, У. Муртазаева, Х. Мухаббатова, Ф. Обидова, Х.А. Одинаева, Х. Умарова, Х. Исайнова и др. Их работы посвящены вопросам экономики и оптимизации использования природных ресурсов, охране природной среды, экосистемным услугам и повышению эффективности использования природных ресурсов.

Однако, по нашему мнению, вне поля зрения остаются вопросы надлежащего учёта экологических аспектов и их включения в орбиту экономической деятельности и роста эффективности производства, в т.ч., через развитие предпринимательства в экологической сфере и расширение рынка экологических услуг.

В то же время теоретические аспекты формирования эколого-экономических отношений в различных сферах, реализация новых форм хозяйственной деятельности в сфере экологии, оценка эффективности и изучение деятельности предприятий, функционирующих в соответствие экологическим требованиям и законодательству не реализованы на необходимом уровне.

В таджикской науке ближайшим научным исследованием в этом направлении можно считать научную диссертацию Досиева Махмадшоха Назаровича, защищённую в 2018 году на тему «Особенности становления и развития экологического предпринимательства». В данной диссертации он рассмотрел некоторые аспекты формирования рынка экологических услуг и представил научно-обоснованные мнения.

Зарубежные исследователи уделяют этому вопросу больше внимания. В частности, в научных трудах российских учёных больше исследовался вопрос рынка экологических услуг, уделялось внимание значимым научным статьям и тезисам, относящимся к различным направлениям данной темы. Особо следует выделить работы Асаула А.Н., Анисимовой А.П., Бобошко В.И., Багиевой Г.Л., Лапустый М.Г., Митрофанова М.М., Мочалова Л.А., Мазуровой О.Г., Мамлеева Д.Ф., Новоселова С.Н., Наумова А.А., Николайкина Н.И., Тарасевича Л.С., Тропецкова А.И., Уразова Л.П., Фокина С.А., Гаека Ф.А., Хоскинкова Е.В., Чечункова Е.В., Шумпетера Ю.А., Юрьева В.М., Ясина Е.Г. и др.

Теоретический обзор данной темы важен для поиска решений и определения перспектив рынка экологических услуг. Это направление требует внимания исследователей-экономистов на необходимом уровне.

В соответствии с целью статьи необходимо изучить следующие вопросы:

- ✓ исследование теоретических аспектов развития рынка экологических услуг;
- ✓ система рыночной экономики и изучение методических основ её развития;
- ✓ современные условия;
- ✓ изучение зарубежного опыта управления развитием рынка услуг;
- ✓ среда и механизм финансирования этого направления;
- ✓ выявление тенденций развития рынка экологических услуг;
- ✓ анализ действующей системы финансирования данного направления;
- ✓ оценка влияния факторов на формирование и развитие системы;
- ✓ влияние на рынок экологических услуг;
- ✓ обоснование основных направлений перспектив развития рынка экологических услуг в Республике Таджикистан.

С нашей точки зрения, устойчивое развитие этого направления зависит от исследования, учёта и реализации рынка экологических услуг. Черезмерное, медленное формирование рынка экологических услуг обусловлено неразработанностью его теоретических аспектов.

В основном в Республике Таджикистан в связи с изменением климата выделены необходимые средства на развитие экологических служб. Таджикистан занимает первое место в области энергетики и производства зелёной энергии. Исследователи также показали большое значение в этой области, что очень хорошо, потому что Таджикистан имеет видимые результаты в мире по чистой воде и строительству электростанций. Но другие области, которые в настоящее время нуждаются как в научных исследованиях, так и в инвестициях, это:

- ✓ сельское хозяйство;
- ✓ жилищно-коммунальное хозяйство;
- ✓ рыболовство;
- ✓ лесное хозяйство;
- ✓ промышленность;
- ✓ туризм;
- ✓ транспорт;
- ✓ утилизация и переработка отходов;
- ✓ управление водными ресурсами.

Для решения данных проблем, необходимо объяснить основные понятия, возникшие при рассмотрении этого направления в экономике.

Впервые термин «устойчивое развитие» был применён в 1972 году на Первой Всемирной конференции по окружающей среде в Стокгольме. В 1992 году на конференции ООН по окружающей среде и развитию в Рио-де-Жанейро этот термин был использован «в качестве названия новой концепции существования всего человечества. Концепция устойчивого развития была сформулирована как способ преодоления главной для современной цивилизации экологической угрозы, существовавшей в виде некой теоретически обоснованной опасности, осознаваемой сравнительно узким кругом учёных и политиков, связанной с переселением, с

невосполнимым расходованием природных ресурсов и с загрязнением окружающей среды» [6; 118].

Сарвари давлат бо назардошти он ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар гузаштаи начандон дур шомили як низоми воҳиди сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, шаҳрвандони ин ҷумҳуриҳоро риштаҳои маҳками умумияти иҷтимоию фарҳангӣ мепайвандад, 30 сентябри соли 1994 зимни суханронӣ дар иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ афзалиятнок будани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таъкид кардааст.

Авлавияти минтақавӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баромадҳои сардори давлат ҳамчун муайянкунандаи самти сиёсати хориҷии кишвар ва асноди марбут ба он инъикос гаштааст.

Маҳз бо назардошти боло рафтани мақоми минтақа ва таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ба он Э. Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2000-ум вазифаи танзими консепсияи сиёсати хориҷии ҶТ-ро гузошт. Бо қарори Коллегияи Вазорати корҳои хориҷӣ аз 18 июни соли 2001 гурӯҳи корӣ таъсис ёфта лоиҳаи санади мазкурро омода намуд, ки 24 сентябри соли 2002 аз ҷониби Президенти кишвар тасдиқ гардид. Дар ин санад, дар бахши «Авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳури Тоҷикистон» оид ба бартарияти минтақавӣ таъкид гардидааст.

Сарвари давлати тоҷикон дар суханронии худ ҳангоми ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ дар самти муносибат бо кишварҳои минтақа чунин таъкид намуданд: «Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мақоми авлавиятро ишғол менамоянд. Мо ҷонибдори минбаъд вусъат бахшидани таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи мардумони Осиёи Марказӣ мебошем».

Дар консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон самти минтақавии сиёсати хориҷӣ чунин инъикос гаштааст: Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои ҳаммарз ва минтақа сиёсати дӯстӣ, некӯҳамсоягӣ ва мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар буда, ҳадафи эҷоди навори эътимоду амниятро дар тӯлу марзи кишвар пайгирӣ мекунад. Ин сиёсат дар ҳалли масъалаҳои баҳснок, аз ҷумла масоили сарҳадӣ ва обу энергетика ба ҳалли осоиштаи онҳо ба воситаи музокироту гуфтушунидҳо, ҳусни тафоҳуми ҷонибҳои дахлдор ва эътирофи усули баробарӣ ва тақсимнопазирии амният дар минтақа такя мекунад. Дар низоми равобити байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамҷавор мақоми авло доранд. Тоҷикистон ҷонибдори густариши минбаъдаи таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи халқҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар марҳилаи ҳозира дар сиёсати хориҷии ҶТ доштани равобити ҳасанаи наздик ва собит бо кишварҳои ҳамсоя ба хотири эҷоди камарбанди боварӣ ва амниятӣ дар тӯлу марзҳои кишвар ва таъмини сулҳу оромӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз авлавиятҳо ба шумор меравад.

Барои ин Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар муносибат бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа сиёсати дӯстӣ, ҳусни ҳамсоягӣ, ҳамзистии осоишта ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигарро пеша намуда, дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ва масъалаҳои баҳсталаб, ба шумули масъалаҳои сарҳадӣ, аз ҳама гуна фишор худдорӣ намуда, бо роҳи ҳалли мусолиматомези сиёсӣ ва гуфтушунидҳо афзалият диҳад. Гузашта аз ин вай бо истифода аз таҷрибаи нодире, ки дар сулҳофаринӣ ва ҳалли низоъҳо дорад, дар пешгирӣ ва ҳаллу фасли ҳолатҳои низоӣ иқдом мекунад ва саҳм мегирад.

Маҳз ин нуктаҳо дар сиёсати сулҳпарваронаи Пешвои миллат Э. Раҳмон инъикос мегардад, ки ба таҳкими равобити минтақавӣ, дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва таъмини амният дар он даъват менамояд. «Тоҷикистон чунин мешуморад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ барои ҳалли ҳамаи мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологӣ, муқовимати муассир бо таҳдиду хатарҳои муосир ва таъмин кардани сатҳи рушди сифатан нав ҳамаи захираву имкониятҳоро дорад.

Ҳамин тавр, таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда бозгӯйи он аст, ки барои Тоҷикистон амиқтар шудани равобит бо Чин, ҷиҳати тавсеаи бештари иқтисоди Тоҷикистон зарурат дорад. Гумон меравад, ки бо таваҷҷуҳ ба ин нуқтаҳо Тоҷикистон ва Чин дар оянда низ баҳри густариши ҳамкориҳои стратегии худ талош хоҳанд варзид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои дӯстона ва созандаро бо Ҳиндустон аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии худ муайян кардааст. Равобити дипломатии Тоҷикистон ва Ҳиндустон аз соли 1992 оғоз мегардад. Ҳукумати Ҳиндустон сафоратхонаи худро дар шаҳри Душанбе дар соли 1992 ва Тоҷикистон дар соли 2003 ифтитоҳ бахшиданд. Ба ақидаи З. Сайидзода ҳамкориҳои Тоҷикистону Ҳиндустон бештар «дар заминаҳои савдо, саноат, илм, фарҳанг ва масъалаҳои амниятӣ» амалӣ мегарданд.

Умуман, роҳандозии сиёсати минтақавӣ низ яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ин замина ҳамкориҳои фароху домангустурда, пеш аз ҳама бо ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии Осиёи Марказӣ, кишварҳои форсизабони минтақа ва инчунин бо кишварҳои ҳаммарз, дӯст ва шарики боэътимод, ба амсоли Чин, Ҳиндустон ва Покистон вусъат ёфтааст.

**Адабиёт:**

1. Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От Арийцев до Саманидов / Э. Рахмон. - Лондон, - 1999.

2. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллӣ. В 7 томах / Э. Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008.

3. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1992-й / Д. Назриев, И. Сатаров. - Душанбе, - 2005. - С. 56.

4. Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З. Саидов, А. Сабуров. - Душанбе: Деваштич, - 2005. - С. 10.

5. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 15.03.2013. http://www.president.tj/node/4113.

# ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ ТОҶИКОН ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ

**Асомуддини Абдулмумин**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки дар солҳои 90-уми асри XX диққати муаррихон ва умуман аҳли ҷамоаи ҷаҳониро ба худ ҷалб карда буд, раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон дар солҳои 1994-1997 ба ҳисоб меравад. Ин раванд, пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки нахустин таҷрибаест дар таърихи ҷаҳонӣ, ки бо миёнаравии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ширкати давлатҳои кафили минтақа бомуваффақият анҷом пазируфтааст.

Дар давоми солҳои 1994-1997 байни ҳукумати расмии Точикистон ва иттиҳоди мухолифин 8 даври мулоқот ва якчанд вохӯрӣ дар сатҳи олӣ миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ва роҳбари иттиҳоди мухолифин С.А. Нурӣ баргузор шуданд. Ин гуфтушунидҳо таҳти назари СММ ва бо ширкати давлатҳои кафил - Россия, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон сурат гирифта, натиҷаи мусбат доданд.

Раванди ноил гардидан ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва бунёди шароити мусоид баҳри муътадил гардонидани авзои сиёсии ҷомеа, аз ҷумлаи мавзуоте буданд, ки таваҷҷуҳи олимони ҷабҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ ва соири муаллифонеро, ки дар таҳқиқи масоили ризоияти миллӣ ва сулҳ ҳамчун падидаи демократикунонии ҷомеа саҳм гирифтаанд, ба худ ҷалб кард. Мавзуоти мухталифи масоили мазкур дар асарҳои маҷмуӣ ва баромадҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси Комиссияи оштии миллӣ С.А. Нурӣ таҷассум ёфтаанд. Маҳз Президенти кишвар ба ҳайси ташаббускори асосии роҳандозии Консепсияи ризоияти

миллӣ дар Тоҷикистон баромад карда, тамоми нерую заковат ва сабру суботи хешро баҳри истиқрори сулҳи комил равона сохт.

Масоили марбут ба гуфтушуниди миёни тоҷикон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, пеш аз ҳама дар асари бунёдии «История таджикского народа» ва асарҳои дастаҷамъии «Бунёди давлатдории навин», «Очеркҳои таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол» хеле дақиқназарона таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки асарҳои характери илмӣ ва публитсистидошта, ки ба раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон баҳри истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷумҳурӣ рабт доранд, хеле муҳим ва ҷолибанд. Дар байни онҳо бахусус асарҳои В. Бушков ва Д. Микулский, Р. Масов, Е. Белов, С. Махонина, Р. Абулҳаев А. Достиев, И. Усмонов, К. Абдулов, Ш.С. Саъдиев ва дигарон арзиши баланди илмӣ дошта, лаҳзаҳои муҳимми раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳи деринтизорро инъикос кардаанд.

Роҷеъ ба масоили истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳам дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он таълифоти зиёде рӯйи кор омаданд. Махсусан, ба ин масъала муаррихон диққати ҷиддӣ зоҳир намудаанд. Боиси қайд аст, ки дар рисолаи номзадии собиқ сафири Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Е.В. Белов, мақолаи Р. Абулҳаев масъалаҳои раванди гуфтушунидҳои байни тоҷикон, махсусиятҳои ин гуфтушунидҳо, ширкати давлатҳои кафил - Эрон, Афғонистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Покистон дар ин раванд, ҳадафу мароми онҳо ва махсусан нақши СММ ва Россия дар раванди баҳамоии тоҷикон хеле дақиқназарона таҳқиқ гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки гуфтушунидҳои миёни тоҷикон, ки бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо миёнаравии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва давлатҳои кафили минтақа дар тӯли солҳои 1994 -1997 сурат гирифта будаанд, натиҷаи дилхоҳ ба бор оварданд. 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ, ки ҷони даҳҳо ҳазор одамонро ба гирдоби фано кашида буд, хотима ёфт. Дар асоси ин созишнома 4 июли соли 1997 Комиссияи оштии миллӣ дар ҳайати 26 нафар олимони шинохтаи Тоҷикистон ва таҳти сарварии Саид Абдуллои Нурӣ созмон дода шуд. Комиссияи оштии миллӣ 15 сентябри соли 1997 дар шаҳри Душанбе ба кор оғоз кард. Мақсаду мароми Комиссияи мазкур амалигардонии шартҳои созишнома ва таҳкими сулҳи деринтизор буд. Комиссия дар тӯли қариб се сол вазифаҳои дар наздаш истодаро бомуваффақият ба сомон расонида, 1 - уми апрели соли 2000 фаъолияташро қатъ кард. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон сулҳи комил пойдор гардид.

Ҳамаи ин масъалаҳои зикршуда дар як қатор тадқиқот аз қабили «Роҳи сулҳ (Ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон)», асарҳои И. Усмонов, М. Тоштемиров ва З. Саидов ботафсил дарҷ гардидаанд. «Роҳи сулҳ» характери таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ дошта, дар он ҳуҷҷатҳои муҳим оид ба раванди гуфтушунидҳои миёни тоҷикон гирд оварда шудааст. Таҳқиқоти И. Усмонов, М. Тоштемиров ва З. Саидов асосан ба мунокишаи байни тоҷикон, раванди гуфтушунидҳо, истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, инчунин накши созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои ИДМ дар ба даст омадани ин сулҳ бахшида шудаанд.

Бояд зикр кард, ки дар байни адабиёти батабърасида махсусан китоби И. Усмонов «Сулҳнома», ки дар он масоили гуфтушуниди миёни тоҷикон ва фаъолияти КОМ дар солҳои 1997-2000 инъикос гардидаанд, мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Асари мазкур, пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар он ҷанбаҳои сиёсии фаъолияти КОМ дақиқназарона таҳлил гардидаанд.

Таълифоти таҳлилӣ ва таҳқиқотии иштирокчиёни бевоситаи ҳамаи даврҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва Комиссияи оштии миллӣ – ҷонишини Раиси КОМ А. Достиев, А. Амирбеков (раиси «Лаъли Бадахшон», намояндаи ИМТ), раиси зеркомиссияи ҳуқуқи КОМ М. Ҳимматзода ҷиҳати омӯзиши масоили марбут ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, фаъолияти пурсамари КОМ хеле муҳиманд. Муаллифони мазкур дар раванди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ саҳми бориз дошта, аз он дар ёддоштҳои хеш ёдрас шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва коршиносонро ба худ ҷалб кардааст, инъикоси сабақҳои таърихӣ ва аҳамияти байналмилалии сулҳи тоҷикон аст. Дар ин ҷода низ асару мақолоти зиёд рӯйи кор омадаанд. Аз ҷумла мақолаи муштараки муҳаққиқи муносибатҳои байналхалқӣ Х. Самиев ва Ф. Мудатова фарогири ин масоил буда, ба омӯзиш ва таҳлили сабақҳои таърихӣ ва байналмилалии сулҳи тоҷикон бахшида шудааст.

Муаллифон кӯшиш кардаанд, ки дар асоси истифодаи манобеи расмиву давлатӣ, хотираҳо, ёддоштҳои иштирокчиёни гуфтушуниди байни тоҷикон ва таҳлили протоколу созишномаҳои имзошуда сабабҳо ва омилҳои хотимаи оташбас ва муқовимати байни гурӯҳҳои даргир, оғози гуфтушунидҳоро ошкор ва таҳлил намоянд. Бахусус, дар мақола махсусият ва нишонаҳои фарқкунандаи раванди гуфтушунид, методика ва 120 механизми дастёбӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ, инчунин вижагиҳои тарҳи сулҳ дар Тоҷикистон, ки метавон онро дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ истифода кард, инъикоси худро ёфтаанд.

Ба ақидаи муҳаққиқон, ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аҳамияти бузурги байналхалқӣ дорад. Онҳо аҳамияти байналмилалии сулҳи тоҷиконро, пеш аз ҳама, дар нуктаҳои зайл мебинанд:

«а) эътимоди қавии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон чун ба давлате, ки бунёди ҷомеаи демократиро ихтиёр кардааст ва дар ин азм устувор аст, пазироии он ба анҷумани хеш ва ниҳодҳо ва созмонҳои бузурги сиёсӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ;

б) эътирофи Тоҷикистон ҳамчун кишвари воқеан ҳам тарафдори таҳким ва тавсеаи арзишҳо ва муқаррароти байналмилалӣ ва фаъол дар ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва глобалӣ;

в) эътирофи Сарвари давлати Тоҷикистон ҳамчун шахсият ва сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ, ки андеша, рафтор ва равиши давлатдории ӯ метавонад чун намунаи давлатмардони замони нав хидмат намояд».

Ҳамчунин сиёсатшиносони тоҷик ба масъалаи оштии миллии тоҷикон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар доираи китобу рисолаҳои илмӣ паҳлуҳои гуногуни воқеаҳои солҳои 90-умро таҳқиқ намудаанд.

Аз ҷумла профессор А.Н. Маҳмадов дар китоби «Тоҷикистон дар масири истиқлолият» масъалаҳои умдатарини идеологияи раванди музокирот, вазъи нави геополитикӣ дар Осиёи Миёна ва Консепсияи амнияти миллиро ҳамчун ҳуҷҷати муттаҳидсози неруи миллат мавриди таҳлил қарор додааст. Ӯ қайд менамояд, ки «Дар

натиҷаи кӯшишҳои зиёди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва гуфтушунидҳои сиёсӣ бо Иттиҳоди мухолифини тоҷик Ҳукумати Тоҷикистон тавонист Созишномаи сулҳи асоснокро ба имзо расонад, ки он тағйироти сохтори кониститутсионӣ, ҳалли масъалаҳои низомӣ, ҳуқуқӣ ва проблемаҳои гурезагонро пешбинӣ намуда буд. Баробари ба фаъолият шуруъ намудани Комиссияи оштии миллӣ (КОМ), татбиқи созишномаҳои имзогардида ва ҳамкории мунтазами он бо Ҳукумати ҷумҳурӣ боиси қатъи амалиёти низомии доманадор ва ба эътидол омадани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ гардид.

Дар асари дастаҷамъии «Межтаджикский конфликт: путь к миру» («Муноқишаи байни тоҷикон: роҳ ба сӯйи сулҳ»), ки дар заминаи натиҷаҳои конфронси байналхалқӣ ба табъ расидааст, баромади муҳаққиқони тоҷик низ роҷеъ ба масоили алоҳидаи муноқишаи байни тоҷикон гирд оварда шудааст.

Монографияи дастаҷамъии «Таджикистан: испытание независимостью» («Тоҷикистон: озмоиши истиқлолият») - ро, ки дар он ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва ҳарбии таърихи муосири Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд, ҳамчун кӯшиши босамари таҳлили ҳамаҷонибаи муноқишаи байни тоҷикон унвон додан мумкин аст.

Дар таҳияи монография 11 нафар таҳлилгарони соҳаҳои гуногуни илм ширкат варзида, дар таҳқиқот пайдарҳамии мантиқии мавзуъ амиқ мушоҳида мегардад. Ҳар як қисмати китоб ба мавзуоти алоҳида, ба амсоли масоили худогоҳӣ ва худмуайянкунии миллӣ ва андозаҳои гуманитарии муноқиша бахшида шудааст. Ҳар як боби дохили фаслҳои монография яке аз ҷанбаҳои масоили тадқиқшавандаро рӯшан месозад.

Ҳамин тавр, раванди ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва марҳилаи хотимавии он - амалигардонии шартномаҳои ноилгардида дар ҷаҳони муосир намунаи беназири баҳамоии ҷонибҳои даргир маҳсуб меёбад, ки назирашро таҷрибаи ҷаҳонӣ ёд надорад. Аз ин лиҳоз, ин раванд ба объекти таҳқиқоти муаррихон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ табдил ёфтааст.

**Адабиёт:**


1. Рахмонов Э. Ш. Юбилей независимости и второй форум таджиков / Э. Ш. Рахмонов. - Душанбе, - 1993.
2. Нурӣ С.А. Оштинома / С.А. Нурӣ. - Душанбе, - 2001. - 360 с.
3. Абулҳаев Р. Давраҳои гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ - Душанбе, - 2016. - С. 47-110.
4. Самиев Х. Сабақҳои таърихӣ ва байналмилалии сулҳи тоҷикон / Х. Самиев, Ф. Мудатова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2017. - №3/6. - С.116-120.
5. Абдулов К. Роҳи беҳбуд / К. Абдулов. - Душанбе, - 1995. - 175 с.
6. Ҳимматзода М. Дар ҷустуҷӯи ҳақиқат / М.Ҳимматзода. - Душанбе, - 2001. - 60 с.

# ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ ТАФАККУР ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ ШАХСИЯТ

**Бобоева Т. Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Рӯзгори ҷорӣ ва айёми имрӯз, ки яке аз пояҳои аслӣ ва муҳками он ба рушди техника ва технология ва нуфузи ҷаҳонишавӣ пайванд мегирад, аз инсони имрӯз дар баробари ташаккули тафаккури техникӣ донишу маърифати ҷамъиятшиносӣ, дарку зарурати инсонгароиро тақозо мекунад, зеро инсони мутааллиқ ба ҷомеаи мутамаддин ҳаргиз берун аз равандҳои иҷтимоӣ ва бетараф ба рӯйдодҳои замон буда наметавонад. Аз ин нуқтаи назар, омӯзиши илмҳои ҷомеашиносӣ, ки ба истилоҳи дигар улуми инсонӣ ҳам номида мешаванд, омили муҳимми камолоти маънавии инсон дар ҷомеаи муосир ба шумор мераванд, зеро дар навбати аввал инсонияти афрод метавонад ба такомули маънавӣ ва маърифатии онҳо таъсиргузор бошад.

Ҳоло, ки ҷомеаи мо дар фарози талошҳо барои расидан ба ҳадафҳои ормонӣ қарор дорад, маориф дар таркиби он ҳамчун соҳаи афзалиятноки низоми ҷамъиятӣ ва оини давлатдорӣ эътироф гардидааст. Афзалияти инсон дар низоми иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, аз рӯйи соҳибмаърифат ва тафаккури ақлониро соҳиб будани ӯ муқаррар карда мешавад. Ин матлаб борҳо дар мулоқоту суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳукми нақши меҳварии маориф дар низоми идоракунии давлатӣ дар сиёсати куллии давлатӣ таъкид шудааст.

Мусаллам аст, ки самти аслии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ тарбияи ҷавонони соҳибмаърифат ва бохираду закӣ буда, саъю талошҳои якояки мо чун узви ҷудонопазири ин ҷомеа ба хотири тарбияи ҷавонони бофарҳанг, хушахлоқ, ватандӯст, ояндасоз ва фардонигар аст. Барои рақобатпазир будан ба талаботи ҷаҳони муосир зарурати тарбияи насли пешгом ва созандае пеш меояд, ки қудрати ватанро ҳимоя кардан, арзишҳои маънавии онро ҳифз ва ба фардоиён аз худ мерос гузоштанро дошта бошад.

Бино ба хулосаи коршиносон, агар асри XXI асри иттилоот бошад, асри минбаъда марҳилаи ошкорсозии имкониятҳои қудрати зеҳнии инсон хоҳад буд. Дар давлатҳои абарқудрати дунё таваҷҷуҳ ба масъалаи омӯзиши ҳолатҳои равонии инсон ҳамчун омили рушди шахсият ва хусусиятҳои раванди тафаккур, ки дар майнаи сари инсон сурат мегирад, хеле назаррас буда, таълими равоншиносӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот: томактабӣ, ибтидоӣ ва олӣ мукаммал ба роҳ монда шудааст.

Имрӯз дар ҷомеаи тоҷикон, махсусан, ниёз ба омӯзиши амиқи ин фан меафзояд, зеро сар задани бархӯрдҳои равонӣ ва ҷавоб ҷустан ба масоили «Чӣ гуна фарзанди хушзеҳнтар тарбия намоем?», «Чӣ гуна боварро ба неруи худ ба даст орем?», «Чӣ гуна комёб ва муваффақ бошем?» ва ғайра талаботро ба такмили донишҳои равонӣ, фарогирӣ ва маърифати хусусиятҳои раванди тафаккур ва имконоти майнаи сари инсон пеш меорад.

Чун ба таҳқиқ бингарем, дар таълимоти дини ислом ва адабиёти гаронмояи классикии мо, ки низ дар партави китоби муқаддаси Қуръон ва ҳадисҳои Пайғамбар (с) эҷод гаштаанд, масоили равонӣ ва муаммои бархӯрдҳои равонӣ комилан ҳалли худро ёфтааст. Вале таҳқиқи таълимоти ислом дар ҷомеаи кунунии мо на бар мабнову мазмун, балки бар шаклу сурат ба назар мерасад. Фарогирии ин таълимот аксаран танҳо дар

сатҳи дониш (яъне, иттилоот) буда, бар сатҳи фаҳмиш ва баъдан, татбиқ нарасидааст. Зеро барои маърифати ислом фақат забондонӣ кофӣ нест, шахси омӯзанда бояд ҳам аз улуми дақиқ ва ҳам ҷомеашиносӣ комилан бархурдор бошад. Танҳо бо ин роҳ таълимоту нишондодҳои дини мубини ислом метавонад ба табиат, на ба сурат, мубаддал гардад.

Дар ҷомеаи имрӯзини мо, ки ниёз ба тарбияи насли пешрав ва мутахассисони варзидаву баркамол афзудааст, омӯзиши равоншиносӣ ва огоҳӣ ёфтан аз қонуниятҳои равонӣ роҳи расидан ба ғояҳои олии умумибашариро дар самти худшиносӣ ва тарбияи инсони муваффақ наздик менамояд.

Илми равоншиносии муосир собит менамояд, ки ҳаёт инъикоси айнии тахтушшуур аст. Равоншиноси амрикоӣ Уилям Ҷеймс гуфтаст: "Бо тағйир додани ҷанбаҳои дарунии афкор мо метавонем ҷанбаҳои берунии ҳаётро дигаргун созем". Пас, вобаста ба сифати афкор ҳама кас муаллифи қисмати хеш аст: шодӣ ё ғам, тавфиқ ё ноомадӣ, пешравӣ ё номуродиро ба ҳаёти худ ҷалб мекунад.

Ин ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт: вазъи саломатӣ, кор, оила, вазъи иҷтимоӣ ва ғ. дахл дорад. Ҳаёти беруна инъикоси айнии фикри худи инсон аст. Маҳз ба шарофати ҳамдастӣ дар эҷоди қисмати хеш инсон қудрат дорад дилхоҳ ҷабҳаҳои ҳаётро дигаргун созад. Мутафаккирони бузург иддао доранд, ки ҳеҷ кас ба ҷуз худи шахс наметавонад муаммои ҳаётии хешро ҳал намояд. Яъне, неруи созанда дар даруни худи мост. Саломатӣ, хушбахтӣ, тавфиқ ва оромиши равонӣ барои ҳама дастрас аст, танҳо бояд садду завлонаи афкори манфиро шикаст.

Дастёбӣ ба ҳадаф ва зина-зина тавфиқ ёфтан дар самти бархурдорӣ аз муоширати самаранок яке аз мавзуъҳои муҳимми баҳси илми равоншиносӣ маҳсуб мегардад.

Ҳар як инсон бо ҳузури хеш маҷмуи маълумот ва иттилоотро доир ба ҷаҳони ботинии худ таҷассум менамояд. Ин маълумот тариқи ҳаракати дастҳо, имову ишора, тарзи нигоҳ, қиёфасозӣ, тазоҳур, оҳанги гуфтор ва калимот рӯшан мегардад. Ҳамаи ин бо ҷаҳони ботинӣ, маҷмуи тасаввурот, ҷаҳонбинӣ, донишу маърифат ва ақоиди ӯ алоқаманд аст.

Барои омӯзиши раванди муоширати маҳсулнок ба мазмуни сухан ё маҷмуи калимоти зоҳиркунандаи ҳамсуҳбати хеш камтар бояд аҳамият дод. Онҳо роҷеъ ба дунёи ботинии ӯ иттилои начандон зиёд медиҳанд. Маълумоти бештарро доир ба мусоҳиб ҳаракати дасту чашмҳо, қиёфаву оҳанги гуфтор ва тазоҳур зоҳир мекунад. Ҳанӯз инсон сухан ногуфта ҳаракати чашмҳо ҳақиқати ӯро ошкор месозанд ва доир ба дунёи ботинии ӯ иттилоърасонӣ мекунад.

Борҳо шудааст, ки дар зиндагӣ бо нафаре дучор омадаем, ки худ аз худ нисбат ба ӯ дар мо эҳсоси манфӣ сар задааст. Ҳайрон мешавем, ки сабаби сар задани чунин эҳсос дар чист? Ба мазмуни сухан ва калимоти баённамудаи ҳамсуҳбат диққат медиҳем, вале ягон нуқсон дарнамеёбем. Пас чист, ки моро ба эҳсоси манфии нобовариву шубҳа водор намуд? Албатта, он забони ҷисм аст, ки ҳақиқати ботин ва андешаву афкори шахсро бо ёрии ҳаракати дастҳо, тарҳи чеҳраву қиёфа, мавқеи қарордошта ва ғайраҳо ошкор месозад. Маҳз дар он ҳолат, ки айният ва таносуб миёни сухан ва дигар воситаҳои муошират гум мешавад, тухми шубҳа кошта мешавад.

Чун нафаре бо шумо дучор омада, изҳори хушҳолӣ аз ин бархӯрд менамояд, аммо нигоҳаш ба самти дигар аст ва ба сухани шумо беаҳамиятӣ зоҳир мекунад. Албатта, муносибати ӯро нисбат ба худ на аз рӯйи мазмуни суханаш, балки аз рӯйи рафтораш

баҳо медиҳед. Инчунин намедонем аз чӣ бошад, ки табассум, агар дар он чашмҳо ширкат наварзанд, ба мо ғайрисамимӣ метобад.

Барои дидани кори ин системаи сигналҳо (низоми ишорот) шарт нест, ки бо нафаре танҳо ба танҳо муоширату мулоқот намоем, балки он ҳангоми бо аудитория (гурӯҳи одамон) кор кардан ҳам ошкор мегардад. Муаллимон ҳангоми баромад дар баробари синфхона бо як назар ба тарзи нишасти шунавандагон баосонӣ муайян карда метавонанд, ки дараҷаи шавқмандии онҳо то кадом ҳад аст. Сарҳои поёнафканда ва дастҳои сахт қулфакзада аз дилтангӣ ва нороҳатии шунаванда дарак медиҳад. Агар курсиҳоро бозӣ дошта нишаста бошанд, хоҳиши бузурги ҳар чи зудтар тарк намудани ин маконро доранд.

Ҳамин тариқ, чун забони ишораро мо бо малакаи зотӣ эҳсос менамоем, пас доир ба он маълумоти мукаммал доштан аз манфиат холӣ нест. Масалан, донистани он ки ҳамсуҳбатамон нисбат ба мо чӣ назар дорад ё ки зери калимоти баённамудаи ӯ чӣ ҳақиқате ниҳон аст ва ғайраҳо.

Коршиносон дар он ақидаанд, ки қобилияти хонда тавонистани андешаи дигарон барои ҳамагон хос аст. Ба тариқи дигар, аломатҳои зоҳир, ба монанди тарҳи қиёфа ё самти нигоҳ ба мо ҷиҳати дарки ҳиссиёти дигарон, нияту мақсади онҳо кумак менамоянд.

Табиист, ки миёни халқҳои гуногун, ки дар гӯшаву канори дунё умр ба сар мебаранд ва бо забонҳои мухталиф гуфтугӯ мекунанд, мазмуни баъзе ишораҳои қиёфа мувофиқат мекунад. Масалан, табассум ва ханда барои ҳамаи инсонҳо, ҳатто нобиноёни модарзод ба ҳангоми хурсандиву хушҳолӣ хос аст. Мардуми ғамгин ё андуҳзада абру гиреҳ мекунанд ва бештарини касоне, ки ба нофаҳмие дучор мешаванд, китф дар ҳам мекашанд.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки ҳамон як ишора метавонад дар кишварҳои гуногун ифодаи мухталиф дошта бошад. Масалан, мардумони кишварҳои гуногуни дунё ҳангоми дучор шудан бо дӯсте, ки солҳо вонахӯрдаанд, абру баланд мекунанд, ки ифодаи шодии ногаҳониро дорад.

Дар тамоми гӯшаву канори ҷаҳон ҷунбонидани сар ифодаи “ҳа” ё “не” дорад, ҳатто нобиноёну ношунавоён низ аз даврони кӯдакӣ аз ин намуди ишора ба кор мебаранд. Ҷунбонидани сар аз самте ба самти дигар чун аломати рад ҳанӯз дар марҳилаҳои аввали умри инсон рӯшан ба назар мерасад. Масалан, атфол ҳангоми шикамсер шудан аз ин намуди ишора осон ба кор мебаранд. Ё дар кӯдакони навроҳ ин тарзи ишора боз ҳам ифодаи барҷаста дорад.

Аммо ҷомеаҳое низ ҳастанд, ки дар онҳо мазмуни бештари ишораҳои маъмул тафовут доранд. Аз рӯйи таҳлили равоншиносон инсон тавассути сухан танҳо 7-10% ба шунаванда метавонад таъсир гузорад ё ҳақиқатеро доир ба худ ошкор созад, боқӣ 40% маълумот аз оҳанги гуфтор ва 50% аз ҳаракати дастҳо ва қиёфасозӣ (жест ва мимика) ба даст меояд.

Воқеан ҳам, инсон тариқи сухан метавонад ҳақиқатеро ҷонибдорӣ кунад, далелеро собит созад ё инкор намояд. Вале назар ба мазмуни сухан ҳаракати дастҳо, самти нигоҳ, тарҳи қиёфа ва тазоҳурот маълумоти бештар ва саҳеҳро ба ҳамсуҳбат пешниҳод мекунад.

Бино ба ақидаи мутахассисони соҳа, чашм ҷузъе аз майнаи сари инсон аст, ки дар қисмати берунии ҷисм ҷойгир аст. Пас, ҳар тағйирот ва дигаргуние, ки дар майнаи сари

инсон сурат мегирад, дар чашми ӯ инъикоси айнӣ дорад. Омӯзиши мазмуни ҳаракати чашм, ки шаш самтро фарогир аст, барои зуҳури мақсаду маром, майлу рағбат ва тағйироти дарунии шахс имкон медиҳад.

Кӯчиши нигоҳ ба боло ва ҳаракати он ба кунҷи чап нишони фурӯ рафтани шахс ба олами андеша ва ҷустуҷӯйи нақшҳо аз хотир ва таҷрибаҳои пешин аст. Маълумоте, ки баён мегардад, аз дидаву шунидаҳо ва саргузашти шахс аст.

Ҳолати баръакс, яъне, кӯчиши нигоҳ ба боло ва ҳаракати он ба кунҷи рост аз фурӯравии шахс ба олами тасаввурот ва сохтани шаклҳо ва мазмунҳо дар олами тахайюл дарак медиҳад. Маълумоти баёншаванда аз ҷаҳони тасаввурот ва хаёлоти гӯянда буда, шакли шайъии он дар олами воқеӣ вуҷуд надорад ё шарҳи ҳолат ва вазъиятест, ки шахс аз сар нагузаронидааст.

Ҳаракати нигоҳ дар ҳолати кӯчиши уфуқии он ба кунҷи чап бахотирории овози ошно ва шинохтаро дарак медиҳад. Самти нигоҳ дар ҳолати кӯчиши уфуқии он ба кунҷи рост тасаввурнамоӣ ва бунёди садоест, ки шунида нашудааст ё намунаи он дар олами воқеӣ ҷой надоштааст.

Кӯчиши нигоҳ ба кунҷи чапи қисми поёни чашм бозгӯйи ҳолатест, ки шахс андармони гуфтугӯйи дарунӣ бо худ аст. Ҳаракати нигоҳ ба кунҷи рости қисми поёнии чашм ошкоркунандаи гирифтории инсон ба эҳсосот ва ҳиссиёти ҷисмонӣ аст.

Бояд қайд намуд, ки дар шахсони ба истилоҳ чапдаст ҳолатҳои мазкур сурати баръакс дорад. Беҳуда нест, ки чашмро оинаи қалб номидаанд. Дар адабиёти бадеӣ низ аз ин узви инсон ба ҳайси баёнгари ошкору ниҳон фаровон ба кор мебаранд.

Барои далели муътамад ба ин назар ба аҳодиси набавӣ мурофиат мекунем ва дармеёбем, ки воқеан ҳам, ҳолатҳои равонии шахс, аз ҷумла шодиву нишот, ғуссаву навмедӣ, хушиву нороҳатӣ дар чашм зоҳир мегардад: “Хушкии чашм асари сахтии қалб аст”, “Дидори дӯст ҷилои чашм аст”, “Бинотарин чашм он аст, ки дар роҳи хайр боз шавад” ва ғ.

Аз ин ҷо метавон ба хулосае расид, ки омӯзиши равоншиносӣ барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва тарбияи мутахассиси кордон ва батавфиқрасида саҳми бузург дорад. Бо истифода аз донишҳои равонӣ метавон ба маърифати ҷаҳони ботинии ашхос, масалан, ҳамкасбон, кормандон, зердастон бирасид ё дар интихоб хато накард ва ё барои бедор шудани майлу рағбат ва шавқу ҳаваси онон ҳиссагузор буд. Аз ин рӯ, ҳадафи аслии нигориши мақола маҳз неру бахшидан ба пажӯҳишҳои тоза дар ҷодаи омӯзиши масоили марбут ба равоншиносӣ ва дарёфти усулҳои ҷадид ва самараноки таълими равоншиносии касбӣ дар низоми омодакунии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ маҳсуб мегардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзудани ниёзҳои ҷомеи имрӯз ба тарбияи кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон зарурати ташаккули равонии мутахассисон низ афзун мешавад, зеро ҳар як мутахассиси соҳа ва инсони соҳибкасб бояд ҷанбаҳои равоншиносии пешаи худро дурусту дақиқ муқаррар ва аз он бархурдор бошад. Чунки ӯ ҳамчун мутахассис дар низоми иҷтимоии ҷомеа, яъне коргоҳу муассиса ва дар ҳоли муоширату муносибат бо одамоне, ки ӯро иҳота кардаанд, фаъолият мебарад.

Дар раванди чунин муносибатҳо ӯ ба дараҷаҳои мухталифи инсонҳои дорои тафаккур ва ҳолати равонии гуногун бархӯрд мекунад ва ҳамин амри муҳимми фаъолият маърифати дурусти аркони аслии равоншиносии иҷтимоиро тақозо мекунад.

Танҳо дар ҳамин ҳолати огоҳӣ ва фарогирии унсурҳои равоншиносии иҷтимоӣ кадрҳои низоми муҳандисӣ-техникӣ дар баробари дигар касбу пешаҳо метавонанд муваффақ шаванд. Умедворам, ки фарогирии донишҳои равоншиносии муосир, такмили дараҷаҳои муайяни шинохти равонии инсонӣ, муносибат ва муошират, ташаккули тафаккури миллӣ дар самти таъсиррасонӣ ба худогоҳии маънавӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон роҳи тозаеро фатҳ хоҳад намуд.

**Адабиёт:**

1. Бороздина Г.В. Психология делового общения: Учебное пособие. - М.: ИНФРА, - 1998. - 480 с.
2. Давлатов С. Я и деньги. - Бишкек: Из-Басма, - 2016. - 230 с.
3. Добротворский И. Л. Технологии успеха: всё, что вам нужно знать о достижении успеха. - М., - 1996.
4. Морозов А.В. Деловая психология. Курс лекций. Учебник для высших и средних специальных учебных заведений. - СПб.: Издательство Союз, - 2000.

## МАРҲИЛАҲОИ ТАЪРИХИИ МӮД БО УСЛУБИ “ЭТНО” ДАР МӮДИ ҲОЗИРАЗАМОН

**Валиев Э.Н., Валиева М.Ҷ., Халимова М.Ҷ.**
**Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон**

Костюм як ҷузъи фарҳанги ҷаҳонӣ буда, дар айни замон як ҷузъи муҳимми хоси шахсият мебошад. Рӯйдодҳои таърихию иҷтимоӣ дар кишварҳои гуногун ба рушди мӯди муосири ҷаҳонӣ, равандҳои гуногуни ҷомеа; ҳаёт, кор ва фаъолияти шахсони алоҳида; комёбиҳои илмӣ мусоидат мекунанд. Пайдоиши саноати мӯд аз марҳалаи рушди мӯд ҳамчун як соҳаи санъати ороишӣ-амалӣ ва механизмҳои рушдии он аз нуқтаи назари таҳлилӣ таъсири либоси муосир, дақиқтараш, симои бадеии либоси асри бистум мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, шакл ва масолеҳи он.

Истифодаи унсурҳои либоси миллӣ ва суннатӣ дар либоси замонавӣ услуби этно, мӯдро ташаккул додааст. Яъне, дар ин самт ороиши либоси замонавӣ дар асоси либоси миллӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин ҳолат, ансамбли либос метавонад пурра ё қисман ороиш дода шавад. Баъзан моделҳо метавонанд унсурҳои воқеии либоси анъанавиро дар бар гиранд. Мӯд як падидаи иҷтимоӣ-фарҳангии тамаддуни мутараққӣ ва дар ҳоли рушд аст.

Дар давраи ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ тақсим шудани ҷамъият зарурати нишон додани мақоми одамон, муайян кардани он ба миён меояд, ки онҳо ба ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ мансубанд. Ин талаботро на танҳо унсурҳои маданияти маънавӣ, ки анъанаҳо, нормаҳо, идеалҳоро дар бар мегирад, балки бо симои инсон, намуди зоҳирии он, яъне унсурҳои маданияти моддӣ низ муайян мекунанд. Маҳз табиати иҷтимоии «обрӯ» ва «мақом» боиси тавлиди мӯд гардид [1; 6].

Ҳафтаҳои мӯд баргузор мегардад, дар натиҷа кишварҳои соҳили Уқёнуси Ором бартарӣ пайдо мекунанд. Австралия ҳоло истиқлолияти кофӣ ба даст овардааст, то ҷашнвораҳои мӯдро баргузор кунад, ки аз ҷониби саноати пашми маҳаллӣ дастгирӣ карда мешавад. Майдонҳои марказҳои мӯд ҳоло ҳам бояд аз ҳисоби Африқо, Амрикои Ҷанубӣ ва Аврупои Шарқӣ васеъ шаванд. Барои Париж ҳамчун маркази мӯди ҷаҳонӣ рӯзҳои кам мондааст [3; 50].

Албатта, дар ин ҷойҳо иқтидорҳои саноати истеҳсолӣ ва мӯд гирд оварда шудаанд ва аз ин ҷо ба вуҷуд овардани мӯди нав ба вуҷуд меояд, ки дар ҳама ҷо паҳн мешавад. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки нақшҳои ин марказҳои мӯд, ки дар он унсурҳои фарҳангии кишварҳояшон бартарӣ доранд, дар мӯде, ки дар саросари ҷомеа паҳн шудааст, инъикос ёфтааст.



**Расми 1. Либосҳои муосири мӯд (муаллифи намунаҳои моделҳо Валиева М.Ҷ. ва Халимова М.Ҷ.)**

Ин чунин маъно дорад, ки дар мӯд қонунгузорон ба эҷоди либос аз рӯйи сатҳи рушди тарҳи худ, меъёрҳои эстетикӣ ва маънавии мардуми худ муносибат мекунанд. Яъне «мӯд нигаҳдории дастовардҳои миллии миллати (халқи) ин кишварро таъмин мекунад» [4; 18].

Дар ҳамин ҳол, ҷустуҷӯйи сарчашмаҳо, ғояҳо ва роҳҳои ҳалли нави эҷодӣ фарҳанги аврупоӣ ва бахусус ҷаҳони мӯдро водор мекунад, ки ба мероси тамаддуну фарҳангҳои дигар рӯ оваранд. Имрӯз вазъияте ба вуҷуд омадааст, ки дар ҷаҳон метавонад фарҳангҳои гуногун дошта бошад, ки марзҳои гузашта, имрӯз ва ояндаро муайян мекунанд. Муосирро маданияти эҷодии Европа муайян мекунад.

Дар баробари ин маданияти дигар - маданияти анъанавии замони гузашта низ вуҷуд дорад, ки хоси ҳар як кишвари сокини минтақаи алоҳидаи ҷаҳон (юнонӣ, Ethnos - қабила, халқ) мебошад. Хусусияти фарққунандаи чунин фарҳанг ҳамоҳангии экологӣ мебошад, яъне барои дарки таъсири он мо ба маълумоти зерин муроҷиат мекунем, то хусусиятҳои хоси ин муносибатро ба назар гирем.

Соли 1492 аввалин экспедитсияи Христофор Колумб ба забти Испания дар сарзаминҳои Амрикои Ҷанубӣ ва Марказӣ ва таъсиси як империяи азими мустамликавӣ оғоз кард. Сарватҳои аз мустамликаҳо овардашуда - тилло, нукра, сангҳои қиматбаҳо ва хушаҳо барои боз ҳам мустаҳкам намудани иқтидори Испания хизмат мекарданд [6; 133].

Дар асри XVI қудрати Испания дар он буд, ки вай дар мӯд низ ба "қонунгузор" табдил ёфт. Ҳарчанд аксари либосҳои испании ин давра ранги сиёҳ буданд (ба сабаби худотарсии шадиди бузургони испанӣ ва таъсири калисои католикӣ), дар либосҳои маросимӣ, аз ҷумла дар тамоми Аврупо, зарбофтҳои тиллову нуқра ва махмали тиллоӣ истифода мешуданд. Дарвоқеъ, ин гуна матоъҳо на танҳо аз Италия, балки аз худи Испания низ оварда мешуданд, ки дар он ҷо истеҳсол ва ҳатто содирот карда мешуданд. Гузоришҳо вуҷуд доранд, ки дар асри XVI испаниҳо дар замони ҳукмронии Испания дар Мавритания дар шаҳрҳои Толедо, Гранада ва Севиля ҳунари бофандагии абрешим, зарбофӣ ва махмалро аз ҳунармандони араб омӯхтаанд [6; 138].

Намунаҳои нақшҳои арабӣ (мавританӣ) низ қадр карда мешаванд. Маркази дигари мӯди ин давра Венетсия буд, ки дар он тоҷирони осиёӣ рӯймолҳои зебои шарқӣ ва матоъҳои гуногуни абрешимӣ доштанд. Масалан, дар асрҳои миёна маъмултарин матои он замон "шанҷон" (аз фаронсавӣ, сhangeant - тобнок, тағйирёбанда) аз Чин оварда ба фурӯш мерафт.

Матои "шанҷонӣ" як матои дурахшанда буд, ки сохтори он ҳангоми гирифтани он дурахшид ва бо усулҳои чинӣ (дар ин ҷо ба маънои нақшҳо) ба таври қобили мулоҳиза шинохта мешуд.

Ин аломати тадриҷан бо ҳам наздик шудани Шарқу Ғарб буд. Маҳз дар ҳамин давра ширкати Ҳолланд Ост Ҳинд ба савдои кимоноҳои ҷопонӣ шуруъ кард ва суннати пӯшидани кимоно ҳамчун ҷомаи хонагӣ дар миёни мардони аврупоӣ маъмул шуд [8; 16]. Аз сабаби маҳдуд будани содироти кимоноҳои аслӣ, Аврупо ба дӯхтани куртаҳои услуби шарқӣ аз матои Indienne (чити Ҳиндустон) шуруъ кард.

Умуман, шарқшиносӣ дар самти Ҷопон як равияи хосе хоҳад буд, ки дар байни аврупоиҳо маъмултарин аст. Пас аз чанде фарҳанги Шарқи Наздик, бахусус фарҳанги туркӣ дар Аврупо анъана шуд. Ҳиндустон, ки мустамликаи ин давра буд, ба базаи калони ашёи хоми саноати бофандагии Англия (асосан аз ҳисоби наххои пахтагӣ ва пашмини рӯёндашуда ва матоъҳои чит истеҳсолшаванда) табдил ёфт.

Дар ин давра ҳам матоъҳои пахтагини гулдори сафедшуда ва чӣ чопшуда хеле маъмул буданд. Ҳарчанд усули чопи гулҳо анъанавӣ буд, аммо гули матоъҳо бештар тақлид ба нақшҳои ғарбӣ буд. Сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки дар охири асри XVIII рӯймолҳои аз Кашмири Ҳинд овардашуда ҷаҳони мудро тасхир намуда, «таъсири маҳсулоти ҳунармандии ҳиндӣ ба саноати мӯди Аврупо меафзуд» [7; 176].



**Расми 2. Либосҳо бо услуби "этно" (муаллифи намунаҳои моделҳо Валиева М.Ҷ. ва Халимова М.Ҷ.)**

Дар олами мӯди солҳои 1770-1780 либосҳо, саллаҳо ва ороишҳои шарқӣ бо услуби «а-ля-турк» (франсавӣ «a la turke» - туркӣ) ворид шудан гирифтанд (расми 2).

Дар асри XVIII ширкати Британияи Кабири Ост-Индия сарвати калони Англияро ба қитъаи Аврупо овард. Дар мӯди асри XIX аз кишварҳои Аврупои Шарқӣ (натиҷаи юриши (походҳои) Наполеони I (1804-1814) абрешими гулдӯзии испанӣ ва матоъҳои нафис, шимҳои туркӣ, саллаҳои бо парҳои рангоранг ороёфта оварда мешуданд. Дар солҳои 60-70-уми асри XX пайдоиши як самти этносро дар ороиши мӯд ва либос дидан мумкин аст [7; 176].

То солҳои 1970-ум якчанд вариантҳои самти этносинтезӣ ташаккул ёфт, ки то имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардааст [9; 72].

Ҳунармандӣ рамзи тарки арзишҳои буржуазӣ буда, наққошии этникӣ ва технологияи истеҳсолӣ ҷузъи бозгашт ба табиат буд [9; 76].

Тавре ки умуман ба мӯди муосир хос аст, ашёи нодир зуд ба тарзи баланд, бо мошинҳои бофандагӣ ва гулдӯзӣ аз ҷониби саноати «pret-aporter» истифода мешуданд, ки оммавӣ кардани моделҳоро қулай мегардонд; дар мағозаҳои дохилӣ лавозимоти бузург дар сабки этникӣ барои хона пайдо шуданд.

Нозукиҳои меҳнати гулдӯзии дастӣ, тӯрҳои бофташуда ба ашёи боҳашамат табдил доданд ва албатта, ин дарҳол бо услуби баланд инъикос ёфт. Аз худи ҳамон давра - алоқа дар даврае, ки мустамликадорӣ тезутунд авҷ гирифт; ин давра ба асри XIX рост омад, ки дар он бо вуҷуди он ки як ҷониб бартарии худро аз тарафи дигар нигоҳ дошта бошад, ба ивази кӯшишҳои дарки фарҳанги маҳаллӣ азхудкунии баъзе унсурҳои он сар шуд. Пайдо шудани муколамаи фарҳангҳои расмӣ дар асри XX аз мубориза барои баробар кардани ҳуқуқҳои нажодҳои гуногун ва натиҷаҳои онҳо; омезиши паҳлуҳои гуногуни фарҳанг аз ҳисоби муҳоҷирати ҷаҳонии имрӯза [10; 374].

Аз марҳалаҳои таърихии ташаккули равияи этно дар мӯди муосир маълум мешавад, ки дар давраи ҳозира бо ҳам омехта шудани маданиятҳо ба амал меояд. Ин метавонад аз як тараф ба ғанисозии мутақобилаи фарҳангҳо ва аз сӯйи дигар боиси аз байн рафтани фарҳангҳои суннатӣ гардад. Хусусияти фарқкунандаи мӯди маҳаллӣ нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ мебошад, ба ибораи Кокорева Л.В.: «Агар як кишвар либоси мудеро, ки дар дигар кишварҳо сохта шудааст, харидорӣ кунад ё идеяҳои фарҳанги кишвари дигарро, ки барои истеъмолкунандагонаш ҷолибанд, қабул кунад, аз қабили услуб ва шакли либос, намуна ва матоъ, намуди истеҳсол ва ғайра, хусусиятҳое, ки ин беихтиёр боиси коҳиши омили миллӣ дар раванди рушд ва эҳёи фарҳанги ин кишвар мегардад». Барои фаҳмидани падидаи мӯд, марҳилаҳои пайдоиш, ташаккул ва инкишофи мӯдро равшан кардан лозим аст [4; 2].

Бо ин мақсад асарҳои илмии тадқиқотчиёни мӯд ҳамчун манбаи тадқиқот хизмат мекунанд. Омӯзиши сабабҳо ва марҳалаҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди равияи этно дар мӯди муосир ҳам барои пажӯҳишгарони мӯд ва ҳам барои тарроҳони эҷодкор барои фаъолияти илмию эҷодии онҳо муҳим аст.

Зеро тағйири мӯд пеш аз ҳама ба рушди ҷомеа марбут аст. Равандҳои иҷтимоие, ки бо ҷамъияти одамон ба амал меоянд, дар мӯд таҷассум меёбанд. Барои фаҳмидани робитаи сабабу оқибати байни мӯд ва ҷомеа, донистани системасозии илмии ин механизмҳои онҳо зарур аст. Таваҷҷуҳ ба фарҳангҳои миллӣ дар миқёси ҷаҳонӣ дар миёнаҳои асри XIX бо ташаккули этнография ҳамчун илм ба вуҷуд омад. Тибқи баъзе

пажӯҳишҳо, «Имрӯз рушди мӯди муосирро бештар кишварҳои аврупоӣ, бахусус Фаронса муайян мекунанд.

Сабаб дар он аст, ки аксари марказҳои пешрафтаи фарҳангии мӯд дар Аврупо ҷойгиранд. Дар асри XX ба қатори марказҳои мӯд шаҳрҳои Париж, Лондон, Милан, Дюсселдорф ва Мадрид дохил мешуданд, аммо имрӯз марказҳои мӯд дар шаҳрҳои берун аз Аврупо ҷойгиранд [2; 49].

Ба ин шаҳрҳо шаҳрҳои Ню-Йорк, Токио, Тайван ва Ҳонконг дохил мешаванд. Ба гуфтаҳои дизайнери маъруф Сю Ҷонс, имрӯз ҷуғрофияи марказҳои мӯд васеъ шудааст: “Ҳоло марказҳои саноатӣ, аз қабили Ҳонконг ва Тайван низ ба тарроҳӣ машғуланд ва мӯди онҳо бо табиат, ки шакли ибтидоии ҳаёти инсон аст, зич алоқаманд аст, ҳусусияти он, пеш аз ҳама, ба омилҳои ҷуғрофӣ, чойгиршавӣ, манзара ва иқлим вобаста аст.

Масалан, дар фарҳанги кишварҳои Осиё, гарчанде онҳо аз ҷиҳати ҳудудӣ ба ҳам наздиканд, хусусиятҳои куллан дигар доранд. Ҳатто дар як минтақа ва як гурӯҳи этникӣ фарқҳои гуногуни фарҳангӣ метавонанд ҷой дошта бошанд. Ба ин маданияти халқҳои Осиёи Миёна мисол шуда метавонад.

Фарҳанги эҷодӣ (инчунин ҳамчун фарҳанги универсалӣ маълум аст) равандҳои ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ, сатҳи муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонии инсониро тавассути рушди коммуникатсия ва рушди технологияҳои баланд инъикос мекунад. Фарҳанги суннатӣ таҷрибаи ниёгон, ки дар гузашта зиндагӣ кардаанд, ҳифзи мероси фарҳангӣ, истифода бурдани ин таҷриба дар марҳалаҳои нав барои тараққиёт аҳамияти калон дорад. Таъсири мутақобилаи фарҳангҳои анъанавӣ ва умумибашарӣ доимӣ буд. Мулоқоти байнифарҳангӣ фарҳангҳои дигарро низ инкишоф медиҳад. Фарҳанг ҳам воситаи муошират ва ҳам муколама мебошад.

Гуфтугӯйи байни фарҳангҳо на танҳо барои ғанӣ шудани ҳамдигар, балки барои дарки хосияти ҳар як фарҳанг зарур аст. Аз ин рӯ, ҳар ду фарҳанг ҳар қадар тафовут дошта бошад, ҳамон қадар эҳтимолияти муошират бо ҳамдигар зиёд мешавад. Далели равшани муколамаи барқароршудаи ду фарҳанг дар осори таърихие, ки дар бораи либос навишта шудаанд, инъикос ёфтааст [5; 24-35].

Намунаи либоси навъи матои бофташуда ба хотир меовард, ки фарҳангҳои анъанавӣ ва умумибашариро ба ҳам мепайвандад. Дар миёнаи асри XVII аввалин матоъҳои чопии гулдор, ки аз колонияҳои ҳиндии Англия оварда шудаанд, пайдо шуданд ва онҳоро «шинтҳо» меномиданд. Шинтҳо "сатини тобнок ё мумдор" мебошанд. Услубҳои нави миллатҳои маҳаллӣ дар Аврупо ҳамчун як чизи экзотикӣ, нофаҳмо ва бегона қабул мешуданд ва он ҳамчун аввалин воситаи эътирофи мавҷудияти фарҳангҳои кишварҳои дигар дар муошират байнифарҳангӣ хидмат мекард [7; 176].

Дар асри XVIII, дар давраи охири барокко фарҳангҳои фаронсавӣ ва баъд аз он Англия ба санъати Шарқи Дур беш аз пеш таваҷҷуҳ пайдо кард ва “бебаҳо” будани ашёи хоми аз ин кишварҳо воридшаванда ва риштаҳои аслии нуқраю тиллоии матоъҳои абрешимӣ ба мӯд таъсир расонд. Услуби «шинуазри» (аз фаронсавӣ, chinoiserie - ашёи хурди чинӣ) ва матоъҳои шарқшиносии барокко (лотинӣ «orientalis» - шарқӣ), ки дар ин давра маъмул гаштанд, «барг, гулҳои экзотикӣ, бошукӯҳ ва аҷиби сабки чинӣ буданд ва меваҳо» дар матоъҳо ва дар асимметрияи ҳайратангези худ зоҳир шуданро оғоз мекунанд [7; 151].

Дар албом-каталог, ки аз ҷониби муҳаққиқони Осорхонаи Санъати Метрополитен дар Ню- Йорк тартиб дода шудаанд, гуфта мешавад: "Дар баъзе мавридҳо чизҳои дар Чин тавлидшуда аз ҷониби Ғарб тағйир дода шудаанд, на аслӣ", - гуфт ӯ. Дар Аврупо на танҳо матоъҳои нассоҷӣ, балки техникаи бофандагӣ ва ороиши матоъ, нусхабардорӣ аз он ва бо тағйир додани он ба натиҷаҳои истисноӣ ноил гаштанро низ аз худ кардааст.

Аммо ба ҳар ҳол, азхудкунии либосҳои миллӣ ва унсурҳои онҳо аз кишварҳои Амрикои Ҷанубӣ (таъсири ҳукмронии малика Евгения, ки испанӣ буд), империяи усмонӣ дар Туркия (ба сабаби ҷанги Қрими солҳои 1853-1856) ) меафзояд.

Пас аз юришҳо ба Африқои Шимолӣ, хонумҳои сафедпӯст бо услуби "a la Egyptienne" (ба маънои мисрӣ) либос мепӯшиданд, дар ҳоле ки ишғолгарони Алҷазоир саллаҳои мӯд ва спенсерҳои "a la Algerienne" - куртаи остиндароз мепӯшиданд).

Либосҳо ва саллаҳои туркӣ, ки он замон дар мӯд буданд, ҳамчун либосҳои экзотикии карнавал ё либоси хонагӣ низ мӯд буданд. Дар либоси туркӣ маъмултарин шакли “ла мамелук” низ васеъ истифода мешуд. Бояд гуфт, ки таъсири фарҳанги анъанавӣ ё этникӣ ба саноати мӯд дар робита бо равандҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки дар натиҷаи савдо, ҷангҳо ё сафарҳо аз асри XIX ба вуҷуд омадаанд, устувор гардид. Ин маданияти Аврупоро доимо бойтар ва ғанитар мегардонид. Бо пайдоиши илми ҷомеашиносӣ ва этнография ва пайдоиши мӯди муосир дар нимаи дуюми асри XIX таъсири мутақобилаи бошууронаи фарҳангҳои Аврупо ва дигар кишварҳо, яъне марҳалаи дуюми муколамаи фарҳангӣ - марҳилаи омӯзиш ва фаҳмиш оғоз ёфт.

Солҳои охир дар мӯди ҷаҳонӣ тамоюлҳои зерини этникӣ – услубҳои африқоӣ, ҳиндӣ, скандинавӣ, чинӣ ва анъанаҳои кишварҳои мусулмонӣ ба вуҷуд омадаанд. Бебозгашт ва нотакрор будани услубҳо ба фарҳанг ва ҷомеа иртибот дорад. Дар айни замон ягон тамоюл дар самти мӯд вуҷуд надорад, ки намоёнтар ва якхела бошад.

Дар олами мӯди муосир эклектизм, ки аз омехтаи якчанд услуб иборат аст ва маҳорати инфиродии муаллиф аст, бартарӣ дорад. А.Б. Ҳофман қайд кард, ки манотиқи ҳаммарз бо кишварҳои пешрафта дар таъмин ва истифода аз намунаҳои фарҳангӣ ва мӯд шудани онҳо дар саросари ҷаҳон нақши фаъол доранд. Ба андешаи муаллиф, дар натиҷаи такмили минбаъдаи воситаҳои иртибот хусусиятҳои фарҳанги суннатӣ ба зудӣ маъмул шуда, аз марзи он берун баромада, моликияти тамоми ҷаҳон мегардад. Зарурати муоширати фарҳангӣ ва табодули дастовардҳои фарҳангӣ ва таҷрибае, ки мардуми мухталифи ҷаҳон ба даст овардаанд, идома ва афзоиш хоҳад ёфт. Муоширот дар ҳаёти мадании инсоният марҳалаю шаклҳои муайян дорад.

Гуфтугӯйи фарҳангии байни Аврупо ва тамоми ҷаҳонро аз рӯйи тартиби хронологӣ ба таври васеъ тавсиф кардан мумкин аст: муоширати бартаридоштаи яктарафаи намояндагони насронӣ дар натиҷаи ҷангҳои салибӣ (монологе, ки ба зулм асос ёфтааст).

**Адабиёт:**

1. Ермилова Д.Ю. История домов моды: учебное пособие для высших учебных заведений. - М.: Издательский центр «Академия», - 2003. - 288 с. -ISBN 5-7695-1064-1.
2. Саме Ж. Высокая мода. - Изд. Группа “Азбука-классика”, - 2010.
3. Латур А. Волшебники парижской моды. - Litres, - 2017.

4. Макеева М.В. Искусство как тренд в построении коммуникации домов высокой моды. - Журнал «МедиаАльманах», - № 3.
омӯзандагон шуда метавонад. Дар зер мо як қатор саволҳоро бо тарҷумаи тоҷикиашон пешкаш менамоем, ки ҳатто барои донишҷӯёне, ки аз забони англисӣ ҳанӯз чизеро намедонанд, аз лаҳзаҳои ибтидоии забономӯзиашон заруранд. Таваҷҷуҳ намоед:

1. What is your name? Номи шумо чист?
2. What is your surname? Фамилияи шумо чист?
3. Who are you? Шумо кистед?
4. What are you? Шумо чикораед? (Касби шумо чист?)
5. What day is it today? Имрӯз кадом рӯз аст?
6. What date is it today? Имрӯз чандум аст?
7. What is the weather like today? Имрӯз ҳаво чӣ хел аст?
8. Who is on duty today? Кӣ имрӯз навбатдор аст?
9. What was your hometask for today? Вазифаи хонагӣ чӣ буд?
10. Who is ready for the lesson? Кӣ ба дарс омода аст?

Тасаввур кунед, ки аз рӯзҳои аввали таҳсил омӯзгор ҳар рӯз дар ибтидои дарс чунин саволҳоро такрор намуда, аз ҳар донишҷӯ ҷавоби онҳоро бо навбат талаб намояд. Дар лаҳзаҳои аввал барои на ҳама, балки баъзеи донишҷӯён шояд ин масъала мушкил бошад, лекин бо боварӣ метавон изҳор намуд, ки онҳо рӯз то рӯз ба ин усул одат мекунанд ва дар як муддати на чандон тӯлонӣ хеле саволу ҷавоби забони англисиро ёд мегиранд.

Чун як фосилаи муайян мегузарад ва омӯзгор эҳсос менамояд, ки ин саволҳо аллакай барои донишҷӯён чизи маъмулианд, пас ӯ боз саволҳои навбанавро зам месозад. Омӯзгор инчунин бояд донишҷӯёнро водор намояд, ки онҳо ин саволҳоро худашон низ ба ҳамдигар дода тавонанд ва бо ин амр як фазои хуби муоширатӣ дар синфхона пайдо мегардад.

Чун сухан аз дарсҳои амалии забони англисӣ меравад, набояд фаромӯш созем, ки дастурҳои мавриди истифодаи мо низ бояд ҷанбаи амалӣ дошта бошанд. Пас дар дастурҳои мазкур инчунин супоришҳои амалӣ низ бояд ҷойгузин гарданд. Баъзе аз он супоришҳоро дар зер пешкаш менамоем.

**Супоришҳо:**

**Супориши 1. Аз донишҷуён хоҳиш намоед ба саволҳои зерин ҷавоб гардонанд.**

1. Бо забони англисӣ дар кадом мамлакатҳои ҷаҳон гап мезананд?

2. Он асосан забони кадом мардуми олам мебошад? 3. Шумо чӣ қадар калимаи ин забонро медонед? 4. Чанд сол мешавад, ки шумо забони англисиро меомӯзед? 5. Агар солиёни зиёд шумо онро омӯхта бошед, чӣ пешравие дар забономӯзии худ эҳсос менамоед? 6. Агар пешравиҳо набошанд, шумо сабабро дар чӣ мебинед? 7. Кадом роҳу усулҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба ақидаи шумо самарабахш буда метавонанд? 8. Мақсади асосии шумо аз омӯхтани забони англисӣ чист? 9. Омӯзиши забон барои шумо шуғли дӯстдошта - **(hobby)** буда метавонад? 10. Боз ба омӯзиши кадом забонҳо шавқманд ҳастед?

**Супориши 2. Кӯшиш намоянд, ки чанд саволи одитаринро сохта тавонанд.**

**Намуна:** What is this? What is that? …

**Супориши 3. Ба саволҳои зер бигузор ҷавоб диҳанд.**

1.What is this? 2. What is on the table? 3. What is in your bag? 4. What colour is this? 5. What colour is your bag? 6. Who is your friend? 7. Who is your best friend? 8. How old are you? 9. Where do you live? 10. Where do you study?

**Супориши 4. Дар зер якчанд ҷумла марбути забони англисӣ пешниҳод мегардад. Бо ҷумлае, ки розӣ ҳастанд, дар рости он аломати V гузоранд, агар норозӣ бошанд, аломати X гузоранд.**

1. Забони англисӣ забони байналмилалӣ мебошад.
2. Забони англисӣ беҳтарин забон аст.
3. Забони англисӣ мушкилтарин забон аст.
4. Омӯзиши забони англисӣ чандон зарур нест.
5. Забон дар хориҷи кишвар бояд омӯхта шавад.
6. Бе забони англисӣ кори хуб ёфтан мушкил аст.
7. Усулҳои мавҷудаи омӯзиш ҷавобгӯйи талабот нестанд.
8. Забон ин танҳо муоширaт аст.
9. Назария аз амалия муҳимтар аст.
10. Инсон бояд якчанд забонро донад.

**Супориши 5. Бигузор дар бораи худ бо забони англисӣ як матни мухтасар тартиб диҳанд. Чунин оғоз намоянд:** My name is Jamshed. I live in Tajikistan. …

Лозим ба ёдоварист, ки мӯзгор ва донишҷӯ чун ду омили асосӣ дар раванди омӯзиши забон ба шумор меравaнд. Аз ин лиҳоз дар мадди назари омӯзгор ҳамеша он масъала бояд қарор дошта бошад, ки забонро меомӯзонад, на ин ки фақат таълим медиҳад ва маҳз забонро ба донишҷӯён меомӯзонад. Пас дар раванди таълими забон як муносибати ҳамида ва дурусту мувофиқ миёни омӯзгор ва донишҷӯ бояд ҳукмфармо бошад.

Ин масъала хело нозук буда, аз омӯзгорон матонату маҳорати чашмгиреро тақозо менамояд. Зеро дар раванди омӯзиши забон дар қатори қоидаву қонуниятҳои хоси ҳар як забон боз ҷиҳатҳои психологии таълиму тарбия бояд ба назар гирифта шаванд. Бахусус, муносибат бо донишҷӯён бояд ҳаматарафа риоя гардад, омӯзгор бояд кӯшиш намояд, то шавқу рағбати шогирдонро ба омӯзиши забон зиёд гардонад. Омӯзгор бояд тавре амал намояд, ки донишҷӯён ҳар як дарси навбатии ӯро бесаброна интизорӣ кашанд.

Барои амалӣ гаштани гуфтаҳои болоӣ чандин ҷиҳатҳо бояд ба назар гирифта шаванд. Пеш аз ҳама, дарсҳои амалии забони англисӣ як нақшаи муайян, макони муайян ва замон ё вақти муайян дошта бошанд. Маҳз аз ҳамин омилҳои зарурӣ пешрафту муваффақиятҳои минбаъдаи забон вобастагии калон доранд.

Ҳамеша дар як вақти аниқ гузаронидани дарс, ба таъхир наандохтани он, риояи вақти ба дарс ҷудошуда, саривақт шуруъ намудан ва хатм намудани он, риояи ҷойи муайян чун омилҳои ҳатмиву одатӣ барои донишҷӯён гардида, як фазои хуби омӯзишро эҷод менамоянд. Тасаввур намоед, дарсро донишҷӯён дар вақташ интизор буданду омодагии хуб низ ба он доштанд, лекин бо ягон сабабе дарс дар вақташ шуруъ намешавад.

Ин ҳолат, аз як тараф, боис мегардад, ки шавқи баъзе аз донишҷӯёни фаъол каме коста гардад ва аз ҷониби дигар, нисбати ҷиддияти раванди таълим боварии онҳоро заифтар гардонад ва ғайра. Умуман гуфтан роиҷ аст, ки чунин ҳолат ба манфиати кор нест.

**Литература:**


1. Longman Advanced American Dictionary. Pearson Educationer Ltd. - 2000.
2. Robert F. Hartley. Fundamentals methods. New York. - 2015.


## МУОШИРАТИ ФАЪОЛИ ДОНИШҶӮЁН - ОМИЛИ АСОСИИ МУВАФФАҚИЯТ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ


**Маликов Н. Х.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Яке аз масъалаҳои муҳимтарин, ки дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ саҳми хеле намоён дорад, ин муошират фаъоли донишҷӯён, на ин ки муошират фаъоли омӯзгор, ба ҳисоб меравад. Ин нукта чӣ маъно дорад, яъне ҳадаф аз чунин изҳорот чист? Мақсад аз ин гуфта он аст, ки донишҷӯён бояд дар рафти дарсҳои забони хориҷӣ бисёртар гап зананд, на омӯзгорон. Чунки ҳадафи асосӣ аз таълиму тадриси забони хориҷӣ ин забонро ба донишҷӯён ёд додан аст. Баъзан омӯзгор ба суҳбат дода шуда, фаромӯш мекунад, ки навбати суҳбати донишҷӯён фаро расидааст.

Масъалаи мазкур ҳам мушкил ва ҳам дорои як қатор нозукиҳои худ мебошад. Яке аз чунин мушкилот он аст, ки омӯзгорон вақте эҳсос мекунанд, ки донишҷӯ оҳиста ва бо мушкилӣ суҳбат мекунад, худ ба сухан ҳамроҳ гардида, идомаи фикрронии донишҷӯро ба дасти худ мегиранд, яъне аз сустии раванди суҳбати ӯ гӯё дилгир мешаванд ва мехоҳанд бо кумаки худ равандро тезонанд. Лекин ин амри хато ва бесамар ба ҳисоб меравад, зеро бо ин амр омӯзгор аз мушкилӣ гурез мекунад ва ёрие, ки ӯ дар ин лаҳза ба донишҷӯ мерасонад, ҳамон «**ёрии хирсона**» мебошаду бас. Дар чунин ҳолатҳо омӯзгор бояд таҳаммулпазир бошад, тоқат намояд, то охир донишҷӯ ҳамаи қобилияти худро истифода намояд.

Пеш аз он ки омӯзгор суҳбати донишҷӯро идома доданӣ мешавад, беҳтар он аст, ки ӯро босаброна гӯш кунад ва аз донишҷӯйи дигар хоҳиш намояд, ки суҳбатро идома диҳад ва нуктаҳои ногуфтаи донишҷӯйи аввалиро пурра созад. Маҳз бо ин усул донишҷӯёни зиёд водор мегарданд, ки ба суҳбат ҳамроҳ гарданд ва бо ин роҳ аксарияти онҳо нутқи шифоҳии худро такмил медиҳанд. Тасаввур намоед, ки донишҷуён матнеро нақл бояд кунанд. Бояд зикр намуд, ки ҳамеша маънои мухтасари матнро нақл бояд кард, на ҳамаи онро ҷумла ба ҷумла, вагарна ин тарзи нақл «**қориазёд**» маҳсуб гашта, зуд метавонад аз хотири донишҷӯён фаромӯш шавад. Омӯзгор дар чунин лаҳза бояд пешакӣ огоҳ намояд, ки: Now you should retell the brief content of the text. One of you sould begin, another one should continue and the third one should finish it. The other students should ask these three ones questions.

Яъне: Шумо ҳоло бояд маънои мухтасари матнро нақл намоед. Як нафари шумо онро оғоз мекунад, дувумӣ идома медиҳад ва севумӣ онро хотима мебахшад. Дигар донишҷӯён бошанд, ба ин се нафар саволҳо медиҳанд.

Бубинед, ки бо чунин тарзи амал аксарияти донишҷӯён ба суҳбат аввал омодагӣ мегиранд, сипас ҳамроҳ мешаванд ва бо саволу ҷавоб ҳам нақли матнро пурра менамоянд ва ҳам ба ин васила нутқи даҳонии худро равнақ мебахшанд. Фақат омӯзгор бояд бо таҳаммул нақли онҳоро гӯш диҳад, дар охир баҳогузорӣ намояд ва сипас камбудиҳои онҳоро фаҳмонад ва хулосаҳои худро пешкаш гардонад. Хулоса, омӯзгор тарзе бояд рафтор созад, ки донишҷӯёнро ҳар чи бештар ба суҳбат кардан водор созад.

Ин як мисол оид ба кор бо матнҳо буд ва бояд хотирнишон созем, ки ҳангоми иҷрои машқҳои китоб низ омӯзгор ҳамеша чунин рафтор намуданаш лозим аст. Ҳангоми омӯхтани ҷумлаҳои саволӣ машқҳое ҳастанд, ки аз намудҳои гуногуни саволҳо мураттаб гаштаанд, яъне онҳо аз саволҳои умумӣ, интихобӣ ва махсус иборатанд. Зимни иҷрои чунин машқҳо низ омӯзгор бояд бештар ба донишҷӯён такя намояд. Ӯ зимнан бояд чунин муроҷиат кунад:

Ask these questions to your partners. Or – Answer the questions of your partners.

Яъне: Ин саволҳоро ба рафиқонатон диҳед. Ё – Ба саволҳои рафиқонатон ҷавоб диҳед.

Агар нафаре аз донишҷӯён зимни чунин саволу ҷавоб ба хатоҳо роҳ диҳад, омӯзгор ислоҳ намудани он хатоҳоро низ бояд сараввал аз худи донишҷӯён талаб намояд. Дар сурате ки баъзеи он саволу ҷавобҳоро дуруст иҷро карда натавонанд, пас худи омӯзгор вориди раванд гашта, метавонад бо шарҳу эзоҳ ба онҳо фаҳмонад ва ин амр боис мегардад, ки онҳо хатоҳоро фаҳманд ва барои ислоҳи онҳо кӯшанд. Хуб мешавад, ки дар чунин лаҳза омӯзгор он нуктаи грамматикие, ки маҳз дар он хатоҳо ҷой доштанд, бори дигар хубу муфассал фаҳмонад ва аз ҳамагон хоҳиш намояд, ки дар атрофи ҳамон воҳиди грамматикӣ саволу ҷумлаҳо тартиб диҳанд, то хатоҳои худро ба пуррагӣ дарк созанд.

Аз гуфтаҳои болоӣ бори дигар ба таври равшан метавон дарк намуд, ки омӯзиши забони хориҷӣ ин амалия аст, на назария. Бинобар амалия маҳсуб гаштанаш бояд дарс зиёдтар ҷанбаи амалӣ касб намояд, на назарӣ.

Пас мебояд дар рафти дарс муошироти зиндаву амалӣ, хубу муассир ҳукмфармо бошад ва пеш аз ҳама фаъоливу дилгармии донишҷӯён ба дарс эҳсос гардад. Чунки ҳадафи асосӣ омӯзондани донишҷӯ, яъне забондон кардани он мебошад. Ду омили асосӣ ва муҳимтарини дарс, чи тавре ки дар аввали мақолаи мазкур изҳор доштем, омӯзгор ва донишҷӯ мебошанд ва муносибати нозукона ва воқеии онҳо боиси ба даст овардани муваффақиятҳои дилхоҳ дар ин амри хеле муҳим гашта метавонад. Барои самарабахш гаштани дарси амалӣ якчанд супоришҳои амалиро низ пешниҳод менамоем.

**Супоришҳо:**

Эзоҳ: Дар баъзе ҳолатҳо супоришҳо ва иҷрои машқҳо бо дархосту роҳнамоии омӯзгор аз ҷониби донишҷӯён сурат гирифта метавонад. Дар ҳолатҳои дигар бошад, иҷрои супоришҳо ба худи омӯзгорон вогузор мегардад.

**Супориши 1. Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.**

1. Муносибати шумо бо донишҷӯён чӣ гуна аст? 2. Гурӯҳи дарсӣ аз чанд нафар бояд иборат бошад? 3. Муносибати инфиродӣ (алоҳида) бо ҳар як донишҷӯ зарур аст ё не? 4. Ҷиҳатҳои психологии донишҷӯёнро дар раванди таълим бояд ба инобат гирифт ё не? 5. Бо донишҷӯйи сустхон чӣ тавр амал менамоед? 6. Дар вақти дарс бисёртар бо қоидаҳои грамматикӣ бояд сарукор дошт ё бо усулҳои амалӣ? 7. Бо матнҳо чӣ гуна бояд кор кард? 8. Муколамаҳо дар рафти дарс заруранд ё не? 9. Барои равнақ додани нутқи даҳонии донишҷӯён кадом омилҳо заруранд? 10. Чӣ иртиботе миёни омӯзгор ва донишҷӯ дар раванди таълим бояд ҳукмфармо бошад?

**Супориши 2. Дар зер якчанд ҷумлаҳои дархостӣ, ки дар рафти дарсҳо ба донишҷӯён пешкаш шуданашон мумкин аст, оварда мешаванд. Онҳоро идома диҳед.**

1. Stand up, please. 2. Come to the blackboard. 3. Write these sentences on the blackboard. 4. Go to your desk . 5. Read the new words. …

**Супориши 3. Чунин муколама миёни донишҷӯён сурат гирифтанаш мумкин аст. Мисли он як муколамаи дигар тартиб диҳед.**

- What time do you get up in the morning?
- I get up at six o’clock.
- What do you do first of all?
- I do my bed and wash myself.
- What time do you go to the university?
- I go to the university at seven o’clock.
- What time do your lessons start?
- They start at eight o’clock.
- How many lessons do you have every day?
- We have five or six lessons every day.

**Супориши 4. Дар зер чандин ҷумлаҳо дода мешаванд, ки донишҷӯро ба омӯхтани забони англисӣ водор месозанд. Онҳоро идома диҳед.**

1. English is an international language .2. It can help you much in your life. 3. You should pay attention to its learning. 4. You must learn it well. 5. Knowing other foreign languages is also important. …

**Супориши 5. Дар зер оғози матне, ки ба омӯзиши забони англисӣ марбут аст, пешниҳод мегардад. Анҷоми онро мураттаб созед.**

I have been interested in learning foreign languages since my childhood. First I began to learn German, but that didn’t attract me much. Because I felt many difficulties during learning it. Then I began to learn English. Now I can say that everything is OK with my learning. I just love the English language. …

Дар раванди таълиму тадрис нақши китобҳои дарсиро наметавон сарфи назар намуд. Зеро китоби дарсӣ раҳнамои ҳар як омӯзгор ва раҳкушои ҳар як донишҷӯ маҳсуб мегардад. Бахусус, китобҳое, ки мувофиқи барномаҳои муосири таълим таҳия мегарданд, дар ҳар як давру замон дар амри саводомӯзии хонандагон нақши муассире доштаанд ва хоҳанд дошт. Метавон гуфт, ки китобҳои бад ва номувофиқ вуҷуд надоранд, лекин истифодаи мутобиқи китобҳои дарсиро на ҳама омӯзгорон якхела ба роҳ монда метавонанд. Гоҳо аз ҷониби омӯзгорони алоҳида аз ин ё он китоби дарсӣ норозигӣ низ баён мегардад. Гӯё ба ақидаи он омӯзгорон он китобҳо чандон хуб иншо нагаштаанд ва дархури замон нестанд.

Лекин набояд фаромӯш намуд, ки ба ҷуз талаботи китоби дарсӣ боз маҳорату малакаи хоси омӯзгор низ дар раванди таълим нақши босазо дошта метавонад.

Омӯзгороне дучор меоянд, ки берун аз машқу супоришҳои китоби дарсӣ амалеро мустақилона иҷро намуда ё супоришеро берун аз китоби дарсӣ ба донишҷӯ пешкаш намуда наметавонанд. Ин ҳолат ифодагари он мебошад, ки мустақилият аз ҷониби онҳо зоҳир намегардад. Мутаассифона, сафи чунин омӯзгорон кам нестанд ва ин ҳолат боиси чандон муассир нагаштани раванди таълим мешавад.

Муносибати дурусти омӯзгор бо китоби дарсӣ дар рафти дарсҳои забони англисӣ хеле муҳим мебошад. Китобро чун манбаи пешбурди таълиму тадрис метавон ҳисоб намуд, лекин дар баробари истифодаи маводи китоби дарсӣ боз аз ҷониби омӯзгор маҳорати баланд ва малакаи хуб нишон додан ҳатмист. Омӯзгор вақте дарк менамояд, ки маводи дар китоб ҷойдошта ҷанбаи якхеда дорад, бояд каме ба тағйиркорӣ даст занад. Зеро пайиҳам омадани усулҳои якхелаи таълим хонандагонро метавонад дилгир созад. Масалан, шумо бо китоби дарсие таълим медиҳед, ки бо вуҷуди мавзуъҳои гуногуни грамматикиро фаро гирифтанаш, лекин сохтори якхелаи супоришҳоро пешкаш менамояд. Масалан, дар он китоб пас аз шарҳу эзоҳи мавзуи грамматикӣ ҳамеша ҷумлаҳои хабарӣ, инкорӣ ва саволӣ пайиҳам меоянд. Машқҳои ҳар дарси он низ ба якдигар монанданд. Ин ҳолат боис гашта метавонад, ки раванди таълими забон барои донишҷӯён дилгиркунанда гардад.

Дар ҳолатҳои дар боло зикршуда аз ҷониби омӯзгор бояд мустақилияти хоса нишон дода шавад ва ӯ бояд тавонад, ки раванди дарсро каму беш худ дигар карда тавонад. Тасаввур кунед, ки шумо мавзуи **Present simple tense - замони ҳозираи одиро** аз китоби дарсӣ гузаштед ва баъди шарҳу эзоҳи он се - чор машқ омадааст ва онҳоро донишҷӯён ҳам бо ёрии шумо ва ҳам ба таври мустақилона иҷро менамоянд. Ин ҳолат хуб аст, лекин боис гашта наметавонад, ки донишҷӯён оид ба мавзуи мазкур дониши мустаҳкам касб карда тавонанд. Бинобар ҳамин дар ин ҳолат омӯзгор бояд донишҷӯёнро водор созад, ки пас аз иҷрои ҳар як машқи китоб мувофиқи талаботи он машқҳо боз ҷумлаҳои худро созанд. Чунин метавонед супориш диҳед: Make up your own sentences, please. – Ҷумлаҳои худро марҳамат карда тартиб диҳед; Make the sentences of the first exercises negative. – Ҷумлаҳои машқи якумро ба шакли инкорӣ гардонед. Make questions to these sentences . – Ба ҷумлаҳои зерин савол гузоред.

Чи тавре ки мушоҳида намудед, китоб ин як унсури раҳнамост, лекин чӣ гуна бо он муносибат намудан ин кори омӯзгор низ мебошад. Муассир гардондани ҳар як машқи китоб аз маҳорати омӯзгории шумо вобастагии бештар дорад. Омӯзгор ҳатто метавонад нақшаи аз рӯйи китоби дарсӣ мураттабшударо иҷро накунад, лекин тавонад, ки раванди дарсро ба хонандагон фаҳмову шавқовар гардонад. Зеро омӯзгори боидрок ба таълими хуб майл мекунад. Шумо агар нияти беҳтар кардани таълими худро накунед ва дониши назариву амалии хубро доро набошед, ягон китоб дар ин амр ба шумо ёрӣ карда наметавонад. Дар баробари ин ягона чизи муҳим ин дар хотир доштан аст, ҳарчанд забон объекти истилоҳотӣ нест барои он чизе, ки дар синф ба амал меояд.

Дар охир ин тағйирот дар рафтори донишҷӯ мебошад, ки бурду бохт аз он вобаста аст. Зеро санҷиши воқеии **"дарси хуб"** он нест, ки омӯзгор чӣ тавр пешкаш мекунад, балки донишҷӯ онро чӣ тавр аз худ мекунад. Омӯзгороне, ки дар ин раванд пурра дар иҷрои нақши худ ғарқ мешаванд, ки онҳо бояд чӣ кор кунанд ва донишҷӯён дар бораи онҳо чӣ фикр мекунанд, хатои ҷиддӣ мекунанд. Нақши аз ҳама муҳимтарини омӯзгор ангезандагии он аст - ӯ ёрӣ медиҳад, ки чизҳо рӯй диҳанд, лекин дар ин ҷо мақсад фаъолсозии донишҷӯён аст.

Баъзе омӯзгорон солҳои зиёд дарсҳои якхеларо як хел гузаштаанд ва ин танбалиро нишон медиҳад, баъзеи дигарашон хатои дағал мекунанд - онҳо ҳамеша **"усул"(метод)** меҷӯянд. Онҳо чунин мепиндоранд, ки роҳи пешгирифтаашон дуруст аст ва онҳо бо беҳтарин усулҳо кор мекунанд. Мо ба мавҷудияти чунин усул бовар надорем. Забон маҷмуъ аст ва забономӯзӣ маҷмуи пайгири он аст. Роҳи мудом дурусти таълими забон вуҷуд надорад. Лаҳзаҳои гуногун маводи гуногун, усулҳои гуногун, фаъолияти гуногун ва дурнамои гуногунро тақозо мекунанд. Қоидаи асосие, ки бояд омӯзгор дар хотир нигоҳ дорад, ин қабули усули дилхоҳ ва таъсирнок мебошад. Ин ба донишҷӯ барои ноил гардидан кумак карда метавонад ва агар ёрӣ расонад, пас омӯзгор ба ҳадафи худ расидааст.

Масъалаи дигаре, ки ҳамеша дунболгири фаъолияти омӯзгор бояд бошад, ин таълим додани донишҷӯ, на таълим додани китоб, яъне ба донишҷӯ ҳар чи бештар фаҳмо пешкаш кардани дарс, на ин ки ба иҷро расонидани ҳамаи машқҳои китоби дарсӣ ба шумор меравад. На ҳамаи омӯзгорон вақт ва имконияти воқеӣ доранд, ки курси махсуси омӯзишии худро тарҳрезӣ намоянд. Дар аксарияти мавридҳо дастури таълимии асосӣ интихоб мегардад, ки барномаи асосии таълимиро таъмин месозад. Омӯзгорон ба дастур такя намуда, пешакӣ муайян мекунанд, ки чӣ қадар вақт бояд сарф намоянд, то ки онро дар вақти таъиншуда ба охир расонанд. Лекин ин ҷо мақсад таълими донишҷӯён аст, на тамом кардани китоб!

Дар чунин мавридҳо шояд таҷрибаи иловагӣ лозим шавад, шояд қафо гаштан ва дубора омӯхтани нуктаҳои мушкили дарс зарур бошад ва ҳатто шояд масъалаи тағйир додани нақшаи дарс ба миён ояд. Зеро гоҳо метавонад, ки нақшаи пешгирифтаи омӯзгор ба талаботи донишҷӯён ҷавобгӯ набошад ва боиси дастрас нагардидан ба натиҷаҳои дилхоҳ гардад. Чаро мо метавонем баъзан аз талаботи китоби дарсӣ каме ҳам бошад, берун равем, онро дигаргун намоем ва ё дар рафти дарс мустақилияти бештаре аз худ нишон дода тавонем? Чунки бояд дарки он нуктаро кард, ки китоби дарсӣ метавонад офарида ё маҳсули фикру ақидаҳои як муаллифи алоҳида ва гоҳо маҳсули тахайюли якчанд муаллифон бошад, на офаридаи садҳо ё ҳазорон нафар муаллифон.

Пас он метавонад, ки мувофиқи қобилияти ҳамон як гурӯҳи алоҳидаи одамон мураттаб гашта бошад, ҳол он ки миқдори омӯзгорони бо ин ё он китоби дарсӣ амалкунанда шояд садҳо ҳазор ё аз ин ҳам бештар бошад. Аз ин хотир миёни ақидаву усулҳои пешкашкардаи он муаллифон ва омӯзгорони сершумор номувофиқатиҳо метавонанд пайдо гарданд. Ҳолатҳоеро дучор омадан имконият дорад, ки омӯзгорони алоҳида бо фикру мулоҳизаҳои муаллифони алоҳида розӣ набошанд.

Махсусан дар чунин ҳолатҳо агар омӯзгори пуртаҷриба эҳсос намояд, ки бархе аз машқҳои дар китоби дарсӣ ҷойдошта чандон таҳкимбахши донишу малакаи донишҷӯён буда наметавонанд, ӯ метавонад рафти дарсро каме берун аз китоби дарсӣ гардонида, усулҳои муфидеро ба кор барад. Азбаски нақши муассирро амалия бозӣ мекунад, омӯзгор метавонад вобаста ба мавзуи китоби дарсӣ муколамаҳои худро чун намуна пешниҳод созад ва аз донишҷӯён талаб намояд, ки худ низ мустақилона чунин муколамаҳоро тартиб диҳанд ва шифоҳӣ низ онҳоро иҷро намоянд.

Тасаввур намоед, ки шумо ба донишҷӯён **Past simple tense (indefinite) - замони гузаштаи одӣ (номуайян)** гузаштед, шакли тасдиқӣ, инкорӣ ва саволии ҷумлаҳоро шарҳ

додед. Пас онҳо омода ҳастанд, ки муколамаҳои одиеро дар замони гузашта анҷом дода тавонанд. Чунин муколамаи худро пешкаши онҳо созед:

- Hello John.
- Hi Peter.
- What did you do yesterday?
- I visited my grandparents.
- Whom did you visit them with?
- I visited them with my mother?
- And your father?
- No, he didn’t go with us.
- And why?
- Because he had much work in his office.
- How long did you stay at your grandparents?
- We stayed there till evening.
- That,s great!

Аз донишҷӯён хоҳиш намоед, ки ин муколамаро бодиққат хонанд, тарҷума кунанд ва даҳонӣ ба таври амалӣ байни худ иҷро намоянд. Сипас, талаб намоед, ки аз он муколама феълҳои дуруст ва нодурустро ҷудо намоянд, бо он феълҳо дар замони гузашта якчанд ҷумлаҳои хабарӣ, инкорӣ ва саволӣ мураттаб созанд. Баъди навистану хондани ҷумлаҳояшон хатоҳои содирнамудаашонро баррасӣ намоед. Пас хоҳиш намоед, то чунин як муколамаи кӯтоҳе дар замони гузаштаи феъл худ тартиб диҳанд.

Бубинед, ки бо як муколамаи берун аз китоб пешкашнамудаи шумо чӣ қадар донишҷуён кор карданд ва чӣ андоза мустақилият аз ҷониби онҳо зоҳир гашт ва ин амр чӣ қадар қобилияти онҳоро бештар намуд. Пас омӯзгори хуб метавонад, ки то андозаи муайяну муфид нақшаи таълимӣ, маводи китоби дарсиро тағйир диҳад. Бори дигар зикр месозем, муҳим он аст, ки дарс шавқовару судбахш гузарад!

**Литература:**


1. Henry Hazilitt. Methods in One Lesson. New York. - 2014.
2. John Richards. Methodological Studies Today. Cambridge University Press. - 2016.


## МАЪРИФАТИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ДАР АВРУПО


**Мирзоева Ф. С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**
**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб**


Боиси саодатмандист, ки истиқлолият барои мо тоҷикон заминаҳои нави комёбиро фароҳам овард ва аз ҷониби Президенти кишвар Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарҳанги худшиносӣ омили асосии ҳастии миллат муаррифӣ ёфт.

Шоистаи таъкид аст, ки бо тадбирҳои хирадмандонаи Сарвари давлат баргузор гардидани ҷашни 700-солагии Камоли Хуҷандӣ нишонаи барҷастаи дастгирии давлат барои рушди маънавият ва худшиносии миллӣ мебошад.

Дар тарбияи комили инсон адабиёти бадеӣ нақши муҳимму барҷаста дорад. Аз ин ҷост, ки адабиётро аҳли таҳқиқ омили одамсоз, раҳнамои маънавии инсонҳо, василаи талқину омӯзиши одамгариву маърифатмандӣ ва ҳидоятгари роҳи рост номидаанд.

Осори Камоли Хуҷандӣ 700-сола миллати фархундаи моро солиёни зиёдест, ки амиқу бавусъат омӯхта мешавад ва хонандагони берун аз кишварамонро низ мафтун месозад.

Дар фонди тиллоии шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобхонаи нодир "Девон"-и Камоли Хуҷандӣ нигоҳдорӣ мешавад. Нусхаи хаттии "Девон"-и Камоли Хуҷандӣ аз 274 саҳифа иборат буда, таҳти рақами 728 дар махзан нигоҳдорӣ мешавад. Нусхаи дигари "Девон"-и Камоли Хуҷандӣ аз ҷониби хаттоти зарринқалам Муҳаммадамини Ҳаким валади Баён Муҳаммад соли 1311 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1912 китобат шудааст.

"Девон"-и ғазалиёти шоир бо хатти насталикӣ дар ду сутун бо зарҳал навишта шуда, дар Китобхонаи миллӣ, таҳти №1052 нигоҳдорӣ мешавад.

Камоли Хуҷандӣ шоири ширинкаломи форсу тоҷик буда, дар ҳунари ғазалсароӣ бо шоирону машҳури форсу тоҷик аз ҷумла бо Саъдию Ҳофиз дар як мавқеъ қарор дорад.

Чу девони Камол афтад ба дастат,  
Навис аз шеъри ӯ чандон, ки хоҳӣ.  
Зи ҳар лафзаш равон магзар чу хома,  
Ба ҳар ҳарфе фурӯ рав чун сиёҳӣ

Камтар аз дусад сол пеш ин мисраъҳои шоири ҳамзамини мо Камоли Хуҷандӣ ба забони олмонӣ тарҷума шуданд. Тарҷумаи он ба қалами шарқшиноси олмонӣ-утришӣ Иосиф Ҳаммер-Пургштал тааллуқ дошта, дар китоби маъруфи ӯ бо номи «Барозандаи адабиёти форсӣ» дар соли 1818 ҷой гирифтааст.

Аммо ҳанӯз солҳои бистуми қарни ҳафтдаҳум номи Камоли Хуҷандиро олими маъруфи Аврупо, ховаршиноси фаронсавӣ Бертелем Дэрбло ба аҳли илму адаб дар китоби хеш «Китобхонаи Шарқ» муаррифӣ намуд. Ин ховаршиноси фаронсавӣ таърихи даргузашти Камолро ба соли 1390 муқаррар намуда, тазаккур медиҳад, ки шоир ҳамаср ва ҳамфикри Ҳофиз будааст.

Яке аз тарҷумаҳои Ҳаммер ғазали маъруфи зерини Хоҷа Камол мебошад:

Серӣ набувад аз лаби ширини ту касро,  
Кас сер надид аз шакари ноб магасро.  
Нолон ба сари кӯйи ту оем, ки завқест  
Дар қофилаи каъбаравон бонги ҷарасро.

Ин порчаи ғазалро бо забони олмонӣ тарҷума намудааст, ки бештар бо шарҳу тавзеҳи муфассал такя мекунад, зеро ин ҳамаи матолиби Шайх Камоли Хуҷандӣ, ки бо рамзҳои мураккаб ва истилоҳоти хоси шоиронаи ин суханвари машриқзамин баён шудаанд, ба мардум фаҳмо ва дастрас мебошанд: "Садои зангӯла рамзи ҳаракати корвон аст. Каъба ё макони муқаддас дар ин ҷо ифодагари рухсори ёр мебошад, ки ҳадафи ҳаракати корвони ҳаҷкунандагон ба он равона шудааст".

Ҳамчунин, дар ин китоб омадааст, ки Камол худро шогирди Аттор шуморида, қайд мекунад, ки агар девони ман ба дасти ту афтад, аз ҳар ҳарфи он саҳлу осон магузар:

Возьми в моих стихах те строки,
Что будет тебе по нраву.
Но не упускай ни одного слова,
Проникни в каждое из них,
Подобно чернилам в бумагу…

Агар ба солҳои 30-юми асри XIX баргардем, дар ин аҳд аллакай мо ба нахустин иттилоъ дар бораи даснависҳои «Девон»-и Камоли Хуҷандӣ дучор меоем, ки дар китобхонаҳои Олмон мавҷуд будаанд. Аз ҷумла, дар маълумотномаи китобшиносии «Тавсифи китобхонаи оммавии шоҳигарии Дрезден» (соли 1838) нусхаи хаттии Девони Камоли Хуҷандӣ таҳти шумораи Е-55 сабт шудааст. Қобили таъкид аст, ки вобаста ба вуҷуди ин нусхаҳои хаттӣ, нахустин корҳои марбут ба нашри ашъори Камоли Хуҷандӣ низ дар миёнаҳои ҳамин аср сурат гирифтааст. Аз ҷумла, бори аввал донишманди олмонӣ Натаниэл Бленд соли 1858 даҳ ғазали Шайх Камоли Хуҷандиро дар китоби худ “Сад соли ғазали форсӣ” ба нашр расонидаанд.

Дар китобхонаи давлатии Берлин маҷмуаҳои зиёди ашъори Камоли Хуҷандӣ бо забони тоҷикӣ ва хатти форсӣ мавҷуд мебошад. Мутаассифона, онҳоро танҳо ховаршиносон мутолиа када метавонад.

Устод Садриддин Айнӣ баён кардааст, ки дар байти худ Камол, албатта, як мазмуни хоси тозаи обнарасида дорад ва ӯ аз дигарон ҳам ҳамин мазмуни хосро талаб мекунад.

Камол устоди бузурги забон аст. Ӯ дар аксар байтҳои худ як ё ду сухани думаънидорро кор мефармояд, ки бо гирифтани ҳар кадоми он маъниҳо мазмуни он байт пурра мебарояд.

Дило насими саодат вазид, ҳозир бош!
Расид мужда, ки дилбар расид, ҳозир бош!

Хушбахтона, дар осори Камоли Хуҷандӣ шоҳбайтҳои пурмаъною инсонсоз бисёранд ва месазад, ки мо, омӯзгорон дар ҷараёни таълиму тарбияи донишҷӯён аз онҳо ба мавриду пурсамар истифода намоем.

Дорӣ, Камол, ҷоне бар дӯстон барафшон,
Ошиқ ҷаве наярзад, гар ҷонфишон набошад.

**Адабиёт:**


1. Камоли Хуҷандӣ “Фаслномаи илмӣ-адабӣ.
2. Омӯзгор № 9 (12077) 03.03.2017.
3. Омӯзгор № 14 (12082) 03.03.2018.
4. Минбари халқ № 10 (1094) 07.03.2017.
5. Маҷаллаи Тоҷикистон № 3-4 (1156). - 2016.

# ТЕХНОЛОГИЯИ ИСТИФОДАИ РАНГҲОИ РАВҒАНӢ ДАР ТАСВИРИ МАНЗАРА

**Норов Ф.Ф., Ҳайдаров О.Б.**
**Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон**

Дар санъати мусаввирӣ рангҳои равғанӣ яке аз намудҳои серистифода ба ҳисоб мераванд. Таркиби пайвасткунандаи рангҳои мазкурро равғани растанӣ ташкил медиҳад, яъне равғанро ба пигметҳои ранг ҳамроҳ мекунанд. Новобаста аз он ки рангҳои равғанӣ пештар ҳам истифода мешуданд, ихтироъ ва такмили онҳо дар давраи Эҳё соли 1410 аз тарафи рассоми Фландрия (ҳозира Фаронса) Ян Ван Эйк кашф шудааст. Аз он давра инҷониб ин намуди рангҳо дар эҷодиёти рассомон васеъ истифода бурда мешуд. То он вақт равғанро асосан барои рӯйпӯш кардани мусаввараҳои темперӣ бо мақсади ҷилонок гардонидани сатҳи он истифода мекарданд.

Рангҳои равғанӣ аз маъданҳо ва пайвастагиҳои кимиёвӣ истеҳсол карда мешаванд. Чи хеле ки маълум аст, дар мусаввирӣ тобиши дилхоҳи рангро бо роҳҳои гуногун ба даст овардан мумкин аст. Масалан, дар ҳолати тоза (бе омехтагӣ) ё худ тавассути бо ҳам омехтани ду ё якчанд рангҳои гуногун ба даст оварда мешавад. Омехтани рангҳо бо таври механикӣ ва оптикӣ (болои ҳам гузошта) иҷро карда мешаванд. Қабл аз ҳама, рангҳоро дар асбоби рангомезишдиҳӣ бо ҳам омезиш дода тайёр мекунанд, баъд ба сатҳи корӣ (картон ё матои катона) мемоланд [2].

Дар мусаввирӣ бо рангҳои равғанӣ, бар хилофи рангҳои обӣ, сатҳи кориро махсус омода сохтан лозим аст. Рангҳои равғаниро дар сатҳи матоъ, картон, чӯб, лавҳатахтаи аз тарошаҳои чӯб истеҳсолшуда, тунукаҳои фулузӣ ва дигар сатҳҳо истифода кардан мумкин аст. Танҳо пеш аз истифода сатҳи маводи мазкур бо ширеш рӯйпӯш карда мешавад, яъне аз болои он таҳранг молида мешавад. Сатҳҳое, ки коркард намешаванд, равғани рангро ба худ ҷаббида мегиранд, ки дар натиҷа, рангҳо хусусияти технологии худро гум мекунанд.

Дар тасвири манзара рангҳои равғанӣ васеъ истифода мешаванд. Дар ҷараёни азхудкунии услубҳои тасвири манзара бояд ҳам тарзи тасвиркунии дарозмуддат ва ҳам кӯтоҳмуддатро аз худ кард. Ин ду услуби мазкур ҳамдигарро пурра сохта, маҳорату малакаи рассомро сайқал медиҳанд. Бояд тазаккур дод, ки манзара тасвири табиат ва тавсифи табиат аст. Ин тасвирест, ки намуди умумии минтақа ва тасвири табиатро фаро гирифта, яке аз жанрҳои асосии санъати тасвирӣ мебошад. Мавзуи манзараи маҳаллӣ, муҳити зист ё табиати аз ҷониби инсон дигаргуншуда (шаҳрҳо, биноҳо ва манзараҳои он, манзараи кӯҳҳо, дарёҳо, сахроҳо, ҷангалҳо) мебошад.

Дар тасвири манзара бо рангҳои равғанӣ, бар хилофи рангҳои обӣ, сатҳи кориро махсус омода сохтан лозим аст. Тасвири манзараро бо рангҳои равғанӣ дар сатҳи матоъ, картон, чӯб, лавҳатахтаи аз тарошаҳои чӯб истеҳсолшуда, тунукаҳои фулузӣ ва дигар сатҳҳо иҷро кардан мумкин аст. Танҳо пеш аз истифода сатҳи маводҳои мазкурро бо ширеш рӯйпӯш карда мешаванд, яъне аз болои онҳо таҳранг молида мешавад. Сатҳҳое, ки коркард намешаванд равғани рангро ба худ ҷаббида мегиранд, ки дар натиҷа рангҳо хусусияти технологии худро гум мекунанд.

Аз сатҳҳои номбаршуда барои тасвири манзара бо рангҳои равғанӣ матоъ беҳтарин ба ҳисоб меравад, хусусан матои катон ё ба истилои русӣ (холст), ки аз растании зағирпоя истеҳсол мегардад ва тору пуди он бештар сатҳи дағалро ташкил

медиҳад. Дар тасвири манзара асосан матоъҳое, ки аз ресмонҳои зағирпоя ва канабӣ бофта шудаанд, бештар истифода мешаванд [4].

Барои тасвири манзара матоъ пешакӣ ба чорчӯба кашида мешавад ва баъд дар рӯйи он таҳранг молида мешавад, зеро дар акси ҳол равғани ранг аз байни наххо ба ақиби матоъ мегузарад.

Омӯзиши технологияи тасвири манзара бо коркарди рангҳои равғанӣ яке аз марҳалаҳои душвор дар ҷараёни азхудкунии малакаҳои рассомӣ ба ҳисоб меравад. Барои тасвири манзара мувофиқи мақсад аз рӯи намуди асл, бояд ангораҳо ва расмҳои пешакӣ тартиб дода шаванд.

Дар он ҳар гуна ҳолатҳои ҷойгиршавии хати уфуқ, мутаносибӣ ва андозаҳоро ба эътибор гирифтан зарур аст. Тасвири пешакии кӯтоҳмуддатро беҳтараш дар услуби мусаввирии яккабата иҷро кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Барои ин бештар аз картони таҳрангдодашуда истифода мекунанд [1].

Чунин тасвир дорои таровату нафосати тоза буда, бо ҷилои рангорангии мавзеъҳояш фарқ мекунад. Ин бо шарафи зуд иҷро шудани тасвири манзара ба даст меояд, зеро рангҳое, ки аввалиндараҷа ёфта мешаванд, нотакрор боқӣ мемонанд, яъне бо дигар рангҳо омехта гардида хира намегарданд ва бо омехташавии барзиёдатӣ вазнин намегарданд.

Бо шарафи умумият бахшидани ҳалли масъалаҳои рангӣ, тасвирҳои мазкур таровати аввалиндараҷаи дарки асолати ашёҳоро дар манзара нигоҳ медоранд. Ин махсусан, ҳангоми кор аз болои тасвирҳои дарозмуддати бисёрқабата, ки аз болои як қабати хушкшудаи ранг қабати дигари ранг гузошта мешавад, хело муҳим мебошад. Инчунин, дар ин раванд ғалатҳоро дарҳол ошкор намуда онҳоро саривақт ислоҳ кардан мумкин аст, ки дар натиҷа тасвир ба худ як ҳусни нав зам мекунад.

Қабати якуми рангро метавон аз болои таҳранги тоза гузошт. Таҳрангҳои куҳна ва хушкидаро бо пиёз ё сирпиёзи бурида пок мекунанд. Вақте ки раванди рангубор оғоз мегардад, дар тасвири зиддиятҳо байни талаботи технологиву мусаввирӣ ба амал меоянд. Барои ҳалли дурусти масъалаҳои мусаввирӣ якбора корҳои тасвириро аз тамоми сатҳи матои катон оғоз карда, баробари он ранги ҳама қисматҳои онро бо ҳамдигар ва намуди умумӣ қиёс кардан лозим аст.

Танҳо баъди пурра хушк шудани ранги қабати якум дар мавзеъҳои лозимӣ истифода кардани рангҳои сафед мумкин аст. Дар қисматҳои соягӣ бошад, ба қадри имкон қабати рангро тағйир намедиҳанд, ё қабати тунуки ранги пешинаро мегузоранд. Ҳамин тавр, мунтазам давра ба давра қувваи рангу равшаниро муқоиса карда, давра ба давра корро аз болои тасвири манзара дар услуби мусаввирии дарозмуддат идома медиҳанд [3].

Дар марҳилаи ниҳоӣ корҳои аниқсозиро аз болои шаклу ҳаҷми ашё мегузаронанд. Дар марҳилаи мазкур бештар дар сохтусози шаклҳо дигаргунӣ ва ноҷуриҳо мушоҳида мешаванд. Рассоми машҳури рус А.А. Осмеркин қайд менамояд, ки: «Қобилияти расмкашӣ надоштан ҳатто ба мусаввири бузург монеаи калон эҷод мекунад. Аз ин лиҳоз малакаҳои расмкаширо чунон аз худ кардан лозим аст, ки бо шарафи расми композитсионии манзара дар сатҳи катон мо тавонем ҳаҷму шакли муайянро дар намуди умумии манзара инъикос намоем» [4].

Вақто ки рангҳо дар тасвири манзара шаклу равшанӣ ва дар умум фазоро ифода мекунанд, расм хусусияти эътимоднокӣ пайдо мекунад. Ҳамин тавр, вазифаи асосӣ ҳангоми тасвири манзара бо рангҳои равғанӣ новобаста аз намуди тасвир ин ҳалли масъалаҳои ҳолати обурангнокӣ дар шароитҳои муайяни ҳолати равшанӣ мебошад.

Иҷрои тасвири манзара дар ҳар гуна саҳнаҳо бо назардошти муносибатҳои рангиву равшанӣ дар машғулиятҳои расмкашӣ имконият медиҳад, ки сатҳи салоҳиятҳои касбии рассомон ва омӯзгорони санъати тасвирӣ баланд гардида, фаъолияти эҷодии онҳо боз ҳам шавқовар гардад.

**Адабиёт:**


1. Специрисунок и художественная графика 8-е издание / С.Е. Беляева, Е.А. Розанов. -М.: Издательский центр «Академия», - 2014. - 240 с.
2. Основы технологии художественно-оформительских работ / С.В. Фиталева, Д.А. Барабошина. - М.: Издательский центр "Академия", 2014. - 208 с.
3. Этюд в изобразительном искусстве / М. Алпатов, А. Алленов, А. Баранов. - М.: Издательский центр «Просвещение», - 1993. - 192 с.
4. Основы изобразительного искусства и художественного проектирования, 7-е издание / С.Е. Беляев. - М.: Издательский центр «Академия», - 2008.


**УДК: 37.022 (575.3)**

## ОСОБЕННОСТЬ ИНТЕРАКТИВНЫХ ФОРМ ОБУЧЕНИЯ В ОРГАНИЗАЦИИ УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА

**Норов Ф.Ф.**
**Технологический университет Таджикистана**

Одним из основных и обязательных требований реализации компетентностного подхода в образовательном процессе является внедрение интерактивных форм и технологии обучения. При интерактивных формах обучения информация взаимно обменивается, благодаря взаимодействию педагога с учащимися, они целостно в группе рассуждают и оценивают существующие задачи, т.е. интерактивная форма обучения предполагает диалоговое сотрудничество участников образовательного процесса.

Термин «интерактив» происходит от английского interact (inter - двухсторонний и act - влиять), т.е. взаимное влияние или собеседование с кем-либо (например, с человеком) [3].

В организации учебного процесса при компетентностном подходе очень важно внедрять интерактивные формы обучения, так как данные формы обучения являются свойственным в компетентно-ориентированном подходе, и это, в свою очередь, не подразумевает отказ от традиционного обучения.

Привилегия интерактивных форм обучения направлена на формирование взаимодействий, умений и навыков участников образовательного процесса.

Интерактивные формы обучения в основном подразумевают такие действия, как: игры, презентации, вопросы и ответы, практические задания (проекты), направленные

на формирование умений, навыков, мышление и, способствующие к поиску нового, постижению сущности и содержания темы [2].

В педагогике метод или форма обучения означает комплекс способов и приёмов обучения, который используется для достижения эффективности в обучении, и благодаря правильно выбранной форме обучения можно совершенствовать всю совокупность знаний, умений и навыков. В современной дидактике приводятся три основных формы обучения:

- пассивная;
- активная;
- интерактивная.

Пассивная форма обучения - педагог полностью управляет процессом обучения, как бы имеет авторитарное значение и, естественно, учащиеся действуют по установленным правилам, действия ведутся в основном по стереотипам (схема 1).




**Схема 1. Пассивная форма обучения**

Положительной стороной пассивной формы обучения является то, что за короткий промежуток времени можно демонстрировать огромное количество учебного материала. Но в современной педагогике пассивная форма обучения является малоэффективной.

Активная форма обучения - в отличие от пассивного, в процессе занятия ученики находятся во взаимодействии с педагогом, и они являются активными участниками образовательного процесса, так как при использовании данной формы роль и значение преподавателя с учеником равны (схема 2).




**Схема 2. Активная форма обучения**

Интерактивная форма обучения подразумевает обширное сотрудничество учащихся не только с педагогом, но и со своими одноклассниками. В данной форме обучения учащиеся должны показать большую активность, чем педагог. Задача

педагога заключается в том, что он должен руководить процессом занятия для достижения учебных целей (схема 3).




**Схема 3. Интерактивная форма обучения**

В педагогической литературе мы часто встречаем понятие «интеракционизм», которое основывалось на идеях Дж. Г. Мида, американского социолога. Понятие «интеракционизм» включает в себя два определения «интер» и «активность», что в прямом смысле означает быть в режиме взаимодействия или диалога, а понятие «взаимодействие» основывается на интерактивной форме обучения [4].

Можно сказать, что интерактивные формы обучения - это психологические взаимодействия и взаимоотношения людей в информационных, коммуникационных отношениях, которые реализуются в следующих действиях:

- умение участников группы взаимодействовать и быть в роли другого участника;
- навыки творческого раскрытия темы и разработка собственных идей;
- способность чувствовать, как оно воспринимается товарищем или группой [1].

Рассмотрим некоторые характеристики понятий «активное» и «интерактивное», так как эти понятия во многом имеют сходство, но существуют определённые различия между этими понятиями. Благодаря стремлению педагогов, с целью активизации познавательных возможностей учащихся, возникли активные методы обучения. Основная задача заключалась в активизации и развитии трёх компонентов: выполнение действий, речи и мышления учащихся. Также немаловажным аспектом активного обучения является умение личностно-эмоциональных восприятий информации со стороны учащихся. В зависимости от выбора форм обучения можно определить, как активизировать необходимые действия и наблюдать степень их формирования [3].

В педагогической науке для определения особенностей активных форм обучения используют следующие действия: методы и формы организации учебно-педагогических воздействий; упорство активации учащихся; особенности игровой и учебной деятельности; состояние и место проведения занятий и т.д. [4].

Активные формы обучения основываются на тактике следующих действий: конструирование и проектирование, решение необходимых задач, оригинальность действий, демонстрация знаний, умений и навыков и т.д. При решении какой-либо задачи на основе участия учащихся, также можно разделить активные формы обучения. Виды форм активного обучения строятся на основе контингента участников учебного процесса, например, коллективных, групповых, индивидуальных и т.д.; на местах

проведения, например, классные и внеклассные, экскурсионные, выездные и т.д.; на основе использования современного оборудования (презентаций, слайдов, интерактивных досок и т.д.).

Очевидно, что нет особых различий между активными и интерактивными формами обучения, но необходимо учитывать то, что интерактивные формы обучения достаточно широко могут использоваться во взаимодействии ученика с педагогом, а также между самими учащимися.

Таким образом, как мы уже отметили, интерактивные формы обучения объединяют диалоговые методы познания в образовательном процессе, то есть они организуют участников образовательной группы воедино, как метод особого познания. Такое обучение позволяет формированию навыков совместной работы и погружает участников в целенаправленное общение, так как в этой форме каждый обучает всех, и все обучают каждого. Особенность интерактивных форм обучения заключается в том, что при совместном изучении учебного материала, каждый из учащихся вносит свой отдельный вклад, и в итоге получается взаимообмен информациями. В этом процессе необходимо поддерживать взаимно-доброжелательную атмосферу. Такие действия позволят перейти на более высокие степени сотрудничества, развивая познавательную деятельность.

Интерактивные формы обучения в современном обществе с использованием сети Интернет приобретают иное содержание, но основное преимущество отдаётся сотрудничеству педагога с учениками и развитию навыков реализации опыта в социальной сфере, а также тесному сотрудничеству участников образовательного процесса.

**Литература:**

1. Емелина М.В. Интерактивное обучение в системе методической работы школы: [Электронный ресурс] / М.В. Емелина - Режим доступа: http://festival.1september.ru/ articles/313034/
2. Матвиенко Т.И. Интерактивные методы обучения как средство самовоспитания будущих учителей: дисс.к.п.н. 13.00.01 / Т.И. Матвиенко- Оренбург, - 2009. - 208 с.
3. Панфилова А.П. Игротехнический менеджмент. Интерактивные технологии для обучения и организационного развития: Учебное пособие /А.П. Панфилова - М.: Просвещение, - 2003. - 219 с.
4. Садыков Т.М. История развития интерактивных технологий: / Т.М. Садыков // Проблемы современного образования, - 2016. - № 4. - С. 51-53.

# ЧАНД ПАҲЛУИ ЯК ВОЖА

**Нурова Кубриё**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ба эътирофи абармардони ҷаҳони илму адаб забони тоҷикӣ (форсӣ) дар радифи хушлаҳну тавонмардтарин забонҳои дунё ҷойгоҳе арзандаву поянда дорад. Ба таъкиди пурифтихори устод Муҳаммадҷон Шакурӣ "забони форсӣ дар ҷаҳон чун яке аз муъҷизаҳои эҷодкории маънавии инсон шуҳрат ёфтааст".

Агар шорона бигӯем:

Ҳафт муъҷизи ҷаҳон муъҷиза нест,
Муъҷиза лафзи равони тоҷикон.

Аз ин ҷост, ки ҳама вожаву ифодаҳои ин забони неруманд, лаълосо назаррабову пурқимат буда, ба чанд гуна ҷило медиҳанд, бори гарони маънӣ мекашанд. Ба қавле, 366 паҳлу дорад ҳар як вожаи тоҷикӣ.

Вожаи **чун** аз қабили ҳамин гуна вожаҳост. Он дар забони тоҷикӣ хеле серистеъмол асту дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ. Ин хусусият **чун**, ба вижа дар байти зер ба гунаи саҳеҳу равшан инъикос ёфта:

**Чун** медонӣ, ки бе ту **чун** мегузарад,
**Чун** мепурсӣ, ки дар фироқам **чунӣ**.
("Фарҳанги забони тоҷикӣ" ҷ. 2).

Ин ҷо **чун** - и аввал ба маънои модом ки, дар ҳолате ки, **чун** - и дуюм ба маънои чӣ тавр, чӣ хел, **чун** - и сеюм ба маънои чаро, барои чӣ ва **чун** - и охир ба маънои чӣ гуна, дар чӣ ҳолат омадааст.

Маънирезиҳои вожаи **чун**ро ба тариқи зайл метавон тавзеҳ бахшид:

**1.** Ин вожа бештар аз ҳама ҳамчун адоти ташбеҳ (ба вазифаи пешояндҳои монанди, мисли, ба гунаи ...) корбаст мешавад.

Чунончи: Баъд ӯ дар дили бачаҳо **чун** холаи Мария ҷо гирифту дар қалби калонсолон **чун** апаи Моҳтоб. (А. Самад "Гардиши девбод", саҳ. 258).

Халқ чун оҳан, ту чун оҳанрабо гардидаӣ.
(Мирзо Турсунзода)

Ҳар сатри дафтари ман,
Чун мӯр меравад роҳ.
(Бозор Собир)

**2. Чун** ба вазифаи пайвандаки замон - вақте ки, ҳангоме ки, замоне ки.... серистеъмол аст ва дар ин вазифа онро муаллифи "Ғиёс-ул-луғот", ҷ. 1, саҳ. 264 номидааст. **Чун** шоҳиди маъноӣ:

Ман **чун** Душанберо ёд овардам, Гулнора пеши назарам омаду дилам беихтиёр таҳ нишаст ("Садои Шарқ").

**Чун** ниҳодам пойи худро бар сари хоки Ватан,
Борҳо бӯсидам аз рухсораи поки Ватан.
(Мирзо Турсунзода)

Воизон, к-ин ҷилва дар болои минбар мекунанд,
**Чун** ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.
(Ҳофизи Шерозӣ)

**3. Чун** дар ифода пурсиш (ба вазифаи ҷонишинҳои саволии чӣ тавр, чӣ гуна, чӣ хел ...) низ басо фаъол аст. Чанд далел:

Ӯ дар куҷосту аҳволи кӯдаконаш **чун** аст? (“Садои Шарқ”)

Напурсидӣ зи аҳволам, ки чун аст,
Биё, бингар, ки бе рӯйи ту чунам.
(Туғрал)

Дило, чунӣ, дило, чунӣ, дило, **чун**?
Ҳама хунӣ, ҳама хунӣ, ҳама хун!
(Анварӣ)

Ин маврид бояд таъкид кард, ки вожаи **чун** ҳам дар вазифаи ҷонишини саволии тарзи амалу ҳолат ( чӣ тавр, чӣ тариқ...) ва ҳам дар вазифаи ҷонишини саволии сифат (чӣ гуна, чӣ хел...) ба тариқи мувозӣ истифода мешавад ва басо нодир аст, холате ки дар ин вазифаҳо он ҷилои равшани тафовутӣ пайдо намояд.

Вожаи **чун** ба вазифаи пайвандаки сабаб (азбаски, аз сабаби он ки, бинобар он ки ...) низ зиёд ба назар мерасад. Мисол:

**Чун** дӯкон дар қарибии ҷойи кори ман қарор дорад, мо аксар рӯзҳо бо ҳам вохӯрдем. (маҷаллаи “Омӯзгор”).

**Чун** ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли мо,
Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас, илло ғариб.
(Камоли Хуҷандӣ)

Дар ин вазифааш вожаи **чун** бештар дар аввали ҷумла меояд.

**5.** Баъзан ба вазифаи ҷонишини саволии сабаб (чаро, барои чӣ, бо чӣ сабаб ....) низ омадани вожаи **чун** ба мушоҳида мерасад.

Гуфт зан: “Хайр аст, **чун** зуд омадӣ?
Ки мабодо зоти некатро бадӣ!”
Гуфт рӯбаҳ шерро:
К- эй шоҳи мо,
**Чун** накардӣ сабр дар вақти даго?”
(Мавлавии Румӣ)

**6.** Ҳамчун пайвандаки тобеъкунандаи шарт (агар...) истифода шудани **чун** низ, ҳарчанд камтар аст, ба назар мерасад. Чанд далел:

**Чун** зи чашма омадӣ, чунӣ ту хушк?
Гар ту нофи оҳуӣ, ку бӯйи мушк ?
(Мавлавии Румӣ)

Сел бекор каст, **чун** аз худ барорад чашма об,
Нафс чун туғён намояд, бартар аз шайтон бувад.
(Соиб)

**Чун** зи ғам бечора гардӣ, бода бо шодӣ бинӯш,
Ки ин асоси шодмонӣ чораи ғам мекунад.
(Фаррухии Яздӣ)

Дар ду байти аввал **чун** - ҳои нахустин ба вазифаи пайвандаки тобеъкунандаи шарт омадаанд.

Вожаи **чун** боз дар таркиби пайвандаку ҷонишинҳои чунон ки,ончунон ки, ҳамчунон ки, чунон, чуну чанд, чуну чаро, бечун .... омада, тобишҳои гуногуни маъноӣ мепазирад. Яъне, ин вожа василаи таркибу калимасоз низ мебошад.

Ҳамин тавр, вожаи чун тавассути сермаъноияш мутааллиқ ба се ҳиссаи нутқ: ҷонишин, пешоянд ва пайвандак аст ва дар се ҳолат (ба вижа, дар забони адабиёти классикиамон) фаровон истифода мешавад.

Мутаассифона, дар аксар дастурҳои таълимии забони тоҷикӣ аз ин вожаи ноб ёд нашудааст, на дар боби ҷонишинҳо, на дар боби пешояндҳо ва на дар боби пайвандакҳо.

Ҳатто дар дастури таълимии "Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" (Душанбе: Дониш, 1985, иборат аз се ҷилд, ҷ. 1, фонетика ва морфология) ба ин вожа танҳо дар боби пайвандакҳо (ҳамчун пайвандак) ду мартиба бидуни шарҳу тавзеҳе ишора шудаасту халос. Ин, ба назари мо, ноадолатӣ ва беэътиборист нисбат ба ин вожаи сермаънову серистифода.

Вожаи **чун** аз лиҳози сохт, маъно ва вазифаҳои грамматикиаш низ шоистаи омӯзиши дақиқ ва лоиқ ба таваҷҷуҳи вижа аст. Доираи истифодаи он васеъ буда, ба вижа, дар назм ва адабиёти классикӣ мавқеи фаъол дорад. Ин шояд боз аз он лиҳоз бошад, ки вожаи мазкур нисбат ба ҳама муродифҳои худ (дар кулли вазифаҳояш) рехтаву кӯтоҳ аст, шеърият дорад. Аз ин ҷост, ки шоҳидҳои маъноии дар ин мақола овардаи мо низ ғолибан мутааллиқ ба назманд.

Зикр бояд кард, ки вожаи **чун** дорои шакли мухаффаф ҳам мебошад: **чу**. Ин вожа (чу) ба истисноии як ҳолат ҷонишини саволӣ, дигар дар ҳама ҳолатҳо бо вожаи **чун** хусусияти муродифӣ дорад. Мутаассифона, мушоҳида мешавад, ки вақтҳои охир қаламкашони мо аз имконоту тобишҳои маъноии фаровони вожаи **чун** васеъ истифода намебаранд ва имрӯз он танҳо ҳамчун адоти ташбеҳ истифода мешавад.

Ниҳоят, вожаҳое ҳамсон ва ҳамвазни чун худ далели барҷаставу муътамади ғановату фасоҳат ва тавонмандии забони модариамон мебошанд. Хушо, ки кӯлвори пурғунҷоиши забони тоҷикӣ (форсӣ) пуропур аз чунин заррезаҳоест, ки бори гарони маънӣ гирифта. Вазифаи ҳар яке аз мо - соҳибзабонон аст, ки аз имконоти ин гуна нобвожаҳо огаҳии комил дошта бошем ва онҳоро саррофонаву бамаврид истифода намоем.

## ИГРОВЫЕ ТЕХНОЛОГИИ КАК ОСНОВА ИЗУЧЕНИЯ РУССКОГО ЯЗЫКА СТУДЕНТАМИ НАЦИОНАЛЬНЫХ ГРУПП

**Нурулоева З. К.**
**Технологический университет Таджикистана**

Изучение русского языка студентами национальных групп является процессом накопления и развития знаний о системе изучаемого языка, формирования и усовершенствования коммуникативных умений в различных сферах речевого общения. При этом выбор методической технологии приобретает особое значение,

способствующее повышению мотивации в усвоении как языкового, так и речевого материала.

Коммуникативно-когнитивный подход к обучению русскому языку как иностранному неразрывно связан с развитием познавательных способностей студентов, при активизации их речевых и мыслительных действий. Игровые технологии обучения ориентированы на стимулирование мыслительной и творческой деятельности студентов в процессе иноязычной учебной деятельности, что предполагает в процессе усвоения теоретических и практических знаний использование систем учебных игр.

Словесное наполнение используемых учебных игр охватывает общий объём языковых явлений, входящих в содержание курса «Русский язык» и предназначен для продуктивного усвоения языка. Применяются отдельные игры, направленные на отработку материала, овладение которого предусмотрено на этапе, который активно включается студентами при изучении языка.

Перспективное развитие образования в современных условиях связано не только с внедрением инновационных подходов в сфере преподавания иностранных языков, но и с повышением уровня профессиональной компетенции. Н.Е. Гордиенко отмечает, что в условиях развития современного общества знание нескольких иностранных языков является не только «визитной карточкой» образованного человека, но и необходимостью. Так показывает анализ теоретической литературы, что эффективность обучения студентов национальных групп русскому языку необходим инновационный подход, ранее не применяемый в рамках урока иностранного языка.

Большинство учебных игр относятся к одному из трёх основных типов игр:

- игры с правилами;
- игры - соревнования;
- ролевые игры.

Л.С. Выготский отмечал, что игра - это средство усвоения социальных установок. В процессе игры студенты реализуются через своё воображение. С психологической точки зрения игра является деятельностью, мотив и предмет которого лежит в самом процессе его осуществления. Игра в психологической концепции является деятельностью, мотив и предмет которой находятся в самом процессе её существования, то есть играя обучаем через общение, групповое взаимодействие на основе активной деятельности студентов. Через игру можно эмоционально воздействовать на обучаемых, активизируя при этом резервные возможности личности.

Цель **игровых технологий,** как ступень образовательного процесса, считается достигнутой, если она повышает мотивацию студентов к изучению языка, то есть организована с учётом индивидуальных способностей, так чтобы в неё включался каждый обучающийся, не чувствуя при этом дискомфорт. Именно они, как средство организации совместной учебной деятельности, моделируют межличностные групповые работы, позволяя обучить практическому овладению русским языком, активизируя речевую деятельность.

**Игры-соревнования.** Дидактические игры-соревнования дают возможность многократного использования слов в процессе соперничества участников в разрешении поставленных проблемных игровых целей, обеспечивая при этом их коммуникативную направленность.

Например, игра «Год, года, лет». Цель заключена в формировании навыков использования существительных, прилагательных и притяжательных местоимений в

дательном падеже в значении возраста. Подготовка к игре подразумевает список участников группы с указанием их возраста.

Ход игры: Каждый из участвующих студентов пишет на листе бумаги возраст всех участников группы, основываясь на знании или догадке. Завершивший работу первым получает право назвать возраст участников. Ведущий, пользуясь своим списком, сколько ошибок он допустил, не называя чей возраст указан не верно, при этом остальные ошибок участника не исправляют. Затем в игру вступают остальные участники по очереди до тех пор, пока одному из них не удаётся назвать правильно возраст всех товарищей. Он и становится победителем.

Технология игр-соревнований является универсальной в формировании языковых навыков: деятельность любого содержания может стать предметом соревнования. Само соревнование как приём обучения языку универсально не только в плане использования языковых средств, но и в плане решения проблемных задач, которые ставятся перед студентами. Обязательным является последовательность «от простого к сложному», соблюдаемая как в рамках отдельных занятий, так и в цикле последующих занятий.

Анализ остальных компонентов процесса преподавания русского языка как иностранного студентам, заслуживает пристального внимания при взаимодействии с ролевыми играми. Основное **значение ролевых игр** - развитие коммуникативных умений в ситуациях условного общения. Основные усилия преподавателя при ролевой игре должны быть направлены на максимальное соответствие интересам студентов и создание возможности реализации актуальных потребностей в познании, общении, самовыражении и т.д. При этом необходимо изучать и учитывать индивидуальные особенности обучающихся, их статус в обучающейся группе и добровольное участие.

Вовлечение студентов в коллективное общение в изучении русского языка, способствует интеллектуальному и речевому развитию будущих специалистов. Кроме того, они приучаются слушать себя и слышать сокурсников, оценивая при этом правильную или неправильную монологическую русскую речь или диалог, обращая внимание на свои и чужие ошибки. Ролевая игра обладает большими возможностями в практическом, образовательном и воспитательном плане, способствуя при этом расширению сферы общения студентов. Она предполагает предварительное усвоение языкового материала в тренировочных заданиях и развитие соответствующих навыков, которые позволят обучающимся сосредоточиться на содержательной стороне высказывания. На всех этапах обучения русскому языку ролевой игре следует отводить достойное место.

На основании вышесказанного можно сделать следующие выводы:

- ❖ При обучении студентов русскому языку как иностранному языку на занятиях могут быть успешно реализованы игровые технологии.
- ❖ При применении игровых технологий предоставляется возможность активизировать речевую деятельность студентов, что позволяет им эффективнее преодолевать «языковой барьер» при общении на русском языке.
- ❖ Наиболее эффективными являются игры на социально-бытовые темы при равноправном участии всех студентов обучаемых групп.
- ❖ Деление студентов в маленькие подгруппы позволяет преподавателю использовать индивидуальный подход к каждому студенту в процессе использования игровых технологий.

**Литература:**

1. Акишина А.А., Коган О.Е. Учимся учить. Для преподавателя русского языка как иностранного. Учебное пособие. - 3-е изд., испр. и доп.. - М.: Рус. яз. курсы, - 2004.
2. Игнатова И.Б., Петрова Л.Г., Самосенкова Т.В. Обучение русскому языку иностранных студентов-русистов в русле концепта «языковая личность». Монография. - Белгород: Изд-во БелГУ, - 2003.
3. Витлин Ж.Л. Современные проблемы обучения грамматике иностранного языка // Иностранные языки в школе. - 2000. - №5. - С.12.
4. Китайгородская Г.А. Интенсивное обучение иностранным языкам. Теория и практика. - М.: Русский язык, - 1992. - С. 254.
5. Матвеева Н.В. Ролевая игра. // Игра - дело серьёзное. - 2005. № 4. - С. 34-38.
6. Филатов В.М. Методическая типология ролевых игр. // Иностранные языки в школе. - М.: Просвещение, - 1998. - С.130.

## ТАЪСИРИ УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

**Ризвонова У. М., Маҳмадҷонов И.Қ.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Баланд бардоштани сифати таълим на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Дар замони имрӯза рушди стратегии шахсият, ҷомеа, миллат ва давлат аз сатҳи сифати таҳсилот вобастагии калон дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бо муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ таъкид карда буданд, ки “Низоми муосири таълим, ки хоси даврони истиқлолият мебошад, барои баланд бардоштани сифати таълим ва бедор кардани завқу ҳаваси хонандагон ба донишомӯзӣ мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, омӯзгоронро зарур аст, ки ҷиҳати омӯхтани навгониҳои илмиву таълимӣ, таҷрибаи пешқадам ва такмили маҳорату малакаи касбии худ мунтазам кӯшиш намоянд[7]”.

Воқеан, усули нави таҳсилоти муосир дар муқоиса бо таҳсилоти охири асри гузашта хеле тағйир ёфтааст. Истифода аз технологияҳои наву муосир ба таҷрибаю фаъолияти касби омӯзгорӣ низ таъсири бевосита расонида, барои рушду такмили ин соҳа мусоидат намуда, барои татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди

таълиму тарбияи донишҷӯ заминаи мусоид фароҳам овард. Ин ҳама навгонию инноватсиягардонии ҷомеаи имрӯзи Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир, пеш аз ҳама, фазои наву солим, табдилу рушди таълими анъанавӣ, талаботу муҳимоти замон буда, барои офаридани зеҳниятҳои рушдпазир, имконияти офаридани тафаккурҳои созандаю бунёдкор мебошанд, барои рушди инсон хусусан насли ҷавони таълимгиранда.

Мафҳуми "Инноватсияҳои педагогӣ" аз тарафи олимони соҳаи илми педагогика бо якчанд мафҳумҳо шарҳ дода мешавад, масалан, инноватсия дар раванди педагогӣ – навоварӣ дар фаъолияти педагогӣ, тағйирот дар мундариҷа ва технологияи таълим, тарбия бо мақсади баланд бардоштани самарнокӣ [9; 198].

Истифодаи усулҳои нави таълим аз ҷониби омӯзгорон бо сабабҳои зерин ҷорӣ карда мешаванд:

- инкишофи ҳаёти иҷтимоии ҷомеа тавре ташаккул ёфтааст, ки нисбат ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ талаботи махсус дорад. Онҳо бояд дигар дониши хушку беамал ва маҳорати ҷалбкунанда надошта бошанд, балки дар амалисозии фаъолияти касбии худ тавассути таҳлил, синтез ё тарҳрезӣ қарорҳои дуруст, беҳтарин ва ғайримуқаррарӣ қабул карда тавонанд;
- реҷаи инноватсионии рушди маориф ташаккул ёбад;
- талаботи рақобатпазир будан дар бозори меҳанати имрӯза дар он аст, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои интихоби касби ояндаи худ, ташаккул ва рушди салоҳиятҳои ивазнашаванда, аллакай, дар раванди таълим бояд ҳавасманд ва омода бошанд;
- ҳатмӣ будани азхудкунии технологияҳои муосири педагогӣ, воситаҳо ва усулҳои алоқаманд бо талаботи ҷомеа ба кормандон, навсозии хизматрасониҳои таълимӣ ва рақобпазир будани корхона ва ташкилотҳои мурочиаткунанда.

Имрӯз дар системаи маориф усулҳои инноватсионӣ мавқеи махсус доранд. Усулҳои инноватсионӣ - усулҳои нав ва муосир дар фаъолияти педагог - омӯзгор мебошанд, ки ҳамчун воситаи самаранок ба рушди фаъолияти маърифатӣ, коммуникативӣ ва шахсии донишҷӯён таъсир мерасонанд.

Барои омода кардани хатмкунандагони муассир, ҳамчун мутахассисони баландихтисос дар тамоми самтҳои муҳимми таҳсилоти касбӣ ва ҳаёти минбаъдаи онҳо салоҳиятдор, инчунин дар бозори меҳнат рақобатпазир будан, омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Яке аз омилҳои муҳим - ин истифодаи усулҳои инноватсионии таълим мебошад, ки барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди фаъолияти маърифатӣ, коммуникативӣ ва шахсии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Дар тӯли чандин асрҳо муассисаҳои таълимӣ ба қадри кофӣ таҷрибаи калони омӯзиши таълимгирандагонро ба даст оварданд. Барои омӯзиши усулҳои таълим олимони соҳаи педагогика саҳми арзандаи худро гузоштаанд. Азҷумла олимони варзидаи тоҷик: профессорон М. Лутфуллоев, Шоҳиён Нуралӣ, Ф. Мирзоахмедов, олимону профессорони берун аз кишвар И.М. Чередов, В.К. Дяченко, В.А. Сластенин, И.Я. Лернер, В.И. Загвязинский ва дигарон. Доир ба мафҳум, таснифот ва истифодаи самаранокии усулҳои таълим фикру ақидаҳои гуногун ба миён омаданд.

Ба андешаи ман, бо назардошти мавҷуд будани усулҳои гуногуни таълим, то имрӯз фикру ақида ва ё нуқтаи назари ягона доир ба татбиқи усулҳои инноватсионӣ дар соҳаи таълими педагогӣ ташаккул наёфтааст. Ҳар як педагог - омӯзгор аз таҷрибаи фаъолияти худ то чӣ андоза самаранок будани усулҳои таълим нуқтаи назари худро

иброз медорад.

Имрӯз дар раванди таълим технологияҳои нави инноватсионӣ вобаста аз шакли машғулият ва имкониятҳои мавҷудбуда истифода бурда мешаванд, ки якчанд намуди онҳоро қайд мекунем:

- ✓ омӯзиши амалӣ;
- ✓ технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ ё мултимедия барои намоишҳо;
- ✓ технологияҳои интерактивӣ;
- ✓ технологияи лоиҳавӣ;
- ✓ усули лоиҳаҳо;
- ✓ таълим дар асоси бозӣ;
- ✓ технологияи тадқиқотӣ ё гузаронидани тадқиқоти таълимӣ;
- ✓ веб-квестҳо;
- ✓ кейс - технологияҳо (Case-study - таҳлили ҳолатҳои мушаххас ё тасодуфӣ дар ягон соҳа);
- ✓ дарсҳои интернетӣ;
- ✓ дарсҳо бо истифодаи технологияҳои интернетӣ.

"Самаранокию муваффақиятнокии методҳои таълим ҳамон вақт аён мегардад, ки агар истифодаи онҳо ба инкишофи мустақилиятнокӣ ва фаъолнокии эҷодӣ мусоидат кунад ва толибилмон тавонанд мустақилона донишҳоро ба даст биёранд [8; 56]".

Яке аз моҳияти технологияҳои инноватсионӣ дар он аст, ки раванди таълимро дар шакли муколама ташкил медиҳанд, шавқу рағбати донишандӯзии донишҷӯёнро зиёд намуда, ба онҳо барои озодона фикри худро баён кардан, таҳлили ҳолатҳои мушкилот ва ба дарёфти роҳҳои самарабахши ҳалли онҳо кумак мерасонанд. Чунин усулҳо имконият медиҳанд, ки сатҳу сифати таҳсилот ва сатҳи дониши донишҷӯён баланд шуда, маҳорату малакаи эҷодии онҳо инкишоф ёбад, то дар оянда дар фаъолияти касбии онҳо истифода карда шаванд.

Албатта, истифодаи усули таълим дар он ҳолат самаранок ҳисобида мешавад, ки ба зеҳну рушди тафаккури шахс таъсирбахш бошад ва боиси ташаккули маҳорату малакаи эҷодии таълимгирандагон ё донишҷӯён шуда тавонад. Бо ин мақсад дар раванди таълим истифодаи технологияҳои нав ва усулҳои таълим дуруст ба роҳ монда шавад. Дар баробари ин зарур аст, ки вобастагии назариявию амалии таълим мазмунан мутобиқ бошанд, яъне донишҳои назариявие, ки донишҷӯён ба худ мегиранд, дар амал татбиқ карда шаванд. Инчунин истифодаи мақсадноки он боиси иҷрои ҳадафҳои таълиму тарбия гашта, ба инкишофи зеҳн мусоидат намоянд ва асоси ташаккули хислатҳои ҳамидаи донишҷӯён гарданд.

**Адабиёт:**

Бурхонова Д.С. Инновационные методы обучения в высшем образовании. Инновац. экономика: Перспективы развития и совершенствования, №2 (7), - 2015.

Зельдович Б.З. Роль активных методов в интенсификации учебного процесса. Инновационные методы в образовании. Сборник материалов международной научно-практической конференции 3-10 мая 2008 г., - Москва: Изд. ИГУМО, - 2008.

Лазарев В.С., Мартиросян Б.П. Педагогическая инноватика. - Москва: Изд. Багира-2, - 2006.

Маликова Н.Р. О некоторых инновационных методах преподавания социологии // Социс, - 2002, - № 2.

Методҳои самараноки таълим (Дастури таълимию методӣ барои омӯзгорон). - Душанбе: Матбуот, - 2008. - 240 с.

Оплетина Н.В. К вопросу о роли российской системы образования в инновационной экономике. Научные труды (Вестник МАТИ). Вып.21 (93) - М.: МАТИ, - 2013. - С. 340-343.

Осмоловская И.М. Инновации и педагогическая практика // Народное образование. - 2010. - № 6. - С. 182-188.

Носиров С.Ш. Педагогика ва психология: воситаи таълимӣ барои магистрантони ихтисосҳои иқтисодӣ. - Душанбе: Ашуриён, - 2021. - 288 с.

Педагогика: большая современная энциклопедия / авт.сост. Е.С. Рапацевия. - Минск: Современное слово. - 2005. - 720 с.

Симоненко Н.Н. Управление образовательными услугами с применением инновационных методов обучения // Вестник Тихоокеанского государственного университета. - 2012. - № 2. - С. 201-206.

# ИСТОРИЯ КОРСЕТНЫХ ИЗДЕЛИЙ

**Сайфулоева Н. А.**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Корсет (фр. corset, от фр. corps - «тело») - предмет одежды в виде широкого пояса с вшитыми упругими пластинками, туго охватывающими нижнюю часть грудной клетки и живот для придания фигуре изящной осанки и стройной талии [1].

Корсет, как правило, на спине фиксирует шнуровка, впереди - застёжка на крючках или на пуговицах. Корсет используют для создания желаемого силуэта: он подчёркивает стройность фигуры (визуально уменьшая талию и увеличивая плечи), поддерживает грудь (создавая видимость объёма и упругости), создаёт нужную (или модную) осанку. Плечевые ремни на некоторых версиях корсетов разворачивали плечи подобно современным ортопедическим реклинаторам для поддержания гордой осанки.

В середине XIX столетия корсеты стали предметом резкой критики со стороны медиков. Врачи настаивали на негативном влиянии корсета на женский организм - медицинская критика фактически вытеснила отрицательную оценку этого вида одежды моралистами.

Обычно корсет охватывал торс, начинаясь или на уровне подмышек, или непосредственно под грудью и заканчиваясь над бёдрами, иногда заходя на них. В некоторых случаях и в некоторые эпохи (например, около 1905 года) доходя до колен.



**Корсет «песочные часы», образца 1878 года**

Корсеты шьют из мягкого материала (ткани, кожи, и тому подобное) с жёсткими упругими вставками из дерева, китового уса или стали в специально создаваемых карманах.

С одной стороны корсета (обычно со спины, также может быть спереди и с одного или обоих боков) делается шнуровка. С её помощью регулируется талия корсета. Для корсетов со шнуровкой сзади нередко делают спереди две жёсткие планшетки из дерева или стали с застёжками для более удобного снятия и надевания - бюск.



**Нормальная женская грудная клетка**



**Женская грудная клетка, изменённая в результате ношения корсета**

Также был известен более короткий вид корсета, охватывающий только талию, под названием «поясная подпруга» (англ. waist cincher). На некоторых корсетах крепились подвязки для чулок. Нередко корсет поддерживал пышное платье, распределяя по всему телу вес кринолина или турнюра.

Корсет был важной частью женской (а в некоторых случаях и мужской) одежды на протяжении нескольких столетий. Его использовали для трансформации силуэта и коррекции форм тела. Слово «корсет» происходит от старофранцузского cors или латинского corpus - тело. Термин и понятие, скорее всего, появились около 1300 года, когда слово стало обозначением для украшенного кружевом корсажа.

Считается, что в европейском костюме Нового времени корсет появился в XVI веке, но эта форма одежды была известна и ранее: его наиболее ранние образцы принято связывать с крито-микенской культурой и датировать 2000-1600 годами до н. э.. Скорее всего, в системе культуры Крита и Микен корсет использовался не как нижняя одежда, а в качестве внешнего элемента костюма.

У французских солдат XVI века имелся предмет одежды, по-французски именовавшийся corselet - доспехи, прикрывающие верхнюю часть туловища. Сходство между женскими и мужскими латами не укрылось от внимания современников: Валери Стил Корсет. Не существует единого мнения о том, где именно, в какой стране и при каком дворе, появился корсет. Основных гипотез две: местом изобретения корсета считаются Испания и Франция.

Согласно одной из версий инициатором использования корсета была Екатерина Медичи - она сделала корсет элементом придворной моды во Франции около 1550 года. Согласно другой - корсет появился при Испанском королевском дворе, по инициативе Жуаны Португальской и со временем стал символом церемониального величия.



Неизвестный художник. Елизавета I в коронационном платье, 1559. Национальная портретная галерея, Лондон.



Уильям Скротс. Елизавета I в возрасте 13 лет, около 1546. Британская королевская коллекция, Виндзорский замок.



Алонсо Санчес Коэльо. Елизавета Валуа, королева Испании, около 1560. Художественно-исторический музей, Вена.

Корсеты XVI века демонстрировали коническую форму. Их основной идеей было не создание узкой талии, а поддержание прямой линии корсажа и его гладкой поверхности. Корсеты XVI века делали из нескольких слоёв проклеенной ткани - внутренние металлические конструкции составляли, скорее, исключение, чем правило. Переднюю часть корсета закрывала расшитая клиновидная накладка «стомак» - её использовали в декоративных целях.

В эпоху королевы Елизаветы I в корсетах использовали китовый ус - благодаря этому корсет мог повторять очертания тела. К корсету пришивали неширокую баску. В поздний елизаветинский период баска состояла из двух частей и располагалась по

бокам. Королева Мария Тюдор демонстративно избегала использования корсета, видя в нём символ лёгкости нравов - этот элемент одежды был связан с именем её политического противника, королевы Елизаветы I.

**Литература:**

1. Андреева Р.П. Корсет // Энциклопедия моды. - СПб.: Издательство «Литера», - 1997. - С. 210-212. - ISBN 5-86617-030-2.

2. Бетрозов Р. Об адыгском корсете // Исторический вестник. III вып. - Нальчик: КБИГИ, - 2006. - С. 202-210.

3. Буровик К.А. Корсет // Красная книга вещей: Словарь. - М.: Экономика, - 1996. - С. 29-30. - 215 с. - ISBN 5-282-01639-7.

4. Глинкина Л.А. Корсет // Иллюстрированный словарь забытых и трудных слов русского языка: ок. 7000 единиц:/Л.А. Глинкина; худож. М.М. Салтыков. - М.: Мир энциклопедий Аванта+, 2008. - С. 151-432. - ISBN 978-5-98986-208-5.

5. Васильева Е. Феномен женского и фигура сакрального // Теория моды: тело, одежда, культура, № 42, 2016-2017. - С. 160-189.

6. Демиденко Ю. Бельё и реклама: взгляд мужской и взгляд женский // Теория моды: тело, одежда, культура, № 41, - 2016. - С. 57-72.

# РУШДИ АНЪАНАҲОИ ОРОИШ БО РАНГ ВА МУНАҚҚАШГАРДОНИИ МАҲСУЛОТИ КЕШБОФӢ

**Содиқова С. А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Бонувони ҳунарманди тоҷик метавонистанд рангҳоро хеле нозукона интихоб кунанд ва аз тариқи беҳтарин онҳоро дар ҳамбастагӣ истифода баранд. Рангҳои тобон афзал дониста мешуданд, аз ин рӯ, таркиб ва сифати тайёркунии рангҳои нассоҷӣ, инчунин доштани малакаи дуруст ранг кардани ресмонҳо, аҳамияти калон доштанд. Сайри таърихӣ дар заминаи маводи бостоншиносӣ ва маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ нишон дод, ки дар санъати рангкунии ресмонҳо ва аз онҳо истеҳсол кардани маҳсулоти бисёррангаро тоҷикон ҳасорсолаҳо қабл аз худ кардаанд.

Дар ҳунари пашмбофии миллӣ барои тайёр кардани матоъҳои бисёрранга ресмонҳои рангашон гуногуни табиӣ истифода мешуданд. Дар тафриқа бо ин, кешбофиро аз ресмони рангшуда иҷро мекарданд. Қайд мекунем, ки тавассути ҳалқапартоӣ бофта баровардани нақши бисёрранга аз ресмонҳои пашмии рангашон ҳархелаи табиӣ низ имкон дорад, вале барои маҳсулоти кешбофии анъанавӣ ресмонҳои рангашон тобону чашмхарош заруранд. Талаб карда мешавад, ки тазоди рангҳои ҳамсоя таъмин гардад: ранги сафед бо сурх, ранги зард бо бунафш ва ғайра. Ҳар як ранги навбатӣ бояд баҳри ба тамоми зебоӣ ҷило баровардани ранги дар паҳлуяш қарордошта мусоидат кунад, ёрӣ диҳад, ки он аз масофаи дур намоён гардад.

Дар кешбофии анъанавии тоҷикон танҳо рангҳои табиӣ истифода мешуданд, ба ҳар ҳол то он замоне, ки рангҳои кимиёии аз Русия воридшаванда дӯконҳои бозорҳои

Осиёи Миёнаро пур накарданд. Чун қоида бонуҳои ҳунарманд барои ресмонҳоро барои кешбофӣ худашон ранг мекарданд ва афзалан бо мақсади сарфакорӣ рангҳоро низ бо дасти худ тайёр менамуданд. На ҳамаи растаниҳои рангдиҳанда дастрас ва на ҳар намуд рангубор барои рангдиҳии ресмони кешбофӣ истифода мешуданд. Масалан, қирмизӣ танҳо барои рангкунии абрешим ба кор мерафт ва бо он ресмони пашмиро ранг намекарданд[8]. Баъзе тафриқа дар намудҳои маводи рангкунанда, ки аз онҳо дар водиҳо ва навоҳии кӯҳистон истифода мебурданд, низ мушоҳида мешуданд.

Дар кӯҳистони Тоҷикистон барои тайёр кардани ранги зард интихоби васеи ашёи хом мавҷуд буд. Ин гуна рангуборро аз ҷоғари дарахти чормағз, тут ва себ, гулҳои растании зардгун, навъи алафе бо номи ҳасанак, решаҳои буттаи зирк ва шилха ҳосил мекарданд. Ҷоғари дарахтонро ҷамъ оварда, онро мекӯфтанду дар об меҷӯшонданд. Пашмро аввал мешустанд, сипас дар маҳлули зок обпаз карда, дар маҳлули рангии аллакай тайёршуда меҷӯшонданд. Ранги зардро инчунин бо роҳи обпаз кардани сиёҳии дуди дар шифти хона нишаста тайёр мекарданд[9]. Дар натиҷаи обпаз намудани гулҳои растании маъсар ҳамроҳи ширеши зардолу ва зок низ ҳамин гуна рангубор ҳосил мешуд. Ғайр аз ин, ранги зард тариқи ҷӯшонидани гулҳои растании зардгун ҳамроҳи ишқор ба даст меомад. Дар бораи аз ҳино ва решаи дарахти чормағз ҳосил кардани ранги зард низ маълумот вуҷуд дорад. Барои тайёр кардани ранги зарди сурхтоб аз заъфарон истифода мебурданд. Барои норанҷӣ кардани ресмон, онро нахуст дар ранги сурх ва сипас дар ранги зард меҷӯшонданд.

Барои ҳосил кардани рангубори сурх рӯян истифода мешуд. Ранги дар асоси он тайёршуда қавӣ буда, аз таркиби ресмон берун намешуд. Дар натиҷаи тағйир додани ғализии маҳлул тобишҳои гуногуни ранги сурх ба даст меоваранд. Вобаста ба маводи тезобдиҳӣ рангҳои сурх, гулобӣ, қирмизӣ, норанҷӣ ва қаҳвагиро ҳосил мекарданд.

Тавассути коркарди меваҳои рӯян ранги бунафши равшанро ҳосил мекарданд. Бо роҳи дигар ресмонро нахуст дар рангубори сурх ва сипас дар рангубори кабуд ҷӯшонда, ба он тобиши бунафш мебахшиданд. Дар кӯҳдоманҳои водии Фарғона барои тайёр кардани рангубори бунафш ва сурх ҳанӯз аз давраи Сомониён дарахти бақам истифода мешуд.

Барои ҳосил кардани ранги кабуд бештар маводи воридотӣ (нил, дарахти сандал) ба кор мерафт. Дар водии Рашт ва Дарвоз ин гуна рангуборро дар асоси маводи табиии маҳаллӣ (решаҳои марҷумаки бухороӣ ва пӯсти сабзи чормағз) низ ба даст меоварданд.

Барои ба ресмон бахшидани ранги сабз тоҷикони муқими кӯҳистон аввал ба он ранги сабз бахшида, сипас ресмонро дар рангубори кабуд коркард мекарданд. Дар Рӯшон ранги сабзро дар асоси меваҳои растании номаш раварзунҷ тайёр мекарданд.

Ба ресмон бо истифода аз ишқор ранги сафед медоданд. Барои ҳосил кардани рангубори сиёҳ пораҳои куҳнаколаи оҳаниро тайи чанд рӯз дар дохили хуми обдор нигаҳ медоштанд. Сипас ин моеъро гарм карда, ба дохилаш ширеши зардолу ва зок

меандохтанд. Ҳангоми тафсондан оксиди обдори оҳан ба вуҷуд меомад, ки он рангубори сиёҳ мебошад.

Дар кӯҳистони Тоҷикистон ба дохили об навшодир, пӯсти анор ва резаи оҳансоврo гузошта, дар дохили чунин моеъ ресмонро ду маротиба меҷӯшонданд. Дар болооби Зарафшон, Рашт ва Дарвоз барои ҳосил кардани ранги сиёҳ ҳамроҳ бо оҳансов гулҳои тугмачагули сиёҳро бо иловаи навшодир истифода мебурданд. Сокинони Бадахшон ранги сиёҳро аз пӯсти мулоими берунаи чормағз дар ҳолати тару тоза ё хушкшудаи он тайёр мекарданд. Бонуҳои шуғнонӣ барои сиёҳранг кардани ресмон донаҳои қоти сиёҳро дар дохили кӯза турш менамуданд. Дар Қаратоғ бошад ресмонро дар дохили маҳлули зичи рангаш кабуди баланди дар асоси нил тайёршуда тира мекарданд.

Умуман бонуҳои ҳунарманди тоҷик дар ҷодаи тайёр кардани рангубор ва рангкунии ресмонҳо маҳорати баландро касб карда буданд, ки дар ин бобат ҳамбастагиҳои ботаровату тобон ва дилписанди нақшунигори бисёррангаи ҷуробҳо ва дигар маҳсулоти кешбофии миллӣ шаҳодат медиҳанд.

Рамзнокии рангҳои истифодашаванда ташкилдиҳандаи муҳими маҳсулоти кешбофии анъанавии тоҷикон мебошад. Ранги сафед ранги некӯкорӣ ва тозагист. Дар фарҳанги миллӣ либоси сафед рамзи покизагии ботинӣ, ҳаёти беғубору хушбахтро ифода мекунад, аз ин рӯ аққалан як пероҳани тӯёнаи арӯс бояд сафед бошад. Ҳамзамон, дар кӯҳистон Тоҷикистон ранги сафед, ба мисли кабуд ва сиёҳ, ранги пероҳани мотамӣ ба шумор меравад. Ранги сабз рамзи ҳаёт, эҳёи табиат, ормон ва ҷавонӣ мебошад. Он ба сифати яке аз рамзҳои дини ислом, ранги либос ва болини аҳли биҳишт дониста мешавад. Ислом ба ранги сурх низ мусбат муносибат мекунад. Садбарги сурх, мисли оташ, таъкид ба ҳамду санои яздонӣ мебошад.

Оташ дар дини зардуштӣ неруи табиии муқаддас ва таҷассуми адолати худовандиро ифода мекунад. Занҳои тоҷик дар ҷуробҳояшон ранги сурх, мардҳо ранги сафедро афзал медонанд.

Ҳамбастагии нақшро ҳанӯз то кешбофӣ интихоб мекарданд, вале ҳангоми нақшбарорӣ нияти ҷорӣ ва амали бетайёрӣ аҳамияти асосӣ доштанд. Нақш дар раванди ҳалқапартоӣ, аз як қатор ба қатори дигар тавлид мешуд. Мавзуъҳои содаи маҳсулоти кешбофӣ мазмуни амиқ доранд ва рамзианд. Бауслубдарории нақшҳо моҳирона буда, ба қонуният оварда шудааст, муназзам аст, аз ин рӯ ҷуробҳо моҳиятан асарҳои санъат мебошанд. Нақшҳои мураккабро бо ресмонҳои сершумори иборат аз даҳҳо ранг бофта мебароварданд. Намунаи ҷуробе ба қайд гирифта шудааст, ки дар нақшаш ҳаштод рангро истифода бурдаанд.

Нақшҳои зооморфӣ дар ороиши маҳсулоти кешбофӣ аҳамияти соҳирӣ-муқаддасӣ дошта, аз чашми бад муҳофизат мекунанд, рамзи серҳосилӣ ва таманнои ҳаёти осуда мебошанд. Дар симои ҳайвоноти ваҳшӣ кӯҳистониҳо бошандагони дунёи мавҷудоти ғайритабиӣ, аҷдодашонро медиданд. Ба ин қатор ҳамбастагиҳои зерин шомиланд: пайи пишак, нохуни паланг, каждумак, пайи гург (вурджбидх), чорчашм, аждарпайкар, чашмак (сифсак).

Тавассути мавзуи шох парастиши симои ҳайвонҳои ваҳшӣ (нахчир, кӯшқори кухӣ) ва хонагӣ (кӯшқор, гов, қутос) ифода мешуданд. Гӯшти бузу гӯсфанди кӯҳиро тоҷикони кӯҳистонӣ ҳалол ва шоххҳояшонро муқаддас медонистанд. Ин ҷуфтсумҳо бошандагони баландкӯҳҳо мебошанд ва дар байни мавҷудоти зинда ба осмон наздиктар ҳастанд, пас дар онҳо малоикаҳо таҷассум ёфтаанд.

Анъанаи тасвири шоххо дар давраи исломӣ боқӣ монд. Дар кешбофӣ пари товус, синаи боз, мурғак (чаҳак, кабк) заризак ва ғайра намунаҳои нақшҳои орнитоморфӣ мебошанд. Парандаҳо рамзи Офтоб, шамол, ҳаво, абр, раъду барқ, оташ мебошанд. Ҳамзамон, дар тасвири онҳо холиқ, сафири худо, пайғамбарӣ, абадияти рӯҳ, илҳом ва ғайра таҷассум меёбанд.

Дар мавзуи нақшҳои маҳсулоти кешбофӣ ҷузъҳои аломатии ориёии қадимӣ ба назар мерасанд. Свастика - гардунаи хуршед (чархгардонак) нақшест, ки дар он ки чаҳор унсур (оташ, об, ҳаво, замин) таҷассум ёфтаанд. Рамзи он маънии тавлиди ҳаёти доимо дар ҳаракат буда, некӯаҳволӣ, Офтоб ва равшанӣ, некӣ ва фаровонӣ, саодатмандӣ ва некбахтӣ дорад. Мавҷудияти ин мавзуъ такрорёбии фарҳанги зардуштист.

Дар ороиши намунаҳои зиёди маҳсулоти кешбофӣ мавзӯъҳои алоқаманд бо Офтоб, моҳтоб, ситора вомехӯранд. Пайдошавии парастиши ҷирмҳои осмонӣ аз замони паҳншавии дини зардуштӣ ва ақоиди динии аз он ҳам қадимтар сарчашма мегирад. Дар байни гурӯҳи худоҳои зардуштӣ Офтоб яке аз худоҳои асосӣ ба шумор мерафт.

**Адабиёт:**

1. Иброхимов М.Ф. История текстильного производства таджиков. - С. 120, 305-313.
2. Посланник Петра I на Востоке. - С. 85; Фелькерзам А. Старинные ковры Средней Азии. - С. 82.
3. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. - Нашри 2. - С. 211; Ершов Н.Н. Ткачество. - С. 224.
4. Писарчик А.К. Примечания и дополнения. - С. 378.
5. Памирские джурабы [Захираи электронӣ].
6. Ершов Н.Н. Каратаг и его ремёсла. - С. 46, 224.
7. Ершов Н.Н. Ткачество. - С. 224.
8. Беленицкий А.М. Средневековый город Средней Азии. - С. 273.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ И РОЛЬ РУССКОГО ЯЗЫКА В ПОИСКОВОЙ СИСТЕМЕ

**Таирова Д.Р.**
**Технологический университет Таджикистана**

За последние несколько лет в связи с активным внедрением информационно-коммуникационных технологий произошли значительные изменения в развитии и функционировании русского языка в интернете. Процесс детализации - перевода информации в цифровую форму - ознаменовал начало новой эры развития личности, общества, коммуникации и культуры. Значительно изменился подход к русскоязычной речевой практике в информационном пространстве.

Адаптация русского языка в условиях его перехода в интернет-пространство обусловила существенные изменения в лингвистических, культурологических, литературоведческих, психологических и массмедийных научных исследованиях. Стремительные изменения личности и общества, переплетение онлайн и офлайн коммуникаций, рождение новых форматов в языке и стиле виртуального общения требуют непрерывного корректирования терминологического аппарата.

За последние 5 лет развитие Интернета стабилизировалось, а сам Интернет стал новой, но уже неотъемлемой частью жизни общества, новым измерением того пространства, в котором наше общество существует и развивается. С одной стороны, это измерение существует лишь в переплетении компьютерных сетей и в этом смысле 3 является идеальным, с другой стороны, в нём активно действуют его реальные создатели и пользователи, реализуя свои разнообразные потребности, от научных исследований до развлечений.

Русский язык освоил Интернет не только в качестве субъекта функционирования, но и как объект обсуждения. Достойное место занимают в Интернете исследования, посвящённые различным вопросам психологии и психолингвистики, массовой коммуникации и культурологии, журналистики и современного русского и сравнительного языкознания, русистики и изучения русского языка как иностранного.

В Интернете представлен весь русский язык в его лексическом, синтаксическом разнообразии, со всеми актуальными процессами, проблемами и особенностями сегодняшнего дня, во всех речевых реализациях, так как день ото дня аудитория Интернета становится всё более широкой и разнообразной. Русский язык функционирует в Интернете в многочисленных и разнообразных речевых ситуациях. Ведь Интернет - это человеческая мысль, которая имеет языковое воплощение и не может быть высказана и воплощена в жизнь, минуя своё речевое оформление. Пользователи позиционируют себя в Интернете именно через речь, делая всевозможные заявки, размещая свои высказывания, участвуя в дискуссиях и т.д.

Поисковая система - мощное программное обеспечение, которое помогает людям находить информацию, которую они ищут в Интернете, используя ключевые слова или фразы. Поисковые системы способны быстро выдавать результаты - даже при наличии миллионов веб-сайтов в сети - за счёт непрерывного сканирования Интернета и индексирования каждой найденной страницы.

Когда пользователь вводит поисковый запрос, поисковая система просматривает заголовки страниц веб-сайта, содержание и ключевые слова, которые она проиндексировала, и использует алгоритмы (пошаговые операции) для создания списка сайтов, где наиболее релевантные веб-сайты находятся вверху списка.

Одними из самых популярных поисковых систем среди пользователей в СНГ являются Яндекс и Google (русская страница). Сравним их и выявим основные достоинства и недостатки каждой.

**Яндекс -** отечественная поисковая система, основной конкурент Google в СНГ. С её помощью можно искать не только текстовые запросы, но и картинки, и карты городов. Позволяет искать документы на русском, татарском, украинском, белорусском, английском, немецком и французском языках.

У Яндекса есть несколько преимуществ перед Google. Он чаще используется в СНГ. Алгоритм Яндекса работает с большим количеством методов ссылочного спама. Есть несколько рекламных компаний, которые продают ссылки для повышения поискового рейтинга. Это основная причина, по которой Яндекс не любит

использовать ссылки в своём алгоритме. Коммерческие запросы задерживаются в определённом регионе страны.

Яндекс в первую очередь фокусируется на ранжировании ключевых слов и пользовательском интерфейсе. Он даёт отличные результаты по сравнению с Google. Фильтр - ссылка спама. Это также отдаёт должное некачественным ссылкам.

Яндекс - самая известная российская поисковая система. Яндекс завоевал популярность в СНГ. Яндекс также предоставляет несколько видов услуг, таких как видео, музыкальные фотографии, карты трафика, хранилище. Google хочет расширить свою популярность в СНГ за счёт привлечения потребителя. Яндекс наиболее популярен на устройствах Android. Поисковая система Яндекса может работать в операционной системе Android для увеличения мобильного поиска из-за встроенного характера поиска Google Android. Android покрыл более 70% российского мобильного рынка. Яндексу принадлежит 52% маркетинговых исследований.

Главный недостаток Яндекса - показывать несоответствие результатов. Результат поиска Яндекс содержит очень большой объём контента. Это сильно загромождает результат веб-страницы, отвлекает внимание пользователя, который, таким образом, не может получить нужную информацию.

Также Яндекс ориентирован на коммерческие запросы, он обрабатывает их лучше, чем другой направленности. Google, в свою очередь, предоставляет более актуальную и точную информацию.

**Google -** крупнейшая в мире поисковая система, принадлежащая компании Google Inc. Имеет русскую страницу, которая действует на территории СНГ и составляет огромную конкуренцию Яндексу. Google, вероятно, имеет лучшие алгоритмы из всех поисковых систем в мире. Так как компания является крупной, у неё есть ресурсы и возможности для инвестирования в совершенствование своих алгоритмов, чтобы предоставить своим пользователям наиболее точные результаты поиска. Когда вы ищете ключевое слово или фразу в Google, вы получите результаты, точно отвечающие на ваш вопрос.

Google использует скрытое семантическое индексирование, чтобы предоставить вам написанный человеком контент, в котором обсуждается интересующая вас тема, даже если нет точного соответствия ключевому слову. Например, он может определить, что такие слова, как «щенок» и «собака» похожи.

Он также использует поведение пользователей, чтобы точно определить, какие статьи и сообщения в блогах наиболее релевантные поисковой фразе. Если он заметит, что пользователи нажимают на определённый результат чаще, чем на другие, он поднимет этот результат на вершину выдачи результатов поиска.

Помимо поля для ответов, в Google есть множество встроенных инструментов, облегчающих вашу жизнь. Например, введите «calculator», чтобы вызвать онлайн-калькулятор. Вы можете сэкономить еще больше времени, просто введя уравнение в поле поиска для получения быстрого результата. Можно получить такие же быстрые результаты для других действий, таких как конвертация валюты, конвертация градусов Цельсия в градусы Фаренгейта, дюймы в сантиметры, а также определение времени заката или восхода солнца в определённом городе (введите закат Чикаго или любое другое название).

В то же время использование поисковой системы Google имеет ряд серьёзных недостатков. Вот основные причины, по которым люди избегают Google. Одним из основных недостатков Google является недостаточная конфиденциальность. Google

имеет доступ к обширной базе данных пользователей. Он использует эти данные для улучшения своих алгоритмов и взаимодействия с пользователем в целом.

Однако он также использует эти данные для показа рекламы. Он отслеживает историю поиска, и начинает появляться реклама, связанная с последними поисковыми запросами.

Таким образом, рассмотрев самые популярные поисковые системы в СНГ, выявив их достоинства и недостатки в сравнении, можно сделать вывод о том, что невозможно выделить лучшую или худшую. Каждая из них хороша по-своему. Каждый пользователь может самостоятельно выбрать для себя то, что удобнее в использовании именно ему.

**Литература:**

1. Джабраилов Ю.М. Лучшие научные поисковые системы и электронные библиотеки // Международный журнал прикладных наук и технологий «Integral». - 2018. - [электронный ресурс] - Режим доступа. - URL: https://cyberleninka.ru/article/n/luchshie-nauchnye-poiskovye-sistemy-i-elektronnye-biblioteki (дата обращения 05.03.2023)
